**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 657:338
ТКБ: 65.052
Б – 79

**БОЛТУЕВА РУХСОРА КАМОЛОВНА**

# РУШДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАСЕВТӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор Хушвахтзода Қ.Х**

**Душанбе – 2025**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ЗММ – Захираҳои молию моддӣ

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

КОА – Комиссияи олии атестатсионӣ

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

НАС – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ

НБМ – Низомномаи баҳисобгирии муҳосибӣ

РМДА – Рӯйхати маводи дорувории асосӣ

СБҲМ – Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ

СТАМК – Системаи таснифотии анатомии муоличавӣ ва кимиёвӣ

ТБШ – Тиб барои шумо

ТУТ – Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ

ABC – Activity Based Cost

IAS – International Accounting Standards

JIT – Just In Time

GMP – Good Manufacturing Practice

## МУНДАРИҶА


| | | |
|---|---|---|
| | **МУҚАДДИМА ...................................................** | **4** |
| **БОБИ 1.** | **АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАСЕВТӢ.........** | **15** |
| 1.1. | Баҳисобгирии идоракунӣ чун системаи иттилоотии дохилихоҷагӣ......................................................... | 15 |
| 1.2. | Бунёди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти самараноки идоракунӣ дар субъекти иқтисодӣ............ | 30 |
| 1.3. | Равишҳои методии омӯзиши мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ........................................................ | 45 |
| **БОБИ 2.** | **ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ТАШКИЛ ВА ПЕШБУРДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ФАРМАСЕВТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.................................................** | **64** |
| 2.1. | Таҳлили ҳолати соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ................................................................. | 64 |
| 2.2. | Ташкили баҳисобгирии фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ва натиҷаҳои он бо истифода аз низоми ҳисобҳо ........................................................ | 83 |
| 2.3. | Бунёди ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили сохтори он дар ширкатҳои фармасевтӣ........................................... | 100 |
| **БОБИ 3.** | **МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ АЗ РӮЙИ БИЗНЕС-РАВАНДҲОИ ШИРКАТИ ФАРМАСЕВТӢ ............** | **123** |
| 3.1. | Тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ............................................................... | 123 |
| 3.2. | Такмили методикаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ........................................................... | 139 |
| 3.3. | Коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ҳамчун асоси такмили методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо................................ | 155 |
| | **ХУЛОСА.......................................................** | **172** |
| | **АДАБИЁТ.....................................................** | **167** |
| | **ЗАМИМАҲО...................................................** | **202** |

## МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Ҳифзи саломатии аҳолӣ барои ҳар як давлат вазифаи муҳим ва аввалиндарача ҳисоб ёфта, баҳри ноил гаштан ба солимии ҷомеа аз ҷониби ҳукуматҳо ва идораҳои салоҳиятдор чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Бунёди марказҳои саломатӣ, таъмини доруворӣ ва таҷҳизоти табобатӣ аз ҷумлаи амалҳое мебошанд, ки барои раванди беҳгардонии солимии ҷомеа мусоидат менамоянд. Ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ низ метавонанд дар ин раванд саҳми босазо дошта бошанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати истеҳсоли доруворӣ, ки метавонад барои баландбардории вазъи солимии шаҳрвандон таъсири мустақим расонад, на он қадар рушд намудааст. Таъминоти маводи доруворӣ аз ҷониби ширкатҳои истеҳсолкунандаи дору хеле ночиз аст. Аз ин рӯ, ҳиссаи бузурги маводи доруворӣ, ки барои беҳдошти вазъи саломатии шаҳрвандон (бо роҳи фурӯши мустақим ба аҳолӣ ва харидкунии давлат барои таъминкунии муассисаҳои тиббӣ) аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Бо сабаби афзоиши ҳамешагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хатарҳои пешмеомада, ки ба саломатии шаҳрвандон таҳдид менамоянд, васеъшавии номгӯи дорувориҳо, сол то сол афзоиши корхонаҳои тиҷоратии фармасевтӣ ва афзоиши фурӯши маводи доруворӣ ба назар мерасад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ бозори фурӯши маводи доруворӣ беш аз як миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ширкатҳое, ки ба воридот ва фурӯши маҳсулоти доруворӣ машғуланд, хеле зиёд аст. Қисме аз онҳо ҳам соҳиби корхонаҳои истеҳсолианд ва ҳам ба воридот ва фурӯши маводи доруворӣ машғуланд. Байни онҳо рақобати шадид (аз рӯйи сифати маҳсулот, нарх, сифати хизматрасонӣ, шабакаҳои фурӯш ва ғ.) вуҷуд дорад. Дар чунин шароит роҳбарияти ин корхонаҳоро лозим меояд, ки идоракунии ниҳоят самаранокро дар корхона таъмин намоянд. Сари вақт иттилооти муҳосибии босифат, дуруст коркардшуда ва

такмилёфтаро оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона, ки барои қабули қарорҳои идоракунии фоидаовар мусоидат менамояд, дастрас карда тавонанд. Бинобар ин, дар ширкатҳои фармасевтӣ татбиқи низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ ва ҳисоботи дохилӣ бо равишу усулҳои барои рушди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мусоидаткунанда ҳатман зарур аст.

Бояд қайд намуд, ки соҳаи тиҷорати фармасевтӣ дорои хусусиятҳои махсус ва мураккаб буда, ба танзими давлатӣ ниёз дорад. Танзими давлатӣ ва назорати субъектҳои бозори фармасевтӣ аз рӯйи якчанд самтҳо амалӣ мегардад: расмигардонии фаъолият; назорати сифат ва сертификатсияи маводи доруворӣ; назорати муҳлати амали доруворихо; назорати нарх тибқи гурӯҳҳои муайян ва ғ. Ҳамаи ин талаботҳои иловагӣ ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Ҳамин тариқ, талаботҳо ба иттилооти муҳосибӣ афзуда, зарурати ташкили механизмҳое ба миён меояд, ки қобилияти бунёди ахбори саривақтӣ ва пурраи инъикоскунандаи ҳолати муҳити берунӣ ва дохилиро дошта бошанд. Бояд стратегияи интихобшуда сохтори муташаккил ва низоми бунёди бизнес-равандҳоро ба назар гирад. Аҳаммияти амалии такмили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ дар баландбардории самаранокии фаъолияти молиявию хоҷагидории субъекти иқтисодӣ зоҳир мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Омӯзиши манбаъҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки масъалаҳои назариявии рушди баҳисобгирии идоракунӣ мавриди таҳқиқоти зиёди олимони хориҷӣ, аз он ҷумла дар асарҳои олимон: Адамов Н.А., Азрилияна А.Н., Барышев С.Б., Булгакова С.В., Вахрушина М.А., Волкова О.Н., Долгов С., Друри К., Зимакова Л.А., Иванова М.А., Ивашкевич В.Б., Исраилов М.И., Карпова Т.П., Керимов, В.Э., Колесников С.И., Кондраков Н.П., Мелисова С.А., Николаева О.Е., Рассказова-Николаева С.А., Палий В.Ф., Палий В.В., Рис Дж., Соколов Я.В., Соколов, В.Я., Фарненкова Н.А., Фостер Дж.,

Чая, В.Т., Чернышев В.Е., Чупахина Н.И., Хорнгрен Ч.Т., Шеремет А.Д., Шебек С.В., Шишкова Т.В., Энтони Р. Ва дигарҳо қарор гирифтааст.

Саҳми олимони ватанӣ ба монанди Бобоев М.У., Бобиев И.А., Дадоматов Д.Н., Мирзоалиев А.Х., Низомов, С.Ф., Калемуллоев М.В., Каримов Б.Ҳ., Олимов И.А., Файзуллоев А.Х., Розиев Д.А., Уроқов Д.У., Хушвахтзода Қ.Х., Шамсиддинов М.М., Шарифов З.Р., Шерназаров А., Шобеков М., Шоймардонов С.Қ. ва дигарҳо дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методӣ ва амалии баҳисобгирии идоракунӣ хеле намоён аст.

Ба масъалаи баландбардории самаранокии идоракунии ширкатҳои фармасевтӣ ва баҳисобгирии фаъолияти онҳо олимони зерин таҳқиқотҳои худро бахшидаанд: Кононова С.В., Кузубова Ж.Л., КуликВ.В., Лоскутова Е.Е., Лидер М.Б., Максимкина Е.А., Мирзоев А.И., Наумова Н.А., Ржавина Ю.Б. ва дигар муаллифон. Дар бештари таҳқиқотҳо танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи баҳогузории фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ ва такмили идоракунии онҳо вобаста ба сохторҳои таркибии субъекти иқтисодӣ дида баромада шудааст.

Зарур будани мавзуи таҳқиқшавандаро қайд намуда, гуфтан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки таҳқиқотҳои зиёди илмӣ доир ба масъалаҳои баҳисобгирии идоракунӣ анҷом дода шудааст, равишҳои мушаххасеро пайдо кардан аз имкон берун аст, ки тавонанд ба ташаккули махзани иттилоотӣ-таҳлилии нафъовар, бунёди низоми амалан мукаммали баҳисобгирии идоракунӣ ва ба қабули қарорҳои идоракунии фоидаовар дар ширкатҳои тиҷорати фармасевтӣ мусоидат кунанд. Омӯзиши нокифоя, инчунин аҳаммияти амалии баландбардории самаранокии низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ интихоби мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, таҳти №392), «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1413 аз 30 майи соли 2017, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» №39 аз 6 августи соли 2001, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба харид ва тақсимоти маводи доруворӣ», Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", №569 аз 28 октябри соли 2020, инчунин Нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи «Муаммоҳои муосири мукаммалгардонии принципҳо, усулҳо ва методологияи баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат ва аудит дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ, инчунин коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки барои беҳгардонии вазъи таъминоти иттилоотии роҳбарияти ширкатҳои фармасевтӣ мусоидат мекунанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафҳои муайяншуда иҷроиши вазифаҳои зерин талаб карда мешавад:

– омӯзиши асосҳои методологии рушди баҳисобгирии идоракунӣ, саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар бунёди консепсияи он ва пешниҳоди муаллифии таърифи баҳисобгирии идоракунӣ;

– таҳлили ҳолати соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайянкунии таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ;

– омӯзиши вазъи ташкили баҳисобгирии фаъолияти тиҷоратӣ-савдоии ширкати фармасевтӣ ва коркарди тавсияҳои методӣ барои мукаммалгардонии он;

– коркарди тавсияҳои методӣ барои ташаккул ва рушди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ;

– пешниҳод кардани амсилаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ;

– коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ҳамчун асоси такмили методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мебошад, ки шакли асосии фаъолияти онҳо истеҳсол, воридкунӣ ва фурӯши маводи доруворӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ аст.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он асос меёбад, ки фаъолияти ширкатҳои фармасевтии тиҷоратӣ, аз он ҷумла ширкатҳои истеҳсолӣ, бизнес-равандҳои муайянро дар бар гирифта, дорои хусусиятҳои хос мебошанд ва барои идоракунии босамари он низоми таъминоти иттилоотии мукаммал талаб карда мешавад. Бинобар ин, зарурати рушди методикаи баҳисобгирии идоракунии даромаду хароҷот, ташаккули ҳисоботи идоракунӣ, мукаммалгардонии баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо ва таҳияи нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти онҳо дар шароити рақобати шадид тавассути коркардҳои назариявӣ-методӣ ва тавсияҳои амалӣ бо мақсади таъминоти иттилоотии низоми идоракунии ширкатҳои фармасевтӣ ба миён меояд.

**Асосҳои назариявию методологии** таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқотҳои появии олимони ватанию хориҷӣ дар самти назария ва методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили иқтисодӣ, омор, аудит, менеҷмент ва усулҳои қабули қарорҳо дар раванди идоракунии субъекти иқтисодӣ, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот усулҳои гуногуни умумиилмӣ, қоидаҳо ва тарзҳои омӯзиши қонуниятҳои иқтисодӣ ва рӯйдодҳои рушд: усулҳои таърихӣ, мантиқӣ,

маҷмуӣ ва системавӣ дар мувофиқат бо таҳлилҳои омилӣ, тарзу усулҳои таъмини иттилоотии қарорҳои идоракунӣ, унсурҳои методи баҳисобгирии муҳосибӣ, аз он ҷумла ҳисобҳои муҳосибӣ, навишти дутарафа, ҳисоботи муҳосибӣ, арзишмуайянкунӣ ва ғ. Истифода бурда шудаанд. Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот маҳз бо истифода аз маҷмуи усулҳои зикршуда таъмин гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Дар диссертатсия аз ҷамъбасткуниҳо ва хулосаҳои назариявӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, маводи дастурӣ доир ба масъалаи таҳқиқшаванда, маводҳо ва маҷмуаҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ, мақолаҳои дар нашрияҳои ватанӣ, хориҷӣ ва дар шабакаҳои интернет нашршуда, маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибии ширкатҳои фармасевтӣ ва дигар сарчашмаҳо ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии тадқиқот.** Навгонии илмии диссертатсия дар коркарди муқаррароти назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили низоми баҳисобгирии идоракунӣ зоҳир мегардад, ки ҳалли маҷмуии онҳо барои ташаккулёбӣ ва рушди низоми пешрафтаи иттилоотии дар қабули қарорҳои идоракунӣ мусоидаткунанда дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ кумак мерасонанд. Дар рафти таҳқиқот натиҷаҳои зерини нисбатан муҳим ба даст оварда шуд:

– асосҳои назариявию методологии ташаккулёбӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда, саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар бунёди консепсияи он, моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти самараноки менеҷмент муайян гардида, равишҳои методии

омӯзиши ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд;

– ҳолати кунунии соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳлил гардида, хусусиятҳои соҳа ва муаммоҳои дар он мавҷудбуда ошкор ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуд;

– вазъи ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ва ташаккули натиҷаҳои молиявӣ таҳлил карда шуда, тавсияҳои методӣ барои бартарафкунии муаммоҳо, хусусан тавассути таснифи дармадҳо ва истифодаи низоми ҳисобҳои муҳосибии аз рӯйи дараҷаҳои гуногун ҷузъигардонидашуда барои баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати фармасевтии тиҷоратӣ коркард карда шуда, амсилаи алоқамандии ҳисобҳо барои инъикоси иттилооти муҳосибӣ пешниҳод карда шуд;

– раванди ташаккули ҳисоботи идоракунии дохилӣ дар ширкатҳои фармасевтии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таҳлили маълумотҳои ҳисобот гузаронида шуда, дар ин замина амсилаи бунёдшавии ҳисоботи дохилӣ коркард, тавсияҳои методӣ барои мукаммалгардонӣ ва рушди ҳисоботи дохилии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд;

– аҳаммияти ҷудокунии фаъолияти ширкати фармасевтӣ ба бизнес-равандҳо, ба мисли бизнес-раванди “Фаъолияти сармоягузорӣ”, бизнес-раванди “Таъминот”, бизнес-раванди “Фаъолияти истеҳсолӣ”, бизнес-раванди “Фурӯш ва маркетинг”, бизнес-раванди “Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот” ва бизнес-раванди “Маъмурӣ ва хоҷагӣ”, ки барои устуворгардонии низоми назорат ва идоракунӣ мусоидат менамоянд, муайян гардида, аломатҳои таснифи хароҷот пешниҳод, моҳияти баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо ошкор карда шуда, амсилаи татбиқи он дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ коркард карда шуд;

– нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ барои баҳогузории фаъолияти ҳар як бизнес-раванд дар ширкати фармасевтӣ муайян карда шуда, методикаи ҳисобкунии онҳо коркард ва дар ин асос методикаи муайянкунии самаранокии кори корхона дар маҷмуъ пешниҳод карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асосҳои консептуалии ташаккулёбӣ ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ омӯхта шуда саҳми олимони ватанию хориҷӣ дар бунёди он муайян гардид. Таҳлили консепсияҳои илмӣ оид ба баҳисобгирии идоракунӣ имконият фароҳам овард, ки мавқеъ, нақш ва таъиноти баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодӣ муайян карда шавад;

– ҳолати кунунии соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиш ва таҳлил карда шуда, хусусиятҳои соҳа ва проблемаҳои мавҷудбуда ошкор гардида, таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда шуд;

– таҳлили вазъи ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти тиҷоратӣ-савдоии ширкати фармасевтӣ гузаронида шуда, тавсияҳои методӣ барои бартарафкунии муаммоҳо бо истифода аз низоми ҳисобҳои муҳосибӣ коркард карда шуда, амсилаи алоқамандии ҳисобҳо, ки барои ташаккул ва банизомдарории иттилооти иқтисодӣ мусоидат менамояд, пешниҳод карда шуд;

– раванди ташаккули ҳисоботи идоракунии дохилӣ дар ширкатҳои фармасевтии ватанӣ мавриди таҳқиқ карор гирифта, дар ин замина амсилаи бунёдшавии он коркард, тавсияҳои методӣ барои мукаммалгардонӣ ва рушди ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда шуд;

– аҳамияти ҷудокунии фаъолияти ширкати фармасевтӣ ба бизнес-равандҳо, ки барои устуворгардонии низоми назорат ва идоракунӣ мусоидат менамоянд, муайян карда шуда, аломатҳои таснифи хароҷот пешниҳод, амсилаи татбиқи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ коркард карда шуд;

– коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ барои баҳогузории фаъолияти ҳар як бизнес-раванд дар ширкати фармасевтӣ ба ҷо оварда шуда, методикаи ҳисобкунии онҳо ва дар ин асос методикаи муайянкунии самаранокии кори корхона дар маҷмуъ пешниҳод карда шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар коркарди муқаррароти назариявию методӣ оид ба муайянкунии мафҳум, моҳият, қоидаҳо ва ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ барои мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ ҷиҳати баландабардории самаранокии ташаккули иттилоот ва қарорҳои идоракунӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои методӣ ва амалии коркардшуда барои ташкил ва мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ дар амалияи онҳо мусоидат менамоянд. Дар натиҷаи такмили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона раванди ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилоот ба низом дароварда шуда, имконияти таъминоти иттилоотии роҳбарият беҳтар шуда, қарорҳои босамари идоракунӣ қабул карда мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълими фанҳои тахассусӣ доир ба баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ ва назорати дохилӣ, инчунин ҳангоми кокарди маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ дар самтҳои додашуда истифода бурда мешаванд. Коркардҳои методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳияшуда зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодии соҳаи фарамасевтӣ ва ҳангоми таҳияи санадҳои дахлдори меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҳлили вазъи соҳа, дақиқии маълумотҳои аз муҳосиботи ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ гирифташуда ва таҳлили онҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот

тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ҷавобгӯ мебошад: бандҳои 1.1. Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ; 1.3. Асосҳои методологӣ ва вазифаҳои мақсадноки баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.4. Таърихи рушди назария, методология ва ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ; 1.7. Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) дар корхонаҳои шакли ташкилӣ-ҳуқуқияшон гуногун, ҳамаи соҳаҳо ва сатҳҳо; 1.13. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ; 1.16. Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат); 2.11. Назария ва методологияи таҳлили молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва маркетингӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Муаллиф зарурияти ташкили баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намудааст. Камбудиҳои мавҷудбударо дар раванди ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи бизнес-равандҳо ва дигар самтҳои фаъолияти корхона муайян карда, равиши муносиби ташкили баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунии босамарро барои ширкати тиҷорати фармасевтӣ пешниҳод намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот**. Нуктаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар кори диссертатсионӣ мухтасар ифода ёфтаанд, дар бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Паёмҳои Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон, Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маҷаллаи илмии “Наука и инновация”, маҷаллаи “Экономика и управления”, Маҷаллаи илмӣ-амалии “Паёми Академияи фармасевтии давлатии шаҳри Перм”-и Федератсияи Россия, конфронсҳои дохилидонишгоҳӣ ва минтақавӣ маъруза карда шуда, тасдиқи худро ёфтаанд. Ҳамчунин коркардҳо ва тавсияҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии унсурҳо ва усулҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои иқтисодии тиҷорати фармасевтӣ – ҶДММ “Тиб барои шумо” (маълумотномаи №5 аз 12.02.2024) ва ҶДММ “Вежа Фарма” (маълумотномаи №08/24 аз 18.01.2024) мавриди истифода ва татбиқ қарор гирифтаанд. Ҷанбаъҳои назариявию методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ зимни тадриси фанҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии идоракунӣ, аудит, таҳлили иқтисодӣ, менеҷмент ва маркетинг метавонанд истифода бурда шаванд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола дар ҳаҷми муаллифии 6,4 ҷ.ч. (аз он ҷумла саҳми муаллиф 5,4 ҷ.ч) нашр шудааст. Аз онҳо 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар сохтори диссертатсия муқаддима, қисми асосӣ иборат аз се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ҷудо карда шуда аз 28 ҷадвал ва 18 расм иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 213 саҳифаи чопи комютерӣ иҷро гардидааст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ТИҶОРАТИИ ФАРМАСЕВТӢ

## 1.1.Баҳисобгирии идоракунӣ чун системаи иттилоотии дохилихоҷагӣ

Баҳисобгирии идоракунӣ яке аз соҳаи илмҳои иқтисодӣ мебошад, ки тарзу усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоот дар бораи фаъолияти корхонаро бо мақсади қабули қарорҳои муассири идоракунӣ меомӯзад. Он ҳамчун заминаи таъминоти иттилоотӣ унсури пайвастаи низоми идоракунии корхона буда, таҳлил, банақшагирӣ ва буҷетсозӣ, ташкил ва назорати фаъолияти корхона ва зерсохторҳои он дар асоси иттилооти омоданамудаи баҳисобгирӣ амалӣ карда мешавад. Илова бар ин баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми идоракунии корхона роҳбариятро бо маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳои самаранок таъмин менамояд. Он на танҳо як василаи мушоҳидакунӣ, ғункунӣ ва коркарди иттилооти молиявӣ-хоҷагидорӣ мебошад, балки воситаи муҳимми баландбардории рақобатпазирии корхона тавассути гузаронидани корҳои таҳлилӣ ва назорат аз рӯйи нишондиҳандаҳои фаъолияти бахшҳо ва зербахшҳо, ҳамчунин дар заминаи ахбори омодагардида асоси қабули қарорҳои босамар, ки метавонанд мустақиман дар бартараф кардани нуқсу камбудиҳо саҳм гузоранд, ҳисоб меёбад.

Баҳисобгирии идоракунӣ бо дигар фанҳои иқтисодӣ, ки ба ҳамаи мо маълуманд (таҳлили иқтисодӣ, баҳисобгирии молиявӣ, менеҷмент ва ғ.) ҳамбаста буда, ба асосҳои назариявию методологии онҳо такя намуда, василаҳои методӣ ва усулҳои илмии дар онҳо коркардшударо барои иҷрои функсияҳои худ истифода мебарад.

Иттилоот манбаи асосии идоракунӣ буда, дар заминаи он имконият фароҳам меояд, ки қарорҳои асоснок қабул карда шуда, захираҳои корхона самаранок истифода бурда шуда, субъекти иқтисодӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор мутобиқ гардад. Дастгирии иттилоотии

идоракунӣ равандҳои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооти барои идоракунӣ заруриро дар бар мегирад.

Дар бозори имрӯзаи динамикӣ ва афзояндаи рақобат, самаранокии идоракунии корхона асосан аз сифат ва саривақтии қарорҳои идоракунӣ вобастагии қавӣ дорад. Яке аз воситаҳои асосӣ, ки дастгирии иттилоотии ин қарорҳоро таъмин мекунад, баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як соҳаи муҳимми илмҳои иқтисодӣ ба ҷамъоварӣ, таҳлил ва пешниҳоди иттилооте, ки барои банақшагирӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти корхона заруранд, равона карда шудааст.

Бояд гуфт, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҷараёни пайдарпай буда, такмили доимӣ ва мутобиқшавиро ба шароити тағйирёбандаи корхона талаб мекунад.

Баҳисобгирии идоракунӣ дар ҳаёти иқтисодии кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари ба вуҷуд омадани корхонаҳои ба самти бозор нигаронидашуда зуҳур намуд. Дар шароити рақобати сахт на танҳо рушди тиҷорат, балки худи мавҷудияти он низ, аксаран аз қабулкунии қарорҳои дурусти идоракунии барои ин муҳит зарур вобаста аст.

Омӯзиши пояҳои илмию консептуалии баҳисобгирии идоракунӣ бо ҳамаи унсурҳои таркибиаш ва пешниҳоди коркардҳои назариявию амалӣ дар роҳи татбиқи амалии баҳисобгирии идоракунӣ вобаста ба хусусиятҳои инфиродӣ ва шаклҳои пешбурди фаъолияти ҳар як субъекти фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти бузург дорад.

Муаллифи рисолаи илмии соҳаи баҳисобгирӣ “Ташаккул ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ”(дар мисоли корхонаҳои саноати кӯҳӣ) – Шамсиддинов М.М баҳисобгирии идоракуниро унсури муҳимми идоракунии корхона номидааст, ки барои

қонеъгардонии ниёзҳои иттилоотии менеҷерон метавонад аз усул, низом ва амсилаҳои гуногун истифода намояд[1].

Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури идоракунӣ ва назорат дар шакли низоми иттилоотӣ дар корхонаҳо баромад мекунад. «Иттилоот дар ҷаҳони муосир дар баробари замин, сармоя ва қувваҳои меҳнатӣ ба омили чоруми истеҳсолот табдил ёфтааст»[2].

Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар пешниҳоди маълумоте, ки ба менеҷерҳо зарур аст, ё ин ки дар раванди идоракунии фаъолияти тиҷоратӣ шояд ба кор ояд, зоҳир мегардад. Аз баҳисобгирии идоракунӣ талаб карда мешавад, ки падидаҳои пешояндаро ҳатман ояндабинӣ намояд, то ин ки ба рафти он имконияти таъсир расонидан муҳайё гардад.

А.Д. Шеремет[3] баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун қисми таркибии низоми баҳисобгирии корхона муаррифӣ карда хулоса мебарорад, ки он дастгоҳи идоракунии субъекти иқтисодиро бо маълумоти зарурие таъмин менамояд, ки барои ба нақша гирифтани идоракунӣ ва назорати воқеии фаъолияти ташкилот истифода мешавад.

Ташаккул ва рушди ҳар як илм дар натиҷаи мубоҳисаҳо, бунёди назарияҳо ва гузаронидани таҷрибаҳо марҳилаҳои таърихии муайянеро паси сар менамояд, ки баҳисобгирии идоракунӣ низ аз ҷумлаи онҳост. Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ ба фаъолияти бобарор ва сермаҳсули тиҷорат ва истеҳсолот, ки дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба амал омадааст, вобастагии қавӣ дорад – чунин меҳисобанд муҳаққиқони рус В.Т. Чая ва Н.И. Чупахина[4]. Андешарониҳои Л.А. Зимакова оид ба таърихи пайдоиши баҳисобгирии идоракунӣ чунин аст: «Асрҳои тулонӣ

[1] Шамсиддинов М.М.Ташаккул ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати кӯҳӣ) [Матн] / М.М. Шамсиддинов // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ ва омор. Душанбе, ДМТ – 2022. – С.14 с.

[2] Долгов С. Экономическая психология и экономическая информация / С. Долгов // Российский экономический журнал.–1999г. – №1. – с.95;

[3] Управленческий учет. Учебное пособие / под. ред. А.Д. Шеремета. 2-е изд. – М.: ФБК–ПРЕСС, 2002. – С.17.

[4] Чая, В.Т., Чупахина, Н.И. Этапы развития управленческого учета [Текст] / В.Т. Чая, Н.И. Чупахина // Управленческий учет. – 2007. – № 21 . – С. 2.

паси сар гардид, ки баҳисобгирии идоракунӣ пайдо шуда рушд намуд ва дар офариниши иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ, ки аслан ба хароҷоти хоҷагидорӣ ва ҳисоби арзиши аслии маҳсулот (ҳисобгирии махфӣ) мансуб буд, асос гузошт»[5].

Ақидаи Колесников С.И. ва Фарненкова Н.А. дар он аст, ки заминаи пайдоиши баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоби хоҷагӣ мебошад: «Пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ бо таърихи рушди ҳисоби хоҷагӣ, ки ҳадафи он низ тайёркунии маълумот оид ба вазъи хоҷагидорӣ ва пешниҳоди он ба роҳбари хоҷагӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, алоқаи ногусастанӣ дорад»[6]. Аммо, олимони рус Я.В. Соколов ва В.Я. Соколов[7] андеша доранд, ки норасогиҳои муҳосиботи анъанавӣ сабаби он гашт, ки баҳисобгирии идоракунӣ арзи ҳастӣ кунад. Ҳисобгирие, ки аз рӯйи меъёрҳо (стандартҳо)-и тасдиқшуда пеш бурда мешуд, қодир бар он набуд, ки талаботи ахбории истифодабарандагони дохилӣ таъмин гардад ва аз рӯйи онҳо қабули қарорҳои фаврӣ ғайримкон буд.

Ҳамаи ин таҳқиқотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки заминаҳои илмии боэътимод аз пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ дарак медиҳанд, ки он таърихи қадим дорад. Яъне аломатҳои аввалини баҳисобгирии идоракунӣ ба зуҳури ҳисоби хоҷагӣ, ки ба давраҳои ғуломдорӣ ва рушди муносибатҳои молию пулӣ асос мегирад, вобаста мебошад.

Аҳаммияти баҳисобгирии идоракунӣ дар муайянкунӣ, огоҳкунӣ ва сари вақт танзимкунии мушкилотҳо дар самтҳои асосии фаъолияти корхона ва ҳатто дар ҳолатҳои инқирозӣ зоҳир мегардад. Ҳангоми иҷронамоии вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ муқоисакунии

[5] Зимакова, Л.А. Создание интегрированной системы финансового и налогового учета на российских предприятиях [Текст] / Л.А. Зимакова, В.И. Болтенков // Научные ведомости БелГУ. – 2009. – № 2. – С.74 (С.74-80).

[6] Колесников, С.И., Фарненкова, Н.А. Из истории становления и развития управленческого учета в торговле [Текст] / С.И. Колесников, Н.А. Фарненкова // Все для бухгалтера. – 2008. – № 4 (220). – С. 24.

[7] Соколов, Я.В., Соколов, В.Я. История бухгалтерского учета: Учебник [Текст] / Я.В. Соколов, В.Я. Соколов. – М.: Финансы и статистика, 2004. – С.175 (272 с).

нишондиҳандаҳои воқеӣ бо нишондиҳандаҳои меъёрӣ анҷом дода шуда, ҷараёни таҳқиқи вазъият шуруъ мегардад[8].

Дар баҳисобгирии идоракунӣ маълумоти дохилӣ дар бораи фаъолияти ташкилот барои эҳтиёҷоти мушаххаси идоракунӣ (такмил додани истеҳсолот, кам кардани хароҷот ва ғ.) ташаккул меёбад. Ба гуфтаи Н. Адамов ва В. Чернышева: «Баҳисобгирии идоракунӣ ҷузъи (зерсистемаи) баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад, ки роҳбарияти ташкилотро бо маълумоти барои банақшагирӣ, идоракунӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ зарурбуда таъмин менамояд»[9]. Маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ сирри тиҷоратӣ буда, ошкор карда намешавад. Он, пеш аз ҳама, маълумот оид ба хароҷоти истеҳсолот, намудҳои маҳсулот, моддаҳои хароҷот, марказҳои масъулият барои шуъбаҳои мушаххас ва дигарҳоро дар бар мегирад.

Таҳқиқоти муаллифӣ дар самти муайянкунии мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ муайян намуд, ки ҳамаи муаллифон баҳисобгири идоракуниро ҳамчун низоми иттилоотӣ, ки менеҷерони корхонаро бо маълумоти иктисодию молиявӣ таъмин мекунад, тасдиқ намудаанд. Чунин андеша дар асарҳои олимон – Н. Адамов, С.Б. Барышев, О.Н.Волкова, М.А.Вахрушина, В. Чернышева, Я.В. Соколов, В.Т. Чая, Н.И. Чупахина, Л.А. Зимаков, С.И. Колесников, Н.А. Фарненков. Н.П. Кондраков, Ч.Т. Хорнгрен, Ҷ. Фостер. С.Ф. Низомов, Хушвахтзода Қ.Х., В.Ф.Палий, А.Д. Шеремет, Р.Энтони, Ҷ.Рис. ва диг. Мушоҳида карда мешавад.

Нақши баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун базаи иттилоотӣ С.Б. Барышев[10] эътироф намуда, қайд мекунад, ки он барои тартиб додани ҳисоботи дохилӣ (идоравӣ) ҷиҳати қабули қарорҳо пешбинӣ шудааст.

[8] Романов М.С. Управленческий учёт и его роль в управлении организацией / М.С. Романов // Сервис в России и за рубежом. Сетевой науный журнал. – 2017. Т. 11. – Вып. 1. – С. 6-16. DOI: 10.22412/1995-042X-11-1-1.

[9] Адамов Н.А., Чернышев В.Е. Организация управленческого учета в строительстве. Монография / Н.А. Адамов, В.Е. Чернышев. – Спб.: Питер, 2006. – С.35.

[10] Барышев С.Б. Диагностика управленческого учета. Монография / С.Б. Барышев. – М.: Издательство торговая корпорация «Дашкова и К», 2007. – С.23 (182 с.);

Розиев Д.А.[11] корбурди воситаҳои муосири менеҷмент, баҳисобгирӣ, таҳлил ва назоратро ҳамчун усулҳои боэътимод ва санҷидашудае мешуморад, ки низоми баҳисобгирии идоракуниро ҳангоми истифода бурдан аз онҳо дар ҳалли масъалаҳои таъминоти иттилоотӣ самаранок мегардонанд.

Дар сарчашмаҳои гуногуни солҳои охир метавон мафҳумҳои зиёди баҳисобгирии идоракуниро мушоҳида намуд, ки ба ҳамон нақши иттилоотӣ доштани он поягузорӣ шудаанд. Ба мисли он ки масалан, Н.П. Кондраков[12] баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун низоми иттилоотӣ дар бораи фаъолияти хоҷагидории ташкилот, воҳидҳои сохтории он ... барои амалигардонии нақшаҳо, Волкова О.Н.[13] баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун низоми мубодилаи ахбор ... баҳри ноилгардӣ ба ҳадафҳои олии ташкилот равонагардида мешуморад. Ч.Т. Хорнгрен ва Ҷ. Фостер[14] баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун .раванди иттилоотие, ки барои идораи ягон объект муҳим аст, шарҳ медиҳанд. Дар ҷойи дигар онҳо бар чунин ақидаанд, ки баҳисобгирии идоракунӣ қисми ҳадди ақали баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.[15] Аз ин рӯ, олимони мазкур доира ва соҳаи баҳисобгирии идоракуниро бо баҳисобгирии молиявӣ ҳамбаста медонанд.

Вахрушина М.А. пешниҳод мекунад, ки: «Яке аз самтҳои мустақили баҳисобгирии муҳосибии корхонаро баҳисобгирии идоракунӣ ишғол мекунад, ки ҳадафаш таъмини иттилоотии идоракунандагон мебошад. Ин раванд муайянкунӣ, ченкунӣ, қайдкунӣ, ҷамъоварӣ, муҳофизат, таҳлил, омодакунӣ ва интиқоли иттилоотеро дар бар мегирад, ки ба

[11] Розиев Д.А. Ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои саноати бофандагӣ [Матн] / Д.А. Розиев // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор. – Душанбе , 2021. – С.12 (223 с.)

[12] Кондраков Н.П. Иванова М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учебн. пособие. – М.: ИНФРА-М, 2008.– С.6 (368 с).

[13] Волкова О.Н. Управленческий учет: учебник. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – С.21 (472 с.).

[14] Хорнгрен Ч.Т., Фостер Дж. Бухгалтерский учет: управленческий аспект / пер. с англ. / под ред. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 1995.– С.8 (416 с.).

[15] Хорнгрен Ч.Т., Фостер Дж. Бухгалтерский учёт: управленческий аспект. пер. с анг.; Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 1995. – С.145 (416 с.)

дастгоҳи идоракунӣ барои иҷрои вазифаҳои ӯ зарур аст»[16]. Ин олими рус дар таҳқиқоти дигараш баҳисобгирии идоракуниро «ҳамчун низоми иттилоотӣ ва ҳамчун соҳаи илм»[17] эътироф намудааст.

Барои субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хусусан, пас аз истиқлолияти давлатӣ дар асоси муносибатҳои бозорӣ фаъолияти худро ба роҳ мондан гирифтанд, баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури нав ҳисоб меёфт. То ин дам дар корхонаҳо баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври марказонидашуда дар асоси меъёрҳои муайян ва муқарраршуда пеш бурда мешуд. Танҳо дар солҳои 90-ум ва аввали солҳои 2000-уми асри нав зарурияти истифодабарии унсурҳои баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ, ҳамчун низоми нави иттилоотӣ ва соҳаи прогрессивии илм бо афзоиш ёфтани субъектҳои иқтисодии ба шароити бозор мутобиқ пайдо шуд[18].

С.Ф. Низомов[19] нақши ҳалкунанда доштани марҳилаи ҷудошавии баҳисобгирии идоракуниро аз низоми баҳисобгирии муҳосибӣ эътироф намуда, ҳамчун фанни илмии бо асосҳои методологии устувор дар ҳалли масъалаҳои амалии идоракунии субъекти иқтисодӣ, новобаста аз тобеияти соҳавии онҳо дорои аҳаммияти амалии бузург мешуморад.

Дар радифи ин консепсияҳо В.Э. Керимов[20] ҳадафи асосии баҳисобгирии идоракуниро тайёркунии маълумот оид ба ташаккули хароҷот, натиҷаҳои умумии фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он барои давраи гузашта, ҳозира ва оянда мепиндорад. Мо андешаҳои олимро ҷонибдорӣ намуда илова карданием, ки ҳадафи баҳисобгирии

[16] Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб, для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям. 7-е изд. – М.: Омега-Л, 2008. – С.16 (570 с.).

[17] Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для вузов. 2-е изд., доп. и пер. – М.: ИКФ Омега-Л; Высш. шк., 2002. - С.12 (528 с.).

[18] Шамсиддинов М.М.Ташаккул ва такмили ҳисоботи идоракунӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ (дар мисоли корхонаҳои саноати кӯҳӣ) [Матн] / М.М. Шамсиддинов // Дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и. аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Ҳисоби муҳосибӣ ва омор. – Душанбе, ДМТ. – 2022. – С.15.

[19] Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. - М, 2011. – С.23 (360 с.).

[20] Керимов, В.Э. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. [Текст] / В.Э. Керимов / 5-е изд., изм. и доп. - М.: Дашков и К, 2009. – С.27 (477 с.).

идоракунӣ дар баробари омодакунии иттилоот оид ба хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхона баҳисобгирии равандҳо (амалиётҳо)-и хоҷагӣ, баҳисобгирии тактикӣ ва стратегӣ, таҳлили маълумот ва назорати фаъолияти хоҷагидорӣ низ мебошад.

Аз маънидодкуниҳои мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ хулоса мекунем, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун унсури таркибии фанни баҳисобгирии муҳосибӣ, чунин самтҳои мушаххаси раванди идоракуниро – таъмини иттилоотии низоми идоракунӣ, ҳисоби хароҷот ва арзишмуайянкунӣ, таҳлили маълумот, инчунин, омезиши дигар функсияҳои идоракунӣ (банақшагирӣ, ояндабинӣ, ташкил, назорат, таҳлил ва танзим)-ро дар бар мегирад.

Вазифаи муҳимми баҳисобгирии идоракуниро Друри К. Чунин меҳисобад: «Пешниҳод намудани иттилоот ба кормандони корхона, ки онҳо дар асоси ин иттилоот имконияти қабули қарорҳои босамарро пайдо менамоянд»[21]. Ин олими шинохта муайянкунии вазифаи асосии баҳисобгирии идоракуниро пешниҳоди маълумот ва қабули карорҳо мешуморад.

Олимон Энтони Р., Рис Ҷ. Баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун ҷараёни таъминоти иттилоотӣ шарҳ дода, қайд менамоянд: «Ҷараёне дар доираи фаъолияти корхона мебошад, ки дастгоҳи идоракуниро бо иттилоот барои банақшагирии идоракунӣ ва назорати фаъолияти корхона ба ҳам мепайвандад[22].

Баҳисобгирии идоракунӣ, аз як тараф ин низоми идоракунии буҷети корхона ва низоми баҳогузории фаъолияти корхона ва зерсохторҳои таркибии он мебошад ва аз дигар тараф, он низоми боз ҳам муфассали ташкили баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагӣ бо мақсади назорат аз рӯйи фаъолияти корхона, яъне василаи муҳосибии идоракунӣ ҳисоб меёбад[23].

[21] Друри К. Управленческий и производственный учет. Пер. с англ. – М: ЮНИТИ, 2005. – С.25 (1071 с.)

[22] Энтони Р., Рис Дж. Учет: ситуации и примеры: Пер. с анг. / Под ред. и с предисл. А. М. Петрачкова. – М.: Финансы и статистика, 2001. – С. 8.(560 с.).

[23] Федоров А.А. Теоретические основы формирования управленческого учета в фармацевтической отрасли. Бизнес-образование в экономике знаний.

Палий В.Ф. ва Палий В.В. доираи фаъолияти баҳисобгирии идоракуниро хеле фарох муаррифӣ карда, онро натиҷаи ҳосили муттаҳидшавии якчанд соҳаи дониш: баҳисобгирӣ, бамеъёргирӣ, банақшагирӣ, ташкил ва идоракунии истеҳсолот, таҳлили маълумот ва менеҷмент шарҳ додаанд[24].

Булгакова С.В. таърифи баҳисобгирии идоракуниро дар асоси омӯзиши назарияи баҳисобгирӣ таҳия кардааст ва донистани ҳамбастагии унсурҳои низоми баҳисобгирии идоракуниро бо функсияҳои идоракунӣ талаб мекунад: "Низоми баҳисобгирии идоракунӣ маҷмуи ҷузъҳои (унсурҳои) хос баҳри эҷоди дастгирии иттилоотӣ барои истифодабарандагони манфиатдор дар раванди қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва татбиқи вазифаҳои идоракунӣ мебошад... Сохтори баҳисобгирии идоракунӣ ба муайян кардани иртибот, ҳадафҳо, вазифаҳо, функсияҳо, принсипҳо ва объектҳои он асос ёфта, ба мо имкон медиҳад, ки онро ҳамчун воситаи идоракунӣ ва низоми ягонаи унсурҳои ба ҳам алоқаманд ҳисоб кунем[25].

Дар идомаи таҳқиқоти худ Булгакова С.В. амсилаи одии сохтори баҳисобгирии идоракуниро пешниҳод намудааст, ки аз рӯйи он вобастагии унсурҳои баҳисобгирии идоракуниро бо функсияҳои идоракунӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Мо дар заминаи ин пешниҳод амсилаи муаллифии хешро таҳия намудем, ки аз рӯйи он на танҳо вобастагии омилҳои зикршуда, балки салоҳиятҳо ва натиҷаҳоро аз иҷрои ҳар як унсури баҳисобгирии идоракунӣ муайян кардан мумкин аст. Дар натиҷаи амалигардонии ҷузъҳои баҳисобгирии идоракунӣ амалҳои мувофиқ ва муносиб, ки функсяҳои идоракуниро пурра мегардонанд, татбиқ мегардад.

https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-osnovy-formirovaniya-upravlencheskogo-ucheta-v-farmatsevticheskoy-otrasli/viewer.

[24] Палий В.Ф., Палий В.В. Управленческий учет – новое прочтение внутрихозяйственного расчета [Текст] / Бухгалтерский учет. – М.: Омега, 2000. – № 17. – С.58.

[25] Булгакова С.В. Теория, методология и организация системы управленческого учета /С.В.Булгакова // Автореферат диссертации на соискание уч. Ст. д.э.н. по спец. 08.0012 – Бухгалтерский учет, статистика. – Мичуринск-наукоград, 2009. – 44 с. (с.19)




*Расми 1.1.1. – Амсилаи ҳамбстагии унсурҳои (василаҳои) баҳисобгирии идоракунӣ бо функсияҳои идоракунӣ*

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт[26] тартиб додааст*

Баҳисобгирии идоракунӣ ҷиҳати рафъи мушкилиҳо ва муътадилгардонии ҳолатҳои гуногун аз усул ва унсуру василаҳои худ ба мисли баҳисобгирӣ ва идоракунии хароҷот, банақшагирӣ, буҷетсозӣ, назорат ва иҷрои буҷетҳо, идоракунии равандҳо, сегменткунонӣ ва ғ. Кор мегирад – чунин андеша доранд олимони рус О.Е.Николаева, Т.В. Шишкова[27]. Аз ин гуфтаи олимон хулоса мебарорем, ки нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар бартарафкунии мушкилиҳо ва пайёмадҳои ногувор дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъекти иқтисодӣ беназир мебошад.

[26] Булгакова С.В. Теория, методология и организация системы управленческого учета /С.В.Булгакова // Автореферат диссертации на соискание уч. Ст. д.э.н. по спец. 08.0012 – Бухгалтерский учет, статистика. – Мичуринск-наукоград-2009. – 44 с. (с.20)

[27] Николаева О.Е., Шишкова Т.В. Управленческий учет. – М.: УРСС.1997.– С.24 (368 с.).

Муҳаққиқи ватанӣ Бобоев М.У.[28] баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун низоми дохилии маълумотҳо эътироф намуда қайд мекунад, ки он ба идоракунандагони дараҷаҳои гуногун маълумотҳои молиявӣ ва ғайримолиявиро бо мақсади қабули қарорҳои тактикӣ ва стратегӣ, ки натиҷаҳои мусбат ва муносибро ба бор оранд, пешкаш мекунад.

Ивашкевич В.Б.[29] ва Карпова Т.П.[30], низ бар ақидаҳои худ оид ба таъминкунандаи асосии иттилоот ҳисоб ёфтани низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар дохили як субъекти хоҷагидорӣ (корхона, бонк ва ғ.) ва ҳамчун соҳаи дониш ва фаъолияти касбӣ шинохта шудани баҳисобгирии идоракунӣ устуворанд.

Барфиев Қ.Х.[31], Расулов Д.Т.[32], Калемуллоев М.В. [33], Баришев С.Б.[34] баҳисобгирии идоракуниро аз мавқеи истифодабарандагони дохилии иттилоот баррасӣ намуда, қайд менамоянд, ки он пояи устувор ва боэътимоди иттилоотӣ оид ба фаъолияти бахшҳо ва зербахшҳо, низоми ҳамгироии идоракунии дохилиширкатӣ, ки банақшагирӣ, худбаҳисобгирӣ, назорат, танзим ва таҳлилро дар бар гирифта барои омодасозии ҳисоботи дохилӣ (идоракунӣ), ҷиҳати аз ҷониби роҳбарият қабул намудани қарорҳои идоракунӣ мешуморанд. Ин ҷо лозим ба зикр аст, ки баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо маълумотро оид ба фаъолияти бахшҳои таркибӣ, балки оид ба корхона низ дар маҷмуъ барои қабули қарорҳои идоракунии босамар тайёр ва пешниҳод менамояд.

[28] Бобоев М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан/ М.У. Бобоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. – М:, 2009. – С.10 (21 с.)

[29] Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник. – М.: Магистр, 2010. – С.25 (574 с.).

[30] Карпова Т.П. Управленческий учет: учеб. для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – С.25 (351 с.).

[31] Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) / К.Х. Барфиев // Автореферат диссертации … доктора экономических наук. – Бишкек, 2018. – С.12 (45 с.).

[32] Расулов Д.Т., Файзиева Н.Ғ., Исматов А.Х.Ташаккули ҳисоботи идоракунӣ дар ташкилотҳои сохтмони манзил. / Д.Т. Расулов, Н.Ғ.Файзиева, А.Х.Исматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024. – № 1. – С. 48-56.

[33] Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета / М.В. Калемуллоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. – М:, 1999. – С.13 (23 с.).

[34] Баришев С.Б. Диагностика управленческого учёта: монография / С.Б. Барышев. – М.: Дашков и К, 2007. – С.23 (182 с.).

Тибқи андешаҳои муҳаққиқи рус Рассказова-Николаева С.А.[35] баҳисобгирии идоракуниро набояд дар маънои маҳдудаш, яъне танҳо хисобгирии чизе ё амале фаҳмидан даркор, балки он низоми идоракунии такмилёфтаи корхона мебошад, ки дар худ унсурҳо ва усулҳои гуногуни идоракунии ҳамгироро барои расидан ба мақсади гузошташуда муттаҳид месозад. Ҳамчунин, баҳисобгирии идоракунӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт заминаи иттилоотӣ фароҳам меорад: «…дар ин маврид методология ва амалияи баҳисобгирӣ дар навбати аввал бояд ба рушди саросарии иқтисодиёт нигаронида шавад»[36].

Дар ҳошияи нақши иттилоотиро бозидани низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар раванди идоракунӣ ва рушди корхона илова кардан зарур аст, ки он метавонад ҳам дар таъмини рушди ҷорӣ ва ҳам дар таъмини рушди стратегии корхона (расми 1.1.2) бевосита мусоидат кунад. Дар робита ба таҳкими андешаронихои олимону мутахасссисон оид ба мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар низоми идоракунии корхона хулоса баровардан мумкин аст, ки нақши он дар устуворгардонии корхона аз рӯйи якчанд самтҳо мушоҳида карда мешавад. Яъне дар назар дошта мешавад: устувории раванди таъминот, устувории раванди истеҳсолот, устувории фурӯш, устувории молиявӣ, устувории бозордорӣ, устувории сиёсати кадрӣ, устувории низоми идоракунии корхона, устувории истеҳсолӣ-технологии корхона ва ғ.

Аз рӯйи расми 1.1.2 мушоҳида мекунем, им о а самтҳо рушди ҷории корхона ва кадом самтҳо рушди стратегии корхонаро таъмин менамоянд. Ҳамчунин вобастагии рушди чорӣ ба рушди стратегӣ низ мушоҳида карда мешавад, чунки таъмини устувории ҷорӣ (сари вақт ва мунтазам воридшавии ашёҳои молию истеҳсолӣ, бетанафус ба роҳ

[35] Рассказова-Николаева С.А. Учетная политика. В 2 книгах. Книга 2. Практика и опыт / С.А. Рассказова-Николаева, Е.М. Калинина. – М.: Аудиторско-консалтинговая фирма "ЦБА", Омега-Л, 2019. – С.10 (384 с.).

[36] Хушвахтзода К.Х. Подготовка специалистов бухгалтерского учета в Республике Таджикистан в условиях цифровой экономики / Хушвахтзода К.Х., И.А. Бобиев // Архитектура финансов: вызовы новой реальности: сборник материалов XI Международной научно-практической конференции 22-26 марта 2021 г. под научной редакцией И.А. Максимцева, Е.А. Горбашко, В.Г. Шубаевой. – СПб.: Изд. СПбГЭУ, 2021. – С.387-391.

мондани истеҳсолот,  фурӯши динамикӣ ва ғ.) барои рафъи ҳар гуна мушкилиҳо мусоидат намуда, вазъи молиявии корхонаро устувор гардонида дар ин асос барои қабули карорҳои стратегӣ заминаи воқеӣ фароҳам меояд.




*Расми 1.1.2. – Вобастагии устувории ҷорӣ ва устувории стратегӣ, ки дар натиҷаи татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ таъмин мегардад.*
*Манбаъ: муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёт[37] таҳия кардааст.*

Дар баробари таҳқиқи андешаҳои ҷолиб қайд намудан бамаврид аст, ки баъзе аз муаллифон амсилаи консептуалии баҳисобгирии

[37] Шулекин А.Н. Развитие управленческого учета в организациях жилищного строительства в условиях институциональных изменений /  А.Н.Шулекин // Дис. на соис. уч. ст. к.э.н., по спец. 08.00.12 – Бухгалтерский учет, статистика. – Новосибирск, 2022 – 188 с.(с.41)

идоракуниро ҳамчун натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ муайян намуда, унсурҳо ва вобастагии онҳоро пешниҳод намудаанд (расми 1.1.3), ки ба андешаи мо боиси нигаронӣ ҳам мегарданд. Ин ҳолатро дар расми 1.1.3 мушоҳида намудан мумкин аст, ки бунёди «Заминаҳои меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии идоракунӣ” ва “Стандартҳои баҳисобгирии мухосибӣ»-ро ҳамчун асосҳои методии ташкили баҳисобгирии идоракунӣ зарур шуморидаанд (блокҳое, ки бо рақамҳои 1, 2 ва 3 ишора шудаанд).




*Расми 1.1.1. – Амсилаи мантиқии асосҳои консептуалии баҳисобгирии идоракунӣ*[38]

Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона, чи тавре ки дар асосҳои методологии баҳисобгирии идоракунӣ исбот гардидааст, риояи стандартҳои ҳатмии тасдиқшуда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқиро талаб намекунад. Аз ин рӯ мо ба амсилаи мантиқии консептуалии

[38] Ржавина Ю.Б. Методика и организация управленческого учета и внутреннего контроля в торговых фармацевтических компаниях./ Ю.Б Ржавина// дис. ... канд. экон. наук. по спец. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика. – Йошкар-Ола, 2012. – С.15.

баҳисобгирии идоракунӣ (расми 1.1.3) тағйирот ворид намуда, пешниҳод менамоем, ки ба ҷойи «Заминаҳои меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии идоракунӣ» (блоки 1) – «Бунёди асосҳои методологӣ», ба ҷойи «Стандартҳои баҳисобгирии муҳосибӣ аз он ҷумла стандартҳои баҳисобгирии идоракунӣ» (блоки 2) – «Ташкили амалии низоми баҳисобгирӣ дар корхона» ва ба ҷойи «Стандартҳои дохилии баҳисобгирии идоракунӣ» (блоки 3) – «Татбиқи унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ» дарҷ карда шавад.

Аз таҳқиқоти дар ҳамин бахши рисолаи диссертатсионӣ гузаронидашуда муайян гардид, ки фикру андешаҳои муаллифон нисбат ба мафҳуму моҳият ва таъиноти баҳисобгирии идоракунӣ (Замимаи 1) дар маҷмуъ асоси методологии ягонаро ифода мекунанд, гарчанде ки онҳо бо равишҳои гуногун изҳори баён шуда бошанд ҳам.

Афкори илмии таҳлилшуда моро водор мекунад хулоса барорем, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун пойгоҳи устувори иттилоотӣ дар таъмини раванди идоракунии босуботи субъекти хоҷагӣ, ки дар бозори рақобатнок фаъолият менамояд ва ба ҳар гуна хавфу таҳдидҳои ногаҳонӣ метавонад дучор шавад, саҳми босазо мегузорад. Он низоми иттилоотие мебошад, ки усул ва равишҳои гуногунро дар худ таҷассум менамояд, дар доираи он буҷетсозӣ, назорат ва иҷрои буҷетҳо, идоракунии раванди тағйирёбиҳо, омодакунии иттилоот барои рӯйдодҳои гуногун иҷро карда шуда, ҷиҳати расидан ба стратегияи ташкилӣ ва идоракунии корхона заминаҳои методию иттилоотии устувор фароҳам меояд. Ҳамчунин баҳисобгирии идоракунӣ системае мебошад, ки аз рӯйи маълумотҳои он фаъолияти сармоягузории ташкилот баҳогузорӣ, лоиҳаҳои муносиби сармоягузорӣ ошкор карда шуда, бо ин васила рушди устувории ҷорӣ ва стратегии корхона таъмин мегардад.

## 1.2. Бунёди низоми баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти самараноки идоракунӣ дар субъекти иқтисодӣ

Бо пайдо шудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва рушд ёфтани муносибатҳои бозорӣ бозингарӣ намудани тарзу усулҳои мавҷудаи идоракунии субъектҳои иқтисодӣ ба миён меояд, ки ба раванди он, пеш аз ҳама, низоми такмилёфтаи таъминоти иттилоотӣ бевосита таъсири мусбат хоҳад гузошт. Чунин низоми мукаммали иттилоотӣ маҳз бо истифода аз унсурҳо ва абзорҳои баҳисобгирии идоракунӣ бунёд мегардад. Иттилооти омоданамудаи баҳисобгириии муҳосибӣ ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунии огоҳона хизмат намуда, ба беҳтар шудани сифати онҳо мусоидат ва вазифаҳои зиёдеро иҷро мекунад, ки барои идоракунии босамари раванди хоҷагидории корхона муҳиманд. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ маълумоти муҳосибӣ дар бораи вазъи молиявии корхона, даромад, хароҷот, равандҳои хоҷагидорӣ, натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳои дохилӣ ба роҳбарон пешниҳод карда мешавад. Ин маълумот барои таҳлили фаъолияти ҷорӣ ва банақшагирии стратегӣ асос мебошад. Бидуни маълумоти дақиқ ва саривақтии муҳосибӣ баҳодиҳии фаъолияти корхона, муайян кардани самтҳои мушкилдошта, муайян кардани самтҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, инчунин қабули қарорҳои босамари идоракунӣ аз имкон берун мебошад.

Ислоҳоти иқтисодию сиёсӣ ва ҳуқуқию иҷтимоии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда барои пайдо шудани имкониятҳои васеъ дар субъектҳои иқтисодӣ ҷиҳати мустақилона муайян намудани сиёсати молиявӣ, истеҳсолӣ ва кадрии ба талабот ва шартҳои пешбурди иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯбуда имконият фароҳам овард. Дар натиҷаи пайдошавии субъектҳои иқтисодии дорои моликияти хусусӣ, саҳомӣ ва муштарак, ки дар шакли ширкатҳои хурду миёна баромад менамоянд, ба афзоиши саҳми бизнеси хусусӣ дар иқтисодиёт мусоидат намуда, идоракунандагони ин субъектҳоро лозим меояд, ки аз маълумотҳои

баҳисобгирии идоракунӣ истифода намуда қарорҳои идоракунии манфиатнокро қабул намоянд.

Гарчанде ки низомҳои таъминоти барномавии ҷамъоварию коркарди иттилоот дар шароити имрӯза хеле пеш рафтааст, дар бештари субъектҳои иқтисодӣ қисми зиёди равандҳои идоракунӣ дастгирии зарурии иттилоотӣ надоранд. Шартҳои асосии рушди мавзуни ҳар як субъекти иқтисодӣ, ки дар замони муносибатҳои бозоргонӣ ба зиммаи ҳар як роҳбари субъекти иқтисодӣ вогузор аст, аз инҳо иборат мебошад: қобилияти иҷро кардани ҳадафҳои гузошташуда дар раванди фаъолият, нигаҳдории вазъи устувори молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, пайгирии боэътимод ва муносиби самтҳои муайяншуда ва коркарди стратегияҳои рушд. Дар чунин шароит баҳисобгирии идоракунӣ танҳо дар самти омӯзиши ҳисобкуниии арзиши аслӣ маҳдуд нагашта, балки дар ҳамбастагӣ бо дигар унсурҳои идоракунӣ (баҳисобгирӣ, назорат, таҳлил) дигар самтҳои ташкили кори муҳосибӣ, аз он ҷумла буҷетсозӣ, ҳисоботи дохилихоҷагӣ (сегментӣ), таҳлили самаранокии истеҳсолот, муайянкунии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ ва ғ. Дида баромада мешавад.

Дар субъектҳои иқтисодие, ки самти рушди худро муайн намудаанд, ба қобилиятҳои гуногуни ҷалби коргарон барои бурдани баҳисобгирии идоракунӣ нигоҳ накарда, корҳои зикршуда иҷро карда мешаванд. Вазифаи асосӣ дар такмил ва самаранокии пешбурди корҳои мазкур таҷассум меёбад.

Раванди ҳисобдории корхона бо пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои хоҷагӣ асоснок мегардад. Дар асоси ҳисоботи муҳосибӣ таҳлили фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ гузаронида мешавад, оид ба вазъи молиявии субъекти хоҷагӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории он иттилоот тайёр карда шуда, ҷанбаҳои асосии фаъолият барои марҳилаҳои оянда ба нақша гирифта мешавад.

Иттилоот – ин далелҳо, маълумотҳо, натиҷаҳои гуногуне мебошанд, ки дар натиҷаи мушоҳидакунӣ ва дигар амалҳо ба даст меоянд ва бо

роҳи омӯзиши онҳо донишҳои мо оид ба фаъолияти хоҷагии субъекти иқтисодӣ васеъ мегардад. Дар раванди фаъолияти рӯзмарраи ширкатҳо миқдори зиёди иттилооти фаврӣ («маводи ибтидоӣ» барои иттилооти ҷамъбастӣ, ки дар баҳисобгирии идоракунӣ бояд инъикос шавад) ба даст меояд, ки қисми зиёди онҳо дар рафти кори муътадил ба роҳбарон аҳаммияти хосае надоранд. Далелҳои мазкури фаъолияти хоҷагӣ бояд ҳатман ба расмият даровarда шуда, дар сатҳҳои поёнии идоракунӣ онҳо коркард шаванд. Роҳбарони сатҳи болоӣ бошанд, на ба иттилооти ҷузъии хом, балки ба иттилооти умумии коркардшудае манфиатдоранд, ки аз сарчашмаҳои ибтидоии баҳисобгирӣ ба даст омадаанд[39].

Маълумот оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, ки таъиноти молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, оморӣ доранд, дар шаклҳои барои худ мувофиқ омода карда мешаванд. Онҳо манбаи ягонаи пайдоиш, яъне баҳисобгирии муҳосибиро доро мебошанд. Ҳамаи шаклҳои ҳисобот дорои иттилооти баҳисобгирӣ мебошанд, ки вобаста ба ниёзҳояшон истифодабарандагони дохилӣ ва берунӣ ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Истифодабарандагони дохилии иттилоот маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибиро барои назорати иҷрои нишондиҳандаҳои дар буҷети корхона муайяншуда, таҳлили вазъи молиявӣ-хоҷагидорӣ, қабул ва асосноккунии қарорҳои идоракунӣ истифода мебаранд, дар ҳоле ки таваҷҷуҳи истифодабарандагони беруна ба иттилооти муҳосибӣ ба дигар самт равона мебошад.

Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилооти ҷузъигардонидашуда дар бораи фаъолияти хоҷагӣ яке аз вазифаҳои баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Иттилооте, ки барои қабули қарорҳои фаврии идоракунӣ зарур аст, пеш аз ҳама ба хароҷоти ширкат дахл дорад, аз ин рӯ он бояд фавран (дар муддати кӯтоҳтарин) ворид шавад. Он тибқи талаботҳои идоракунӣ ҷамъбаст ё ба ҷузъҳо ҷудо карда мешавад ва бо назардошти вазифаи рушди ояндадори ширкат коркард мешавад. Тибқи қоидаҳои

[39] Управленческий учет. Учебное пособие / под. ред. А.Д. Шеремета. 2-е изд. – М.: ФБК–ПРЕСС, 2002. – С.25 (512 с.).

байналмилалӣ иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ мумкин аст, ҳам бо ченакҳои пулӣ ва ҳам бо ченакҳои аслӣ ифода ёбад ва баҳогузориҳои тақрибии онҳо имкон дорад[40].

Дар заминаи иттилоот аз рӯйи фаъолияти сохторҳои воҳидии корхона, ки бо ибораи дигар марказҳои масъулият номида мешаванд, низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва назорати идоракунӣ бунёд мешавад. Ба ақидаи Қ.Х. Барфиев: «Низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар соҳаи иқтисодӣ ба ду гурӯҳи калон (низом) ҷудо карда мешавад: низоми баҳисобгирӣ ва низоми таҳлилӣ, ки дар худ тамоми паҳлуҳои ҳаёти иқтисодии корхонаро дар бар мегирад»[41].

Нишондодҳо оид ба дороиҳо, уҳдадориҳо, даромадҳо ва хароҷот асосан дар доираи баҳисобгирии муҳосибии маъмулӣ ташаккул ёфта ба истифодабарандагони беруна таъин мегарданд[42]. Аммо, чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, иттилооти дар ҳисоботи дохилии зерсохторҳо ва ҳисоботи маҷмуии корхона аз рӯйи шаклҳои гуногун пешниҳодшаванда, дар таҳлили фаъолияти хоҷагидориии корхонаю ташкилотҳо дар ҳама гуна дараҷаҳои идоракунӣ васеъ истифода бурда шуда, таъиноти дохилӣ доранд [43].

Нисбат ба иттилооте, ки дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ тайёр гардида ба истифодабарандагон пешниҳод мешавад, ки манбаъҳои илмию таълимӣ онро низ тасдиқ менамоянд, чунин талабот пешниҳод карда мешаванд:

1) *Саривақтӣ.* Маълумот бояд дар вақти лозимӣ омода ва пешниҳод карда шавад. Маълумоте, ки бо таваққуф омода ва пешниҳод карда

[40] Жарикова Л.А. Управленческий учет: учеб. пособие. – Тамбов: Изд. Тамб. гос. техн. ун-та, 2004. – 136 с.

[41] Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика. Диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук. г. – Бишкек-2019 г. – С.10 (274 стр).

[42] Иванов В.В. Формирование системы управленческого учета на основе процессных методов управления компанией / В.В. Иванов, П.В. Богаченко, О.К. Хан // Управленческий учет. – 2006. – №1. – С.4 (с.4-16).

[43] Бобиев, И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона /И.А.Бобиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021.– №1.– С.79 (78-86).

мешавад, арзиши худро барои қабули қарорҳои фаврӣ ва банақшагирӣ гум мекунад.

2) *Мукаммалӣ.* Иттилоот бояд пурра бошад ва тамоми маълумоти заруриро барои таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият дар бар гирад. Маълумоти нопурра метавонад вазъи воқеиро таҳриф кунад ва истифодабарандаи маълумотро гумроҳ созад.

3) *Таъинот (барои ки таъин шудааст).* Маълумот бояд талаботи истифодабарандагони мушаххас – менеҷерони сатҳҳои гуногунро қонеъ гардонад. Барои самаранок истифода бурдани маълумот талабот ва сатҳи салоҳияти онҳоро ба назар гирифтан лозим аст.

4) *Чандирӣ будан.* Ахбори баҳисобгирии идоракунӣ бояд қобил ба тағйирот дар муҳити беруна ва дохили ширкат бошад. Чандирӣ ва майлкунандагии ахбор имкон медиҳад, ки ба талабот ва шароити нав сари вақт омодагӣ бинем ва вокуниш нишон диҳем.

5) *Самаранокӣ.* Қобилияти зуд қабулкунӣ барои коркарди маълумот ҷиҳати қабули қарорҳои фаврӣ муҳим аст. Низомҳои иттилоотӣ бояд суръати баланди дастрасии иттилоотро таъмин кунанд.

6) *Муқоисашаванда ва саҳҳеҳ будан* – иттилоот бояд аз рӯйи вақт ва аз рӯйи нишондиҳандаҳои марказҳои масъулият муқоисашаванда бошад, ва дар онҳо набояд нуқсон ва хатогиҳо, аз он ҷумла хатокориҳои барқасдона мавҷуд бошад;

7) Бетарафӣ – зуҳур надоштани манфиатҳои шахсӣ дар раванди омодакунӣ ва пешниҳоди иттилоот.

Сохтори низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо андозаи субъекти хоҷагӣ, хусусиятҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ, тиҷорат ва қоидаҳои идоракунӣ муайян мегардад. Амалан, маъмул аст, ки дар бештари субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми раванди баҳисобгирӣ дар доираи як муҳосибот муттаҳид карда мешавад. Аммо, нисбат ба баҳисобгирии молиявӣ, ки қоидаҳои пешбурди он бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба танзим даровarда мешавад, барои баҳисобгирии

идоракунӣ танзими меъёрию ҳуқуқии мушаххас муайн нагардидааст. Аз ин рӯ, оид ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар худи корхона қарор қабул карда мешавад.

Ҳар як ширкат, аз он ҷумла ширкати соҳаи фармасевтӣ низ самти мақсадноки худро муайян менамояд ва мувофиқан системаи инфиродии бонизоми идоракунӣ ва баҳисобгирии идоракуниро ба роҳ мемонад. Дар ин росто барои татбиқи баҳисобгирии идоракунии муносиб на танҳо кормандони шуъбаи муҳосибот ҷалб карда мешаванд, балки саҳмгузории ҳамаи кормандони идоракунанда ва кулли коргарони ширкат зарур меояд.

Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти муосири раванди идоракунӣ маҷмуи омилҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро дар корхона ҳадафи омӯзиши худ қарор дода, оид ба вазъ ва натиҷаи онҳо иттилооти заруриро тайёр карда ба роҳбарият пешниҳод менамояд. Дар расми 1.2.1 омилҳо ва нишондиҳандаҳое, ки мавзуъ ва ҳадафи омӯзиши баҳисобгирии идоракунӣ қарор мегиранд бо ҷузъиётҳои таркибиашон пешниҳод карда мешавад.

Аз рӯйи маълумотҳои дар расми 1.2.1 овардашуда мушоҳида менамоем, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ ва хоҷагидорие, ки ҳадафи таҳлил ва омӯзиши баҳисобгирии идоракунӣ қарор мегиранд, ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда шуда, дар навбати худ ҳар як гурӯҳ метавонад ба унсурҳои алоҳида ҷудо карда шавад. Барои ҳосил гаштани натиҷаи қаноатбахш аз рӯйи ҳар як нишондиҳанда менеҷер ё корманди муайян вобаста гардонида шуда, аз онҳо ҳисобот талаб карда мешавад.

Новобаста аз он ки мундариҷаи баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳаҷм ва хусусияти фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ҳар як субъекти иқтисодӣ иртибот дорад, таҳқиқ ва таҳлили онро метавон ба самтҳои зерин равона намуд:

- натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, дармаднокӣ ва фоиданокӣ;

| **Гурӯҳи нишондиҳандаҳои асосии фаъолият** | **Нишондиҳандаҳои ҷузъӣ аз рӯйи гуруҳҳои асосии нишондиҳандаҳои фаъолият** |
|---|---|
| Нишондиҳандаҳои қаноатмандии соҳибмулкон | – фоиданокии сармоягузориҳо;<br>– арзиши ширкат |
| Нишондиҳандаҳои қаноатмандӣ ва самаранокии ҳайати корӣ | - азкорравии кадрҳо;<br>- самаранокии меҳнат;<br>- таносуби фонди музди меҳнат бо фурӯш;<br>- индекси фонди пардохти меҳнати кормандон нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи бозорӣ |
| Нишондиҳандаҳои қаноатмандии муштариён | - шумораи муштариён;<br>- миқдори шикояти муштариён;<br>- аздастравии муштариён;<br>- ҳиссаи бозор дар минтақа |
| Нишондиҳандаҳои такмили кор бо таъминкунандагон | - шумораи таъминкунандагон;<br>- миқдори шикояти таъминкунандагон;<br>- аздастдиҳии таъминкунандагон;<br>- хиссаи молҳои корношоям бо гуноҳи таъминкунандагон аз ҳаҷми умумӣ |
| Нишондиҳандаҳои самаранокии фурӯш | - ҳаҷми фурӯш;<br>- фоиданокии фурӯш;<br>- ҳиссаи гузашт (тахфиф) дар маблағи фурӯш;<br>- фурӯш аз рӯи намудҳои молҳо ва хизматрасониҳо |
| Нишондиҳандаҳои самаранокии харид | - индекси сифати харид;<br>- вақти таҳвили мол;<br>- тағйирёбӣ дар арзиши аслии хариди маводҳо аз нархи пешинаи харид |
| Нишондиҳандаҳои самаранокии нигоҳдорӣ ва гардиши мол | - суръати гардиши молҳо;<br>- арзиши талафот ҳангоми нигоҳдорӣ |
| Нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот | - ҳаҷми истеҳсолот;<br>- номгӯи молҳои истеҳсолӣ |
| Нишондиҳандаҳои молиявӣ | – нишондиҳандаҳои бозоргирӣ, фоиданокӣ, гирдгардиш;<br>– гирдгардиши қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ |

*Расми 1.2.1. – Маҷмуи нишондиҳандаҳо бо унсурҳои ҷузъӣ, ки ҳадафи баҳисобгирии идоракунӣ қарор мегиранд.*

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.*

- омӯзиши фаъолияти бахшҳо ва зербахшҳо (марказҳои масъулият), дар асоси маълумот аз ҳисоботи сегментӣ;
- таҳлили самаранокии маҳсулот, корҳо, хизматҳои мушаххас;
- буҷетикунонии фаъолияти ҳар яке аз бахшҳо ва зербахшҳои корхона;
- гардиши воситаҳои молиявӣ ва воридшавии чашмдошти маблағҳои пулӣ;
- вазъи молиявии корхона барои давраи ҷорӣ ва оянда;

Тайёркунии иттилоот яке аз функсияҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳисобгирии молиявӣ буда фарқиятро байни онҳо танҳо дар таъиноти иттилооти омодашуда эҳсос кардан мумкин аст: яъне ба кӣ бояд пешниҳод карда шавад. Маълум аст, ки иттилооти баҳисобгирии идоракунӣ бештар ҷузъӣ гардонида мешавад, то ин ки маълумот оид ба ҳамаи ҷузъиётҳои муҳимтарини бахшҳо, зербахшҳо, фаъолиятҳо, маҳсулот, корҳо ва ғ. Ба менеҷерон мисли оина равшан гардад, дар ҳоле ки маълумотҳои баҳисобгирии молиявӣ хусусияти умумӣ дошта бештар ба истифодабарандагони беруна тааллуқ доранд.

Ба қоидаҳои пешбурд ва тафовутҳои методию амалии байни баҳисобгирии молиявӣ ва идоракунӣ нигоҳ накарда, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳам баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳам баҳисобгирии молиявӣ вазифаи умумии асосиеро иҷро мекунанд, ки ба қонеъгардонии талаботҳои ҳадафии истеъмолкунандагони гуногун оид ба иттилооти гуногуни баҳисобгирӣ нигаронида шудаанд. Гарчанде ки манбаи ибтидоии ин шаклҳои баҳисобгирӣ якхелаанд, ҳар як далели фаъолияти хоҷагӣ аз рӯйи таъиноти худи онҳо тасниф шуда вобаста ба талабот, қоидаҳо ва шаклҳои додашудаи баҳисобгирӣ инъикос мешавад: баҳисобгирии молиявӣ аз рӯйи мавқеи воқеъияти гузашта амал мекунад, баҳисобгирии идоракунӣ бошад – бунёди муносибатҳоиояндаро замина мегузорад.

Баҳисобгирии идоракуниро метавон бо дархости роҳбарият пеш бурд, ки самаранокии он бо пуррагии иттилоот, фавригӣ, саҳҳеҳӣ,

сарфанокӣ ва дигар хусусиятҳо таъмин мегардад. Ҳама гуна низомҳои иттилоотӣ ба як қатор принсипҳо асос меёбанд. Дар қатори хусусиятҳои зикршуда низоми баҳисобгирии идоракунӣ бо риояи қоидаҳо (принсипҳо)-и муайян бояд дар корхона пеш бурда шавад.

Принсип (қоида) аз забони лотинии principium гирифта шуда, маънояш асос, ибтидо мебошад, яъне пояи асосӣ, ибтидоии ягон назария, таълимотро ифода менамояд[44]. Яъне, дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ принсип ҳамчун асос, поя ё қоидаи тасдиқшудаеро ифода менамояд, ки аз рӯйи онҳо, агар баҳисобгирӣ ташкил карда шавад, самаранокии низоми баҳисобгирӣ баланд гашта, талаботи ахбории истифодабарандагон, ба кадом самте, ки майл дошта бошанд, қонеъ мегардад.

Бояд қайд кард, ки ақидаҳои зиёди фарққунанда оид ба таркиб ва тавсифи қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ мавҷуд аст. Метавон якчанд усулҳоро ба ҷудокунии присипҳои баҳисобгирии идоракунӣ қайд намуд:

- аз нуқтаи назари вобастагии байниҳамдигарӣ, муттасилӣ ва фарққунии қоидаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар стандартҳои баҳисобгирӣ ошкор шудаанд;
- аз мавқеи равишҳои бонизом, ки баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун системаи мураккаб тавсиф мекунанд;
- аз нигоҳи ташкили баҳисобгирӣ дар асоси бизнес-равандҳо;
- аз мавқеи хусусиятҳои соҳавӣ ва ғ.

Инҳо замина барои татбиқи самараноки қоидаҳои баҳисобгирӣ дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва истифодаи як қатор қоидаҳои худии аз ҷониби онҳо истифодашавандаро ба миён меорад (расми 1.2.2.)

*Қоидаи моликиятдорӣ,* ки мустақилияти соҳибҳуқуқии субъекти иқтисодиро ба моликияти муайян тақозо мекунад, дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ татбиқ карда мешавад. Ҳамчунин, тибқи қоидаи моликиятдорӣ ба таври асоснок на танҳо барои ширкат дар

[44] Универсальный словарь иностранных слов русского языка / под ред. Т. Волковой. – М.: Вече, 2000. 260 с.

умум, балки барои ҷузъҳои алоҳидаи он, бахшҳо (марказҳои масъулият) шуъбаҳои алоҳидаи идоракунӣ, ки дар бунёди натиҷаҳои умумии фаъолияти корхона саҳмгузор мебошанд, риоя гардида, барои ҳар яке аз онҳо моликият ва захираҳоро ҷудо карда шавад.

*Қоидаи бемаҳдудии фаъолият* бо набудани ҳадафҳои худбарҳамдиҳӣ ифода ёфта, рушди ояндаро ба инобат гирифта, ба ташкили хизматрасонии иттилоотӣ-таҳлилии раванди идоракунӣ ва молиявӣ-хоҷагидорӣ водор месозад. Яъне муҳосибон бояд ояндаи дурахшони ширкатро пеши назар оварда, баҳисобгириро дар корхона тибқи талабот ва қоидаҳо мунтазам пеш баранд, ки агар дар ҳар лаҳза роҳбарият ба маълумоти даркорӣ ниёз пайдо кунанд, дарҳол ин дархости онҳо қонеъ гардонида шавад.

*Қоидаи арзишмуайянкунӣ.* Дар баҳисобгирии идоракунӣ маҳакҳои гуногун зимни баҳогузории дороиҳои дарозмуддат, аз он ҷумла равандҳои беқурбшавӣ ва тағйиротҳои вазъи бозоргонӣ ба инобат гирифта мешавад, гарчанде ки масалан, дар низоми баҳисобгирии молиявӣ ҳангоми муайянкунии вазъи молиявии ширкат афзалият ба истифодаи арзиши таърихии дороиҳои дарозмуддат дода мешавад.

*Талаботи пуррагӣ ва саривақтӣ* тақозои онро дорад, ки нишондодҳои баҳисобгирӣ дар шакли қулай, пурра ва сари вақт пешниҳод шуда, коркарди иловагии таҳлилиро талаб накунад. Риоя накардани ин қоида ба талафёбӣ ва ё фаромӯшшавии қайди маълумотҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ ва ҳисоботи идоракунӣ оварда мерасонад.

*Қоидаи муттасилӣ ва истифодаи бисёрмаротибагии* иттилооти баҳисобгирию таҳлилӣ тақозои онро дорад, ки чун баҳисобгирии муҳосибӣ ба таври даврӣ пеш буда мешавад, зимни қабули қарорҳо робитаҳои дохилии низоми баҳисобгирии идоракунӣ хеле сабук гардида, онро самараноктар мегардонад. Зеро, аз миқдори камтарини маълумотҳо, ки дар як раванди ҳисобдорӣ ба қайд гирифта мешавад, метавон миқдори иттилооти зиёдтарини заруриро барои қарорҳои идоракунӣ ба даст овард.




*Расми 1.2.2. – Қоидаҳо (принсипҳо)-и баҳисобгирии идоракунӣ*

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.*

*Қоидаи эҳтиёткорӣ (дурандешӣ)*. Инъикоси ҳаёти ояндаи тиҷоратро бе шакку шубҳа хатари қарорҳои идоракунии қабулкардашуда ҳамроҳӣ мекунад. Аз ин рӯ, пешгӯишавандагии низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба муносибгардонии натиҷаҳои фаъолият бо роҳи пешгӯйии даромад ва хароҷоти оянда бо назардошти талафотҳои эҳтимолӣ амалӣ карда шавад. Яъне даромадҳо ва фоидаҳо набояд пешакӣ ва аз бузургии эҳтимолияшон зиёд баҳо дода шаванд ва хароҷоту зарарҳо бошад, бояд бо мурури пайдошавиашон ва аз андозаи эҳтимолияшон зиёд эътироф карда шаванд.

*Қоидаи фавригӣ.* Маълумот бояд сари вақт ва чунон пурра пешниҳод карда шавад, ки хатари таъхир дар интиқоли иттилоот ба роҳбарият вуҷуд надошта бошад. Самаранокӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ ба қоидаи фавригии иттилоот низ такя менамояд.

*Қоидаи махфигӣ.* Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ танҳо барои корбарони дохилӣ пешбинӣ шудааст, зеро онҳо дорои маълумотҳои тиҷоратӣ буда, ҳадафҳои тактикию стратегии корхона аз сатҳи он вобаста аст.

*Қоидаи сарфакорӣ.* Баҳисобгирии идоракунӣ бояд танҳо он маълумотеро дар бар гирад, ки ба татбиқи мақсадҳои идоракунӣ бевосита таъсир расонад ва сарфаи захираҳои истеъмолшавандаи корхонаро таъмин намояд.

*Қоидаи фоиданокӣ.* Барои банақшагирӣ танҳо он маълумотеро сабт кардан, таҳлил кардан ва истифода бурдан лозим аст, ки метавонанд сарчашмаи ҳисоботи идоракунӣ гарданд, инчунин барои қабули қарор маълумоти мукаммал ва асоснок таъмин карда шаванд. Бо ибораи дигар масрафоти барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ амалишаванда набояд аз манфиатҳои натиҷаи татбиқи он зиёд бошад.

*Қоидаи майлкунандагӣ* тақозои онро дорад, ки ахбори дар баҳисобгирии идоракунӣ тайёршаванда бояд вобаста ба тағйирёбии вазъи бозор, вазъи молиявӣ-хоҷагидорӣ тағйирёбанда бошад.

*Қоидаи дастрасӣ.* Маълумот дар баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба корбарон дар шакли пурра ва ба осонӣ истифодашаванда пешниҳод карда шавад. Маълумоти он бояд ба дархости менеҷер мувофиқат кунад, коркарди пурраи иттилоот осон гашта дар заминаи он қарорҳои муассири идоракунӣ қабул карда шавад.

*Қоидаи назоратшавандагии нишондиҳандаҳо.* Маълумот дар баҳисобгирии идоракунӣ бояд нишондиҳандаҳои назоратшаванда ва назоратнашавандаро инъикос кунанд.

*Қоидаи пешгӯишавандагӣ.* Низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд ба беҳтар кардани натиҷаҳои ширкат тавассути пешгӯии маълумот дар бораи даромад ва хароҷоти он равона карда шавад.

*Қоидаи ягонагӣ.* Дар давраҳои гуногун, нишондиҳандаҳои якхела дар баҳисобгирии идоракунӣ бояд дар як шакл таҳия ва пешниҳод карда шаванд, то ин ки таҳлил ва муқоисакунии онҳо барои таҳлилгарон ва менеҷерон осон гардад.

*Қоидаи мунтазамӣ.* Илова ба пешниҳоди саривақтии ҳисоботи идоракунӣ тибқи дархост, он инчунин бояд давра ба давра – ҳар ҳафта / моҳ/семоҳа омода карда шавад. Ин ба менеҷмент ҷараёни мунтазами маълумоти боэътимодро дар бораи ҳолати кории ширкат ва равандҳои он таъмин мекунад.

*Қоидаи ҳавасмандкунӣ.* Маълумоти баҳисобгирии идоракунӣ барои тақсими одилонаи масъулият дар байни шуъбаҳо ва роҳбарони онҳо, муқаррар кардани меъёрҳои баҳогузории кори онҳо ва пешниҳод кардани маълумот барои ҳавасмандкунии кормандон кумак мекунад.

Самти асосии ҳамаи қоидаҳо – ин манфиатнокӣ ва самаранокии истифодаи онҳо ҳангоми мураттабгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Дар баробари қоидаҳои мавҷудбуда, ки номгӯйи онҳоро дар боло оварда як-як онҳоро шарҳ додем, зарур мешуморем, ки ба таври иловагӣ принипҳои зерин ҳангоми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар

ширкатҳои фармасевтӣ бояд риоя карда шавад: қоидаи риояи меъёрҳо ва стандартҳои техникӣ, ки барои ташкили фаъолияти тиҷоратии ширкати фармасевтӣ зарур аст; қоидаи номухолифатии стандартҳои таъминоти ҳаётӣ бо ҳадафҳои тиҷоратӣ.

Ин ду принсип тақозо менамоянд, ки ҳадафҳои тиҷоратии ширкат, ки дар ба даст овардани даромадҳо ва фоидаи иқтисодии баланд зоҳир мегардад, набояд бидуни инкори стандартҳои таъминоти ҳаётӣ ва вазъи эпидемологию бадшавии вазъи саломатии аҳолӣ ба даст оварда шавад.

Бояд зикр кард, ки зимни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ риояи қоидаҳои (принсипҳои) муайяншуда (Расми 1.2.2) вобаста ба шакли идоракунӣ (мутамарказ ё худмухторӣ), усул ва равишҳои пешбурди кор дар бозори фармасевтӣ, усули қайд ва ҳисоби амалиётҳои хоҷагӣ, дараҷаи ҷузъигардонии итилоот ва равандҳои қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногун бояд ба ҷо оварда шавад.

Зимни интихоби равиши муносиби ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ ба инобат гирифтани омилҳои иқтисодӣ (соҳавӣ), *ташкилӣ*, *ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ* зарур шуморида мешавад[45].

Ҳамчунин риояи қоидаҳои баҳисобгирӣ бо назардошти истифодаи васеи унсурҳои маъмулии усули баҳисобгирии муҳосибӣ, ки аз ҷиҳати илмӣ тасдиқи худро ёфтаанд (хуҷҷатгузорӣ ва барӯйхатгирӣ, баҳодиҳӣ ва арзишмуайянкунӣ, ҳисобҳо ва навишти дутарафа, ҷамъбасти тавозунӣ ва ҳисобот) барои ташаккули иттилооти босифат, пурмазмун ва ҷузъигардонидашуда заминаи мусоид фароҳам оварда, қарорҳои қабулшаванда натиҷаи босамарро ба бор хоҳанд овард.

Ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва бароҳмонии онҳо дар ҳамбастагии якдигар ҷараёни баҳисобгирии амалиётҳо, назорат ва идоракунии равандҳои хоҷагидориро хеле осон мегардонад. Дар доираи рушди технологияҳои рақамӣ зеҳни сунъӣ пайдо шуда рушд намуда истодааст, ки зимни

[45] Кукукина И.Г. Управленческий учет: учеб, пособие. – М.: Финансы и статистика, 2004. – С.16.

пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва омодакунии ҳисоботи дохилихоҷагӣ, истифодабарии имкониятҳои он дар ташакккули маълумотҳои боэътимод кумаки амалӣ расонида, қарорҳои қабулшавандаро боэътимод ва қавӣ мегардонад. «Натиҷаҳои илмии дар ин самт бадастовардашуда низ барои истифодабарӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ зарур мегардад»[46].

Мақсади асосии риояи қоидаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ таъмин намудани идоракунии босамари фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ тавассути иттилооти муҳосибӣ мебошад. Баҳисобгирии идоракунӣ ба роҳбарияти ширкати фармасевтӣ имкон медиҳад, ки дар бораи хароҷот, даромад ва натиҷаҳои кор ҳам барои ташкилот дар маҷмуъ ва ҳам барои зерсохторҳои тобеъ, бахшҳо ва лоиҳаҳои алоҳида маълумоти саривақтӣ ва боэътимод гиранд.

Риояи қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба муносибгардонии равандҳои истеҳсолот, назорат ба истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ мусоидат мекунад. Ин, махсусан дар соҳаи тиҷорати фармасевтӣ хеле муҳим аст, ки хусусиятҳои фаъолияткунии ширкатҳои дар ин соҳа фаъолияткунанда беназир аст ва муносибати инфиродӣ ба ҳисобгирӣ, банақшагирӣ, назорат ва баҳогузории натиҷаҳоро талаб мекунад. Дуруст ташкил кардани баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки тамоюлот аз нишондиҳандаҳои нақшавӣ ошкор гардида, сабабҳои онҳо таҳлил карда шуда, чораҳои ислоҳӣ сари вақт гузаронида шаванд.

Ҳамчунин дар шароити муосир риояи қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирии ширкати фармасевтӣ, хусусан ширкатҳои истеҳсолӣ тавассути коҳишдиҳии арзиши молу маҳсулот, корҳо ва хизматҳо, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва кӯтоҳ кардани даври гирдгардиши молҳо ва истеҳсолот нигаронида шудааст. Ин тавассути ҷорӣ намудани усулҳои муосири баҳисобгирии

[46] Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб, для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям. 7-е изд. – М.: Омега-Л, 2008. – С.15 (570 с.)

хароҷот, истифодаи технологияҳои пешрафтаи коркарди иттилоот ва ташкили системаи самараноки ҳисоботи дохилӣ ба даст омада, имконият фароҳам меоранд, ки дар ҳама сатҳҳои сохтори ташкилии ширкати фармасевтӣ қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул карда шаванд.

### 1.3. Равишҳои методии омӯзиши мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ

Ҳар як соҳаи илм дорои ҳадафи муайян буда, барои расидан ба он вазифаҳои мушаххас пеш гузошта шуда, аз усулҳои муайян кор гирифта мешавад. Вазифаҳои муҳиме, ки асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ аз онҳо вобаста аст – муайянкунии мавзуъ, усул ва объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мебошанд. Омӯзиши асарҳои илмӣ нишон медиҳад, ки оид ба муайянкунии мафҳумҳои зикршуда, аҳаммият, муҳим будани онҳо ҳангоми татбиқи амалии баҳисобгирии идоракунӣ ва рушди назарияҳои баҳисобгирӣ бо дарназардошти таҳаввулот дар иқтисодиёт, олимон мавқеъҳои илмии хешро баён доштаанд. Метавон қайд намуд, ки дар таҳқиқотҳои олимони соҳа – Т.П. Карпова, М.А. Вахрушина, О.Н. Волкова, С.Ф.Низомов, С.А., Николаева, И.Г. Кукукина, Қ.Х. Хушвахтзода, А.Д. Шеремет, Л.Ф. Шилова ва дигарон аз мавқеъҳои гуногун ин масъала таҳқиқ гардидааст.

Л.Ф.Шилова[47] вобаста ба асосҳои таърихии пайдоиш ва рушди баҳисобгирии идоракунӣ, ҳадафҳои татбиқ ва пешбурди он масъалаҳои омӯзиши мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракуниро бо равишҳо ва методикаҳои махсус таҳлил кардааст. Мо ба таҳқиқоти илмии ин олим такя карда, изҳороти муаллифии хешро вобаста ба мафҳумҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ, мавзуъ, объектҳо, усулҳо ва унсурҳои он баён намудем (ҷадвали 1.3.1).

Таҳқиқи мафҳум, мавзуъ, объектҳо ва унсурҳои баҳисобгирии муҳосибӣ имкон медиҳад, хулоса барорем, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун низоми иттилоотӣ дар баробари рушди муносибатҳои молиявӣ-

[47] Шилова Л.Ф. Методология и инструментарий бухгалтерской отчетности организаций: монография. – Йошкар-Ола; ООО "Стринг", 2010. – 210 с.

хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ рушд намуда, ба рукни муҳимтарини низоми идоракунии корхона мубаддал гаштааст. Баҳисобгирии идоракунӣ ин шохаи баҳисобгирии муҳосибӣ буда, ба истифодабарандагон имконият медиҳад иттилоотеро, ки барои қабули қарорҳои стратегӣ оид ба рушди бизнес лозим аст, дастрас кунанд.

**Ҷадвали 1.3.1. – Муайянкунии мавзуъ, объект ва унсурҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ**

| Мафҳумҳои асосӣ | Изҳороти маъмулии мазмуни мафҳумот | Изҳороти муаллифии мазмуни мафҳумот |
|---|---|---|
| Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ | Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шакли умумӣ фаъолияти молиявию хоҷагидории ташкилотҳо мебошад, ки аз объектҳои муайяни мушоҳидаҳои муҳосибӣ ба миён меояд | Мавзуи баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаракати сармояе мебошад, ки тавасути даромадҳои пулӣ ва моддӣ аз рӯйи шаклҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ амалӣ гардонида мешавад: муқаррарӣ (амалиётӣ), молиявӣ ва сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) |
| Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ | Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ ин аст: моликияти ташкилот (дороиҳо) ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо (маҷмуи қарзҳо ва уҳдадориҳо), инчунин амалиётҳои молиявӣ ва хоҷагӣ (далелҳои ҳаёти хоҷагӣ), ки аз тарафи ташкилот дар раванди фаъолияти он амалӣ гардонида мешаванд ва дар равандҳои алоҳидаи молиявӣ-хоҷагӣ муттаҳид карда мешаванд | Объекти баҳисобгирии муҳосибӣ моликият ва сарчашмаҳои таъмини он, ки дар раванди фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ истифода мешаванд ва бо ҳаракати сармоя ифода меёбанд |
| Унсурҳои асосии объекти баҳисобгирии муҳосибӣ | Амволи ташкилот (дороиҳо);<br>Сарчашмаҳои пайдоиши амволи ташкилот (уҳдадориҳо ва сармоя);<br>Амалиёти хоҷагидорӣ;<br>Равандҳои молиявию хоҷагидорӣ | Объектҳои баҳисобгирии муҳосибиро бояд ба ибтидоӣ ва истеҳсолӣ ҷудо намуд.<br>Ба объектҳои ибтидоӣ дохил мешаванд:<br>Амалиёти хоҷагидорӣ;<br>Раванди хоҷагидорӣ.<br>Ба объектҳои истеҳсолии баҳисобгирӣ дохил мешаванд:<br>Нишондодҳои молумулк ва сарчашмаҳои он, им о таъсири амалиёти хоҷагидорӣ дар ҳисоботи баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар ҳисоботи муҳосибӣ ба миён меоянд |

Идомаи ҷадвали 1.3.1

| | | |
|---|---|---|
| Усули баҳисобгирии муҳосибӣ | Усули баҳисобгирии муҳосибӣ – ин маҷмуи тарзу усулҳоест, им о ёрии онҳо дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳаракат ва ҳолати амвол ва сарчашмаҳои пайдоиши он инъикос мешаванд | Усули баҳисобгирии муҳосибӣ маҷмуи тарзу усулҳоест, им о ёрии онҳо мавзуъ, объект ва унсурҳои он омӯхта мешавад |
| Унсурҳои усули баҳисобгирии муҳосибӣ | Мушоҳидаи ибтидоӣ аз рӯйи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирӣ;*<br>Ченкунии арзиши объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳогузорӣ ва арзишмуайянкунӣ;*<br>Гурӯҳбандии ҷории иттилоот дар бораи объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳисобгирӣ ва навишти дутарафа;*<br>Ҷамъбасти ниҳоии иттилоот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *тавозун ва ҳисоботи муҳосибӣ* | Мушоҳидаи ибтидоӣ аз рӯйи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *ҳуҷҷатгузорӣ ва бақайдгирӣ;*<br>Ченкунии арзиши объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳогузорӣ ва арзишмуайянкунӣ;*<br>Тақсимоти арзиши объектҳо дар раванди ҳаракати сармоя: *тадриҷан кам кардани арзиши дороиҳо ва ба сармоя гузаронидани арзиши изофа (амортизатсия ва капитализатсия);*<br>Гурӯҳбандии ҷории иттилоот дар бораи объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ: *баҳисобгирӣ ва қайди дутарафа;*<br>Ҷамъбасти ниҳоии иттилоот дар бораи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ: *тавозун ва ҳисоботи муҳосибӣ* |

***Сарчашма:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст.*

Назарияҳои илмӣ дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ ба ташаккули консепсияи он оид ба мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ мусоидат намудааст, ки навиштаҳои олимони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ онро тасдиқ мекунанд. Ақидаҳои муаллифии олимонро таҳлил намуда намунае аз онҳо дар ҷадвали 1.3.2 оид ба муайянкунии мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ оварда шудааст. Дар баробари андешаҳои таҳлилшуда мо низ таърифи муаллифии хешро дар бораи мавзуъ ва объекти баҳисобгирии идоракунӣ пешниҳод менамоем: мавзуи (предмети) баҳисобгирии идоракунӣ равандҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона ва объекти баҳисобгирии идоракунӣ хароҷот, натиҷаҳои фаъолияти корхона ва зерсохторҳои он, буҷет,

захираҳо, бизнес-равандҳо, амалиётҳои хоҷагӣ, нархгузории трансфертӣ, ҳисоботи дохилӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.3.2. – Ақидаҳои муаллифии олимон оид ба муайянкунии мавзуъ ва объеткҳои баҳисобгирии идоракунӣ**

| Муаллиф | Таърифи муайяншуда |
|---|---|
| Волкова О.Н. [48] | Объектҳои баҳисобгирии идоракуни ин «… ҷузъҳои алоҳида, ҷойҳои корӣ, равандҳо, лоиҳаҳо ё дилхоҳ функсияи идоракунӣ дар алоҳидагӣ мебошад» |
| Карпова Т.П. [49] | Мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ ин «Маҷмуи объектҳо дар раванди тамоми давраи идоракунии истеҳсолот, захираҳои истеҳсолӣ, раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳо мебошад» |
| Шеремет А.Д. [50] | Объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ «… зерсохторҳои нисбатан хурдтаринанд, ки аз рӯйи истеҳсолоти алоҳида, шаклҳои фаъолият, марказҳои масъулият ва ғ. Амал мекунанд» |
| Кукукина И.Г.[51] | «…мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ маълумоти баҳисобгирӣ, таҳлилӣ ва дигар маълумот барои ҳадафҳои идоракунӣ, объекти баҳисобгирӣ бошад – барандагони хароҷот дар шакли маҳсулот, кор ё хизматрасониҳо, мавқеи пайдошавии хароҷот (ҷузъиёт, қисматҳо, марказҳои масъулият мебошад» |
| Хушвахтзода Қ.Х.' Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов С.Қ., Бобиев И.А.[52] | Предмети баҳисобгирии идоракунӣ банақшагирӣ, ҳисобгирӣ, таҳлил, назорати фаъолияти зерсохторҳои корхона (марказҳои масъулият) мебошад, ки ба ченкунии даромаду хароҷоти ҳар як зерсохтор ва муттаҳидкунии онҳо барои баландбардории самаранокии фаъолияти корхонаи воҳид равона карда шудааст. |
| Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. [53] | Объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ «…фаъолияти корхона дар маҷмуъ ва зерсохторҳои дохилии корхона мебошад» |
| | Мавзуи (предмети) баҳисобгирии идоракунӣ равандҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона ва объекти баҳисобгирии идоракунӣ хароҷот, натиҷаҳои фаъолияти корхона ва зерсохторҳои он, буҷет, захираҳо, бизнес-равандҳо, амалиётҳои хоҷагӣ, нархгузории трансфертӣ, ҳисоботи дохилӣ мебошад |

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Муаллиф [48] Волкова О.Н. Управленческий учет: учебник. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – С.32.

[49] Карпова Т.П. Управленческий учет: учеб. для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – С.7 (351 с.).

[50] Шеремет А.Д. Методика финансового анализа: учебное пособие для вузов / А.Д. Шеремет, Р.С. Сайфулин, Е.В. Негашев. – М.: ИНФРА-М., 2002. – С.17 (207 с.).

[51] Кукукина И.Г. Управленческий учет: учеб, пособие. – М.: Финансы и статистика, 2004. – С.46.

[52] Орзуев П.Ҷ., Шоймардонов С.Қ., Барфиев Қ.Х., Бобиев И.А. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Балоғат». 2019. – С.16. (540 с.).

[53] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – С.15. (324 с.).

Дар умум мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ, ки онро равандҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ номбар кардем, шарҳи ботафсили он дар хариди молҳо барои бозфурӯшӣ, хариди масолеҳ барои истеҳсолот, кирояи коргарон барои иҷроиши корҳо, баҳогузории натиҷаҳои молиявӣ аз амалиёти гузаронидашуда ва ғ. Зоҳир мегардад. Бештар, хусусияти баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо аз баҳогузории фаъолияти умумии корхона сарчашма мегирад, балки таҳлили ҳатто як амали хоҷагии алоҳида, масалан даври пурраи истеҳсоли маҳсулоти мушаххасро низ дар бар мегирад[54].

Баҳисобгирии идоракунӣ қисми маълумотеро аз муҳосибот барои худ интихоб мекунад, ки бевосита ба банақшагирии фаъолияти корхона метавонанд таъсир расонанд. Дар расми 1.3.1 вобастагии мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ, объектҳо ва унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ нишон дода шудааст. Аз рӯйи расми 1.3.1 мушоҳида мекунем, ки объекти баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо маҷмуи амвол, захираҳо ва фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона дар маҷмуъ, балки рукнҳои алоҳидаи равандҳои хоҷагидорӣ, амалҳо ва самтҳои баҳисобгирӣ, омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ низ шуда метавонанд:

– хароҷоти корхона дар маҷмуъ ва масрафоти зерсохторҳои таркибии он;

– натиҷаҳои фаъолияти корхона дар маҷмуъ ва зерсохторҳои таркибии он;

– банақшагирӣ ва буҷети корхона;

– нархгузории трансфертӣ;

– ҳисоботи дохилӣ;

– муҳити дохилӣ ва берунӣ;

– захираҳо, имкониятҳо;

– бизнес-равандҳо ва воҳидҳои сохторӣ;

[54] https://nalog-nalog.ru/upravlencheskij_uchet/chto_yavlyaetsya_obektami_upravlencheskogo_ucheta_perechen/

– амалиётҳои хоҷагӣ ва ғ;




*Расми 1.3.1 – Баҳисобгирии идоракунӣ: вобастагии мавзуъ, объект ва унсурҳои он*

Дар баробари муайян гардидани мавзуъ ва объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ низоми иттилоотӣ аз

унсурҳои муҳимми ба ҳам вобаста (қисми поёнии расми 1.3.1 – баҳисобгирии хароҷот; банақшагирӣ ва буҷетсозӣ; ҳисоботи дохилӣ; назорат; усулҳои арзишҳисобкунӣ; баҳогузории лоиҳаи сармоягузорӣ ва.ғ.) иборат мебошад, им о истифода аз онҳо ҳама гуна вазифаҳои дар назди баҳисобгирии идоракунӣ гузошташуда ба пуррагӣ иҷро гардида, низоми иттилоотиро самаранок мегардонанд.

Аз рӯйи расми 1.3.1 мушоҳида карда мешавад, ки баҳисобгириии идоракунӣ, ҳамчун низоми иттилоотӣ комилан амал карда метавонад, агар мавзуъ ва объектҳои он дуруст муайян гардида, ҳама унсурҳои баҳисобгирии идоракунӣ ба пуррагӣ дар корхона пеш бурда шаванд.

Мундариҷаи мавзуи баҳисобгирии идоракунӣ бо ёрии тамоми объектҳо ва унсурҳои он ошкор карда мешавад. Дар шакли умумӣ, вай маҷмуи объектҳоро дар раванди тамоми даври идоракунӣ, дар вақт ва макони муайян, яъне дар шароити мушаххаси амалӣ ташкил медиҳад.

Акнун, дар заминаи андешаҳои С.А. Николаева[55] ва вобаста ба маълумотҳои дар расми 1.3.1 овардашуда муаллиф зарур мешуморад, ки оид ба баъзе аз ҷузъҳои алоҳидаи объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ, им о ширкати фармасевтӣ мебошанд ва ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонанд, тафсилоти бештар пешниҳод карда шавад.

***Хароҷоти ширкати фармасевтӣ ҳамчун*** объекти баҳисобгирии идоракунӣ маҷмуи хароҷоти марбут ба истеҳсол, фурӯш ва идоракунии фаъолияти ширкатро дар бар мегирад. Дар баҳисобгирии идоракунӣ хароҷот барои қабули қарорҳои стратегӣ ва амалиётӣ, муносибгардонии хароҷот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тиҷоратӣ таҳлил карда мешаванд. Саноати фармасевтӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки ба таркиби хароҷот ва баҳисобгирии он таъсир мерасонанд:

[55] Николаева С.А., Шебек С.В. Управленческий учет. Легенды и мифы. – М.: Аудиторско-консалтинговая фирма "ЦБА", 2004. – С.58 (288 с.).

*Сатҳи баланди хароҷот дар самти тадқиқот ва коркарди маҳсулот.* Коркард ва истеҳсоли доруҳои нав сармоягузории назаррасро барои таҳқиқот, озмоишҳои клиникӣ ва сертификатсияи молҳо талаб мекунад.

*Хароҷоти танзимкунӣ.* Фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ бояд ба талаботи қатъии тасдиқшуда ва танзимгардида мувофиқат кунад, ки иҷроиши ин талабот хароҷоти иловагиро талаб мекунад, ба мисли хароҷот барои иҷозатнома, сертификатсияи молҳо, назорати сифат ва ғ.

*Хароҷоти истеҳсолӣ.* Истеҳсоли доруҳо, таҷҳизоти баландтехнологӣ ва инноватсионӣ, риояи стандартҳои GMP (Good Manufacturing Practice), ки истифодаи масолеҳи гаронбаҳоро талаб мекунанд.

*Хароҷоти маркетинг.* Тарғиб ва пешбарии доруҳо дар бозор, хусусан доруҳои нав сармоягузории назаррасро барои таблиғот, барномаҳои таълимӣ барои табибон ва дорусозон, эҷоди бренд ва шуҳрати корхона талаб мекунад.

*Хароҷоти логистика.* Интиқоли маводи доруворӣ, махсусан доруҳое, ки бояд дар шароити махсус (масалан, дар ҳарорати сард) нигоҳ дошта шаванд, масрафоти иловагии зиёдро талаб мекунанд.

*Хароҷоти маъмурӣ.* Маоши кормандони роҳбарикунанда, иҷораи идораи маъмурӣ, хароҷоти хоҷагидорӣ ва ғ.

Дар баҳисобгирии идоракунӣ хароҷоти ширкати фармасевтӣ бо мақсадҳои зерин бояд идора ва таҳлил карда шаванд:

– *муносибгардонии хароҷот* – муайян кардани ҷузъҳои хароҷоти бесамар ва дарёфти роҳҳои кам кардани онҳо;

– *буҷетсозӣ* – банақшагирии хароҷот дар асоси ҳадафҳои стратегии ширкат;

– *нархгузорӣ* – муайян кардани арзиши маҳсулот барои муқаррар кардани нархҳои рақобатпазир;

– *арзёбии фаъолият* – муайянкунии натиҷаи фаъолияти зерсохтор, натиҷаи кори менеҷерон ва таҳлили даромаднокии маҳсулот, лоиҳаҳо ё бахшҳои алоҳида;

– *назорати хароҷот* – муқоисаи хароҷоти воқеӣ бо хароҷоти пешбинишуда ва муайян кардани тамоюлот.

Иҷро кардани амалҳои зикршуда ба муносибгардонии истифодаи захираҳои моддӣ ва молиявии корхона, коҳишдиҳии сатҳи хароҷот, афзоиш додани самаранокии истеҳсолот, баландбардории масъулияти менеҷерон ва рақобатпазирии маҳсулот аз рӯйи нархҳои гузошташаванда нақши калидӣ мебозанд.

***Натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ*** дар корхонаи фармасевтӣ объекти дигари асосии баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд, зеро онҳо самаранокии истифодаи захираҳо, устувории молиявӣ ва рақобатпазирии корхонаро инъикос мекунанд. Баҳисобгирии идоракунӣ ба ширкат имкон медиҳад, ки даромади корхона зиёд карда шавад, хароҷот ва истеҳсолот дар сатҳи муносиб нигоҳ дошта шуда, қарорҳои стратегӣ қабул карда шавад. Нишондиҳандаҳои асосие, ки ба натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории ширкати фармасевтӣ тааллуқ дошта, дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун объекти омӯзиш ва таҳлил қарор мегиранд, инҳоянд:

*Фоида (умумӣ, амалиётӣ, соф).* Ҳисоб кардани даромад аз фурӯши маводи доруворӣ, бо тарҳи хароҷоти истеҳсолӣ, хароҷоти маъмурӣ, хароҷоти тиҷоратӣ, хароҷоти ғайриамалиётӣ ва андозҳо.

*Даромаднокӣ.* Ҳамчун таносуби фоида бар хароҷот ё даромад (даромад аз фурӯши молҳо) бар маблағи дороиҳо (дороиҳои соф) ҳисоб карда мешавад. Инчунин таҳлили таркиби фурӯши маҳсулот ва муайянкунии даромаднокӣ аз фурӯши ҳар як намуди молҳои доруворӣ муҳим аст.

*Хароҷоти истеҳсолот.* Таҳлили хароҷоти истеҳсоли молҳои доруворӣ, аз он ҷумла сарфи ашёи хом, истифодабарии таҷҳизот, сарфи меҳнат ва хароҷоти барилова.

*Самаранокии дороиҳои ҷорӣ.* Идоракунии захираҳои молию истеҳсолӣ (молҳои доруворӣ, масолеҳ), қарзи дебиторӣ ва воситаҳои пулӣ.

*Ҷараёни воситаҳои пулӣ.* Гардиши пули нақд – фурӯши нақдӣ ва фурӯш ба тарзи насиявӣ (қарзҳои дебиторӣ), самтҳои истифодабарии воситаҳои пулӣ, аз он ҷумла сармоягузорӣ дар самти таҳқиқот ва рушд таҳлил карда мешавад..

*Хароҷот барои таҳқиқот ва маҳсулоти нав.* Ин хароҷот, махсусан дар саноати фармасевтӣ хеле муҳим аст, зеро коркарди доруҳои нав сармоягузории назаррасро талаб мекунанд.

Дар доираи ин объекти баҳисобгирии идоракунӣ усулҳои зерини таҳлили натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидории корхона метавонад истифода бурда шаванд, ки дар натиҷаи он саҳми ҳар як намуди маҳсулот дар ташаккули натиҷаҳои молиявӣ ва дигар нишондиҳандаҳо ба даст меоянд:

– таҳлили маржиналӣ – арзёбии саҳми ҳар як маҳсулот дар фоидаи умумии ширкат;

– таҳлили безарарӣ – муайян кардани нуқтаи безарарӣ барои доруҳо ё лоиҳаҳои нав.

– таҳлили ABC – таснифи маҳсулот аз рӯйи сатҳи даромаднокӣ (масалан, 20% молҳо метавонад 80% фоидаи корхонаро таъмин кунад).

– таҳлили муқоисавӣ – муқоисаи натиҷаҳои воқеӣ бо натиҷаҳои банақшагирифташуда ё бо нишондиҳандаҳои фаъолияти рақибон.

– дисконткунонии ҷараёнҳои пулӣ – арзёбии лоиҳаҳои дарозмуддат, ба монанди таҳияи доруҳои нав, ки дар оянда метавонанд истеҳсол карда шаванд. Бо ин усул самаранокии сармоягузорӣ ба лоиҳа ва маҳсулотҳои нав бо дарназардошти арзиши ҷории воридотҳои пулӣ муайян карда мешавад.

Ҳамчунин, нишондиҳандаҳое, ки натиҷаҳои фаъолияти хоҷагиро аз рӯйи бизнес-равандҳо, зерсохторҳои дохилӣ, истифодабарии захираҳо

дар баҳисобгирии идоракунӣ васф мекунанд, ҳамзамон ба ташаккули нишондиҳандаҳои натиҷавии ширкат дар маҷмуъ таъсири мустақим мерасонанд.

***Буҷети ширкати фармасевтӣ ҳамчун объекти баҳисобгирии идоракунӣ*** яке абзорҳои муҳимми баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки аз рӯйи он раванди истеҳсоли маҳсулот, иҷроиши корҳо, сатҳи хароҷот, даромадҳо, натиҷаҳои фаъолият назорат карда шуда, ба роҳбарият дар қабули қарорҳои асоснок ва ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншуда кумак мерасонад.

Сабабҳои асосии зерин ва хусусиятҳои фаъолият водор менамояд, ки дар ширкатҳои саноати фармасевтӣ буҷетҳо омода ва раванди иҷроиши онҳо назорат карда шавад:

*Сармоягузории калон барои рушди фаъолият, таҳқиқот ва коркарди маҳсулоти нав.* Ширкатҳои фармасевтӣ як қисми зиёди захираҳои худро барои таҳияи доруҳои нав сарф мекунанд. Буҷетҳо бояд ин хароҷотро инъикос кунанд ва даромадҳои ояндаро аз маҳсулоти нав тарҳрезӣ кунанд.

*Давраи дарозмуддати истеҳсолот.* Барои таҳия ва ба бозор баровардани доруҳои нав вақти зиёд талаб карда мешавад. Зимни таҳияи буҷетҳо ин омил бояд ба инобат гирифта шуда, даромадҳо барои давраи тулонӣ пешгӯӣ карда шаванд.

*Талаботи қатъии сифат.* Ширкатҳои дорусозӣ бояд стандартҳои сифатро қатъиян риоя кунанд. Буҷетҳо низ бояд хароҷоти назорати сифат ва сертификатсияро дар бар гиранд.

*Рақобати баланд*. Ба саноати фармасевтӣ рақобати баланд хос аст. Буҷетҳо бояд шароити бозорро ба назар гирифта, рақобатпазирии ширкатро пешгӯӣ карда тавонанд.

*Гуногунӣ ва шумораи зиёди сохторҳои воҳидии ширкат.* Дар ҳайати ширкати фармасевтии калон метавонад сохторҳои зиёди истеҳсолию тиҷоратӣ ва таъминотӣ фаъолият кунанд, ки барои идоракунии

босамари фаъолияти онҳо, назорати хароҷот ва баҳогузории натиҷаи корҳои ин зерсохторҳо буҷет ҳамчун манбаи иттилоотӣ ва воситаи муқоисакунии нишондиҳандаҳо бояд хизмат расонад.

Мисли дигар ширкатҳои истеҳсолии тиҷоратӣ, дар ширкатҳои фармасевтӣ низ буҷети амалиётӣ ва буҷети молиявӣ тартиб дода мешавад. Илова ба ин ду шакли буҷет, барои ширкатҳои фармасевтӣ тавсия карда мешавад, ки *буҷети таҳқиқоти илмӣ-таҷрибавӣ* ва *буҷети коркарди маҳсулотҳои нав* низ омода карда шавад, чунки ширкати истеҳсолии фармасевтӣ, дар ин самт метавонад таҳқиқоти васеъ бурда, коркарду омӯзиши доруҳои навро ба роҳ монда, дар баробари ин захираҳоро дар ин самт сафарбар намояд, ки аз натиҷааш бояд ба роҳбарияти ширкат мунтазам маълумот ирсол гардад.

Татбиқи буҷетҳо ва назорат аз рӯйи рафти иҷроиши онҳо чунин натиҷаҳоро ба бор меорад: беҳтар шудани самаранокии идоракунӣ; ояндабинии вазъ ва банақшагирии мукаммали фаъолиятҳо; назорати иҷрои нақшаҳо ва ошкоркунии тамоюлҳо; муайян гаштани масъулият ва баланд бардоштани ҳавасмандгардонии менеҷерҳо.

***Муҳити дохилӣ ва берунӣ*** дар баҳисобгирии идоракунии корхонаи фармасевтӣ ҳамчун объекти асосии мушоҳида ва таҳлил мавриди баррасӣ қарор мегарданд, зеро қабули қарорҳои саривақтӣ ва асоснок аз таъсири мутақобилаи онҳо вобастагии қавӣ дорад. Дар зер ҷанбаъҳои асосиеро хотиррасон менамоем, ки ҳангоми ташкили баҳисобгирии идоракунӣ зарурати ба инобат гирифтани омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба миён омада, дар баҳисобгирии идоракунӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегиранд.

Ба мо маълум аст, ки омилҳои муҳити дохилӣ нисбатан дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ маъмуланд, ба мисли: сохтори ташкилӣ, ки тақсимоти дақиқи вазифаҳо, мавҷудияти шуъбаҳои махсусгардонидашуда, соҳаҳои масъулият ва ҳамкории байни шуъбаҳоро дар назар дорад; хароҷоти корхона; равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ; идораи кадрҳо, молия ва захираҳо; банақшагирии молиявӣ ва

буҷет; робитаҳои дохилихоҷагӣ; бахшҳо ва зербахшҳо; мудирияти корхона; сармоягузориҳо ва самаранокии онҳо ва ғ. Ин омилҳо объекти бевоситаи дохилии баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб ёфта, барои муносибгардонии хароҷот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии истеҳсолот, омӯзиш (мониторинг)-и иҷрои кори шуъбаҳо ва лоиҳаҳои инфиродӣ, таҳияи системаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегиро баҳогузорӣ мекунанд, ташкили ҳисоботи фаврӣ ва тағйирпазир барои роҳбарият кумаки амалӣ мерасонанд.

Мақсади баҳисобгирии идоракунӣ ҳамоҳанг гардонидани маълумот оид ба хароҷот, даромад ва ташаббусҳои стратегӣ дар муҳити дохилӣ бо пешгӯиҳо ва маҳдудиятҳо дар муҳити беруна мебошад. Ин равиши ҳамаҷониба ба ширкат имкон медиҳад, ки аз буҷет ва нархгузорӣ сар карда то таҳияи доруҳои нав ва ворид шудан ба бозорҳои ояндадор қарорҳои оқилона қабул карда шавад.

Бояд зикр кард, ки дар баробари омилҳои дохилӣ омилҳои муҳити беруна вуҷуд доранд, ки онҳоро низ ҳамчун объекти баҳисобгирии идоракунӣ эътироф намуда, зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ ба инобат гирифтани онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Дар расми 1.3.2 номгӯйи онҳо бо нишон додани хусусият, унсурҳои таркибӣ, дараҷаи таъсиррасонӣ ба вазъи ташкили истеҳсолот ва тиҷорати ширкати фармасевтӣ пешниҳод карда шудааст.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии самараноки идоракунӣ дар ширкати фармасевтӣ бе таҳлили ҳамаҷонибаи муҳити дохилӣ ва берунӣ ғайриимкон аст. Омилҳои дохилӣ (сохтор, захираҳо, равандҳои истеҳсолӣ, фарҳанги корпоративӣ) идоракунии фаврӣ, хароҷот ва ҳосилнокиро муайян мекунанд. Омӯзиш ва ба инобат гирифтани омилҳои беруна (танзимкунӣ, иқтисодӣ, рақобат, пешрафти илмию техникӣ, тамоюлҳои иҷтимоӣ ва ғ.) барои банақшагирии стратегӣ,

стратегияи фурӯш ва ишғоли мавқеи муносиб дар бозори фармасевтӣ шароит фароҳам меоранд.




*Расми 1.3.2. – Омилҳои муҳити беруна, ки ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ таъсир мерасонанд.*

*Манбаъ: муаллиф тартиб додааст.*

***Ба сифати объекти дигари баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ бизнес-равандҳо*** марбут дониста мешавад, ки онҳоро метавон ҳамчун объектҳои муҳимтарин ҳисоб намуд. Моҳияти ин объектҳо дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи захираҳо ва фаъолиятҳо дар доираи равандҳои алоҳида истифода ва идора карда шуда, дар таъмини фаъолияти бобарори ширкати тиҷоратии фармасевтӣ нақши муассирро мебозанд.

Ширкатҳои тиҷоратии фармасевтие, ки шакли асосии фаъолияти онҳо истеҳсол ва фурӯши молҳои фармасевтӣ мебошад, метавонанд бизнес-равандҳои зиёд дошта бошанд. Ба сифати бизнес-равандҳо, зерсохторҳои таъминотӣ, истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ, коргоҳҳо, анборхонаҳо, нуқтаҳои фурӯш ва дигар мағозаҳои муқаррарии фурӯши яклухт ва чакана ҳисоб меёбанд.

Тибқи назария ва амалияи идоракунӣ ҳамаи воҳидҳои сохтории муносиб марказҳои масъулият ҳисоб меёбанд. Роҳбарони онҳо ва ё мутахассисони барои қитъаҳои мушаххаси кор таъиншуда, барои ҳалли вазифаҳои аз ҷониби роҳбарият гузошташуда масъуланд. Вобаста аз хусусиятҳои фаъолият воҳидҳои сохторӣ метавонанд маркази хароҷот, маркази даромад ё маркази сармоягузорӣ бошанд. Иттилооти баҳисобгирӣ аз рӯйи марказҳои масъулияти зикршуда хусусияти афзалиятнок дорад, зеро аз ҳолати танзими фаъолияти ин марказҳо вазъи умумии молиявии ширкат вобаста аст.

Нигоҳдории маводи доруворӣ, чи дар коргоҳҳои истеҳсолӣ, анборҳо, ё ин ки дар нуқтаҳои савдо (мағозаҳои фурӯш) дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ масъалаи ниҳоят муҳим ҳисоб меёбад. Чунки ҳамаи амалиётҳо доир ба фаъолияти дорухона, аз он ҷумла муҳлати истифодаи доруворихо аз ҷониби давлат қатъиян назорат карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки нигоҳдории маводи доруворӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ масрафоти иловагиро талаб менамояд. Дар дилхоҳ ташкилоти тиҷоратӣ натиҷаҳои молиявӣ аз бузургии хароҷот

вобаста мебошад. Дар ширкатҳое, ки ба коҳиш додани хароҷот барои нигоҳдории захираи молҳо ноил мегарданд ва дар сатҳи лозимӣ захираи молҳоро дар анборҳои худ нигоҳ медоранд, дар онҳо самаранокии баланди фурӯш ба даст меояд. Чунки маводи доруворӣ дорои муҳлати истифодабарии муайяншуда мебошанд. Дар мавриди ба фурӯш нарафтани ин гуна молҳо, боқӣ мондани захираи зиёди онҳо дар анбор ё мағозаҳои фурӯш, ки муҳлатҳои истеъмолияшон гузаштааст, зарурият ба миён меояд, ки ин гуна молҳо нобуд карда шаванд. Мувофиқан аз ин гуна амал ширкати тиҷоратии фармасевтӣ метавонад зиёни ҷиддӣ бинад.

Хусусияти муҳимтарини ҷудокунии фаъолияти ширкати бузурги фармасевтӣ ба бахшҳо ва зербахшҳо, пешбарии фаъолият аз рӯйи бизнес-равандҳо дар он мебошад, ки барои ҳар як бахш, зербахш, раёсат, шуъба ва бизнес-равандҳо захираҳои гуногун ҷудо карда шуда, аз роҳбарони онҳо натиҷаи истифодабарии ин захираҳо талаб карда мешавад. Дараҷаи иҷроиши талаботи гузошташуда танҳо бо ёрии баҳисобгирии идоракунӣ муайян карда мешавад.

Аз ин рӯ ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи воҳидҳои сохторӣ, ё бизнес-равандҳо (намояндагиҳо, коргоҳҳои истеҳсолӣ, мағозаҳои фурӯш, анборхонаҳо, зерсохтори логистикӣ, филиалҳо ва ғ.) дар ташкили фаъолияти босамари идоракунии ширкати фармасевтӣ нақши ҳалкунандаро мебозад.

***Захираҳои дохилӣ ва имкониятҳои*** гуногун ба гурӯҳи дигари объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ дохил карда мешаванд, ки ширкат метавонад барои ноил гаштан ба ҳадафҳои гузоштааш аз онҳо васеъ истифода барад.

Ширкати фармасевтии тиҷоратии замонавӣ як ташкилоти мураккаби бисёрсамтае мебошад, ки фаъолияташ ба ихтироъ, истеҳсол ва фурӯши доруҳо ва маводи таъиноти тиббӣ нигаронида шудааст. Фаъолияти он ба таъсири самараноки мутақобилаи захираҳои гуногун асос ёфтааст: моддӣ (таҷҳизот, ашё ва маводи тиббӣ), меҳнатӣ (мутахассисони соҳаи дорусозӣ, маркетинг, фурӯш ва ғ.), молиявӣ

(сармоягузориҳо, фоида) ва иттилоотӣ (маълумоти илмӣ, маълумот оид ба бозор, маълумоти таҳлилӣ ва ғ.). Муваффақияти ширкат аз тақсимот ва истифодаи муносиби ин захираҳо, инчунин ба занҷираҳои муқарраршудаи логистикӣ, ки интиқоли маҳсулотро ба истеъмолкунандагон таъмин мекунанд, вобаста аст. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ иттилоот оид ба вазъ ва натиҷаҳои истифодабарии захираҳои зикршуда омода карда шуда, раванди истифодабарии онҳо дар доираи сохторҳо ва зерсохторҳои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ бояд назорат карда шавад.

Хуллас, баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои фармасевтии тиҷоратӣ доираи васеи объектҳоро фаро мегирад, аз он ҷумла хароҷот, натиҷаҳои фаъолият, банақшагирӣ ва буҷет, захираҳо (моддӣ, молиявӣ, кадрӣ), бизнес-равандҳо, муҳити дохилӣ ва беруна, унсурҳои сохторие, ки ҳамчун марказҳои масъулияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ амал мекунанд. Ин ба зиммаи низоми баҳисобгирии идоракунӣ масъулияти махсусро вогузошта дар ҳар як марҳила назорат ва таҳлили муфассалро талаб мекунад.

Аз ҷумла, равандҳои тиҷоратии ширкатҳои фармасевтӣ аз хариди ашёи хом, истеҳсоли доруҳо, логистика ва тақсимот, маркетинг ва фурӯш, инчунин вазифаҳои маъмурӣ ва сармоягузорӣ иборатанд. Ҳар яке аз ин равандҳо бояд бодиққат ҳуҷҷатгузорӣ, таҳлил ва фаъолияти онҳо назорат ва натиҷагирӣ карда шаванд. Ба назорати сифат дар ҳамаи марҳилаҳо – аз харидани масолеҳ сар карда, то фурӯхтани маҳсулоти тайёр диққати махсус бояд дода шавад. Барои ҳар як объекти баҳисобгирии идоракунӣ бояд талаботҳои махсуси ҳуҷҷатгузорӣ, тартиби омодакунии маълумот оид ба рафти иҷроиши корҳо, раванди пешниҳоди маълумот ба менеҷерон муайян карда шавад.

Баҳисобгирии самараноки идоракунӣ дар ширкати фармасевтӣ барои гузаронидани назорати ҳамаҷониба асос мегузорад, ки ҳам захираҳо ва ҳам фаъолияти равандҳо (хароҷот) ва ҳам натиҷаҳои

амалиётро (даромад, фоида) вобаста ба объектҳои баҳисобгирӣ фаро мегирад. Танҳо ин равиш метавонад шаффофияти пурра, муносибгардонии хароҷот, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва кам кардани хатарҳои марбут ба риоя накардани талаботи меъёриро таъмин намояд.

**Хулоса аз рӯйи боби 1-ум**

1.Таҳлили асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ва консепсияҳои бунёдшуда дар ин самт имконият фароҳам овард хулоса барорем, ки моҳият, мавқеъ, таъинот ва нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар системаи идоракунии субъекти иқтисодӣ ва раванди амалигардии муносибатҳои иқтисодӣ байни субъектҳои хоҷагӣ тасдиқи худро ҳамчун илми собитшуда пайдо намояд. Он ҳамчун низоми иттилоотии микроиқтисодӣ эътироф гардида, раванди ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, таҳлил, шарҳдиҳӣ ва интиқоли иттилоотеро дар бар мегирад, ки барои идоракунии ягон объект зарур аст. Вазифаи асосии он таъмин намудани менеҷерони корхона бо иттилооти фаврии муҳосибии коркардшуда, таҳлилшуда ва хулосабароришуда мебошад.

2. Баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти муосири раванди идоракунӣ маҷмуи омилҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро дар корхона ҳадафи омӯзиши худ қарор дода, оид ба вазъ ва натиҷаи онҳо иттилооти заруриро тайёр карда ба роҳбарият пешниҳод менамояд. Низоми дурусти баҳисобгирии идоракунӣ шаффофият ва объективиро зимни баҳогузории фаъолияти ширкат ва зерсохторҳои он таъмин намуда, ба тақсими масъулиятҳои шахсии кормандон мусоидат мекунад. Чунин баҳисобгириро метавон бо дархости роҳбарият пеш бурд, ки самаранокии он бо пуррагии иттилоот, фавригӣ, саҳҳеҳӣ, сарфанокӣ ва дигар хусусиятҳо таъмин мегардад.

3. Бояд зикр кард, ки зимни ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ риояи қоидаҳои  (принсипҳои) муайяншуда дар ҳамбастагӣ бо хусусиятҳои соҳавии ширкатҳои фармасевтӣ, дараҷаи ҷузъигардонии иттилоот ва равандҳои қабули қарорҳо дар сатҳҳои гуногун бояд ба ҷо

оварда шавад. Мақсади асосии риояи қоидаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ таъмин намудани идоракунии босамари фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ тавассути иттилооти муҳосибӣ мебошад.

4. Дар доираи ин таҳқиқот объектҳои хоси баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ муайян карда шуд, ки инҳо мебошанд: хароҷот, натиҷаҳои фаъолият, банақшагирӣ ва буҷет, захираҳо (моддӣ, молиявӣ, кадрӣ), бизнес-равандҳо, муҳити дохилӣ ва беруна, унсурҳои сохторие, ки ҳамчун марказҳои масъулияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ амал мекунанд. Чунин таснифи объектҳо ба зиммаи низоми баҳисобгирии идоракунӣ масъулияти махсусро вогузошта дар ҳар як марҳила назорат ва таҳлили муфассалро талаб мекунад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ТАШКИЛ ВА ПЕШБУРДИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШИРКАТҲОИ ФАРМАСЕВТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1.Таҳлили ҳолати соҳаи фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ

Саноати фарматсевтӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини соҳаи иқтисод ва таъминоти вазъи иҷтимоӣ ҳисоб меёбад. Натиҷаҳои кори корхонаҳои дорусозӣ, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо ба вазъи саломатии аҳолӣ таъсири назаррас дошта, қисми муҳимми системаи тандурустии кишварҳои ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Воситаҳои дорувории муосир барои рушди муътадили системаи ҷаҳонии тандурустӣ ниҳоят муҳиманд ва аз ин рӯ, таҳти назорати қатъии танзимгарони миллӣ ва инчунин созмонҳои байналмилалӣ ба монанди Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) қарор доранд. Ҳамаи ин аҳаммияти стратегии соҳаро барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва тандурустии аҳолии кишварҳо муайян мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди дарёфти истиқлолият ба мушкилиҳои ҷиддии марбут ба таъмини маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ рӯбарӯ гардид. Бо сабаби завол ёфтани системаи мутамаркази таҳвили маводи доруворӣ, коҳиши маблағгузорӣ барои хариди ин мавод, афзоиши сатҳи истеъмоли онҳо, арзиши доруворӣ якбора афзуд. Вуҷуд надоштани саноати дохилии дорусозӣ дар навбати худ ба ин раванд мусоидат намуда буд. Дар бозори фармасевтии кишвар шумораи дорувории бесифат, қалбакӣ ва ба қайди давлатӣ гирифтанашуда меафзуд.

Бо мақсади ҳалли ин проблемаҳои ҷиддӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шуда, санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муомилоти маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки ба онҳо «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» №1413 аз 30 майи соли 2017, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва

фаъолияти фармасевтӣ» №39 аз 6 августи соли 2001, «Дар бораи маводҳои нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо» №874 аз 10 декабри соли 1999, «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» №37 аз 17 майи соли 2004, «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» №1968 аз 22 июни соли 2023, «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» №72 аз 9 декабри соли 2004, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ба им о а тақсимоти маводи доруворӣ» ва «Сиёсати давлатии дорувории Ҷумҳурии Тоҷикистон» як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои соҳавӣ дохил мешаванд.

Ғайр аз ин, бо мақсади татбиқи Қонунҳои зикргардида дар соҳаи фармасевтӣ зиёда аз панҷоҳ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” дар соли 2020[56] таваҷҷуҳи махсусро ба зарурати вусъат додани корҳо дар самти рушди босуръати саноати фармасевтӣ доданд. Дар робита ба ин, ба вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати таъмини рушди саноати фармасевтӣ чораҳои фаврӣ ва мушаххас андешанд ва мутахассисонро бо қобилияти истифодаи технологияҳои муосири фармасевтӣ тайёр кунанд.

Дар ҷумҳурӣ воридот, истеҳсол, фурӯш ва истифодаи доруворӣ ва молҳои тиббӣ танҳо дар сурати бақайдгирии давлатии онҳо иҷозат дода мешавад. Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маводи доруворӣи босифат, судманд, безарар ва аз ҷиҳати иқтисодӣ дастрас дар даврони истиқлолият низоми бақайдгирӣ, сертификатсиякунонӣ ва воридоти маводи доруворӣ муқаррар карда шудааст.

[56] Манбаъ: http://president.tj/

Айни замон дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 2950 муассисаи фармасевтӣ (ҷадвали 2.1.1) фаъолият менамоянд, ки аз онҳо дар шаҳри Душанбе 593 муассиса, дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ 420 муассиса, дар вилояти Хатлони 969 муассиса, дар вилояти Суғд 905 муассиса ва дар ВМКБ 63 муассисаҳои фармасевтӣ қарор доранд. Бояд зикр кард, ки бештари онҳо хамчун филиал ё намояндагии ширкатҳои калони фармасевтӣ фаъолият мекунанд.

**Ҷадвали 2.1.1 – Шумораи дорухонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023**

| № | Вилоятҳо, минтақаҳо ва шаҳри Душанбе | Миқдори дорухонаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Шаҳри Душанбе | 593 |
| 2. | Вилояти Суғд | 905 |
| 3. | Вилояти Хатлон – Бохтар | 652 |
| 4. | Вилояти Хатлон – Кӯлоб | 317 |
| 5. | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 420 |
| 6. | ВМКБ | 63 |
| | **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **2950** |

***Манбаъ:*** *Маълумоти оморӣ аз ҳисоботи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои соли 2023.*

Дар расми зерин (2.1.1) ҳиссаи дорухонаҳо вобаста ба минтақаҳои чумҳурӣ нишон дода шудааст, ки мувофиқи он бештаре аз ин муассисаҳо дар вилояти Хатлон (33%), вилояти Суғд (31%) ва шаҳри Душанбе (20%) воқеъ гардидаанд.

Дар натиҷаи фаъолияти пурсамари сохторҳои фармасевтӣ миқдори доруворихои ба қайди давлатӣ гирифташуда, сертификатсия гардида ва воридоти доруворихо ба қадри назаррас зиёд гардидааст.

Бақайдгирии доруворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 инҷониб амалӣ карда мешавад. Ба санаи якуми январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 4600 маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки аз онҳо 2400 номгӯй дар давлатҳои муштаракулманофеъ ва 2200 номгӯи дигар дар кишварҳои хориҷи дур

истеҳсол гардидаанд. Аксари доруворихои бақайдгирифташуда ба давлатҳои Федератсияи Россия, Украина, Ҳиндустон, Австрия, Олмон, Маҷористон рост меоянд.




*Расми 2.1.1. – Ҳиссаи дорухонаҳо вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

***Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.1.1.*

Дар ҷумҳурӣ дар солҳои охир воридоти маводи доруворӣ зиёд гардидааст. Агар дар соли 2000-ум ба ҷумҳурӣ ба маблағи 4 899 349 доллари амрикоӣ маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ворид гардида бошад, ин нишондод дар соли 2022-ум ба 96 120 935 доллари амрикоӣ расид, ки афзоиши он зиёда аз 18 маротибаро ташкил медиҳад.

Назорати сифати маводи доруворӣ дар солҳои охир ба таври назаррас зиёд гардидааст, ки сабаби асосии он мукаммал гардонидани озмоишгоҳҳои Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ бо таҷҳизотҳои зарурӣ ва реактивҳо мебошад. Дар соли 2001 аз 666 маводи доруворӣи аз таҳлил гузашта 143 адад, ки 21,47%-ро ташкил медиҳад, ба талаботҳо ҷавобгӯ набудаанд. Ин нишондод дар соли 2023 нисбат ба соли 2001-ум хеле коҳиш ёфтааст. Аз 4600 номгӯйи маводҳои доруворӣи аз ташхис гузаронидашуда танҳо 1,2%-и онҳо ба талабот ҷавобгӯ

набуданд, ки аз рӯйи микдор 55 номгӯйи доруворихоро ташкил медиханд.

Қайд кардан лозим аст, ки бо пурзӯр намудани назорат, муомилоти маводи дорувории бо стандартҳо ҷавобгӯ набуда муҳлати истифодабарияшон гузашта аз муомилот гирифта мешаванд. Агар дар соли 2002 ҳамагӣ 1813 кг маводҳои доруворӣ аз муомилот гирифта шуда бошанд, ин нишондод дар соли 2020-ум ба 116 869 кг расидааст, ки ин нисбат ба соли 2002-юм 65 маротиба зиёд буда, аз фаъолияти пурсамари сохторҳои салоҳиятдори фармасевтӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ҷумҳурӣ Рӯйхати маводи дорувории асосии (РМДА) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 тасдиқ гардидааст, ки дар ҳар ду сол аз нав дида баромада мешавад. Охирин РМДА бо фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 4 сентябри соли 2020, №691 тасдиқ гардид, ки аз 365 маводи доруворӣ ва 15 молҳои таъиноти тиббӣ иборат аст. Инчунин, Формуляри маводи дорувории асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардидааст.

Бояд қайд намуд, ки пешбурди фаъолияти фармасевтиро корхонаҳои соҳа танҳо дар асоси доштани иҷозатнома, ки аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ дода мешавад, пеш мебаранд. Хадамот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №483 аз 1 октябри соли 2008 тасдиқ гардида, самти фаъолияташ пурра ба назорати соҳаи фармасевтӣ нигаронида шудааст.

Имрӯз дар сохтори он шуъбаи назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, шуъбаи назорати давлатии муомилоти қонунии маводи нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, шуъбаи назорати давлатии маводи ороишӣ-гигиенӣ, шуъбаи бақайдгирии маҳсулоти фармасевтӣ ва молҳои тиббӣ, шуъбаи барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои рухсатномадиҳии воридоту содирот, шуъбаи аттестатсия ва акредитатсияи озмоишгоҳҳои соҳаи фармасевтӣ, шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус, шуъбаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва бахшҳои ҳуқуқу коргузорӣ амал менамоянд.

Ҳамчунин, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ” №483 аз 1 октябри соли 2008 вобаста ба минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин сохторҳои тобеъ ба муассисаи давлатии мазкур ташкил карда шудааст:

– Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ”;

– Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ дар вилояти Суғд”;

– Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ дар вилояти Хатлон”;

– Корхонаи воҳиди давлатии “Экспертиза ва озмоиши маҳсулоти фармасевтӣ ва тиббӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон”

Ҳамаи ин муассисаҳои зертобеъ фаъолияти назоратии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фармасевтӣ дар шаҳру ноҳияҳо иҷро намуда, барои таъмини бехатарии доруворихо, назорати бозори фармасевтӣ ва ҳифзи саломатии шаҳрвандон масъул мебошанд.

Соли 2000-ум агар дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 4 ширкат барои пешбурди фаъолияти фармасевтӣ иҷозатнома дошта бошад, айни ҳол зиёда аз 660 ширкат иҷозатнома барои фаъолияти фарматсевтӣ доранд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии доруворӣ ин рушди истеҳсоли дохилии маводи доруворӣ мебошад. То солҳои наздик 99,9% маводи фарматсевтӣ аз хориҷи кишвар ворид мегардид. Бо мақсади кам кардани воридоти маводи доруворӣ аз хориҷи кишвар ва ба роҳ мондани истеҳсоли ватании ин маводҳо ва ҷиҳати таъмин намудани муассисаҳои тиббӣ ва аҳолӣ бо маводҳои доруворӣ ва молҳои тиббии ватанӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо сохторҳои хусусии фармасевтии дохилию хориҷӣ корҳои назаррас анҷом дода шудааст.

Танҳо дар 10 соли охир аз ҷониби 12 ширкатҳои ватанӣ ба маблағи зиёда аз 250 миллион сомонӣ барои хариди таҷҳизот ва бунёди иншоот

равона гардида, истеҳсоли зиёда аз 270[57] номгӯи маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ дар ҷумҳурӣ ба роҳ монда шудааст.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби 51 корхонаҳои соҳа истеҳсоли зиёда аз 273 номгӯи маводҳои доруворӣ, молҳои тиббӣ ва коркарду бастубанди гиёҳҳои шифобахши ватаниро (маводи доруворӣ дар шакли ҳаб, қурс, ампула, маҳлулҳои инфузионӣ дар пластик, сӯзандоруи якбористифодашаванда, сӯзандору барои маводи доруворӣи инсулин, пахтаи тиббӣ, дастпӯшакҳои таъмизшуда ва ниқобҳои муҳофизатӣ) ба роҳ монда шудааст.

Бо ташаббус ва супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 21 феврали соли 2018, №1511 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 21 феврали соли 2018, №1512 “Воридоти технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ, ашёи хом, маводҳои ёрирасон ва маводҳои ниҳоӣ барои истеҳсоли маводҳои доруворӣ” аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда шуданд.

Ҳамзамон, таҳвили (фурӯши) маводи доруворӣи истеҳсоли ватанӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шудаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар доираи ҳадафи чоруми стратегии миллӣ, яъне саноаткунонии босуръати кишвар аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №569 тасдиқ гардидааст.

[57] https://moh.tj/ta/ma-madal-davlatov-dar-to-ikiston-vo/. Санаи муроҷиат: 08.02.2023.

Мақсади барномаи мазкур таъмин намудани рушди устувори саноати дорусозӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолии кишвар бо маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ инчунин, ҷалби сармояҳои дохилию берунӣ, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Дар доираи иҷрои барномаи мазкур корхонаҳои истеҳсолии зерини ватанӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои хориҷӣ таъсис дода шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: ҶДММ "Тиб барои Шумо (ТБШ)", ҶДММ "Вежа-фарма", ҶДММ "Ясмина-мед", ҶДММ "Фарм-текс", ҶДММ "Фарм-Суғд", ҶДММ "Ориё-медикал", ҶДММ "Нуртез" ва ғ. Номгӯйи пурраи корхонаҳои истеҳсолии дорувории ватанӣ бо миқдори маҳсулот ва иқтидори истеҳсолиашон дар соли 2022 дар замимаи 2 пешниҳод карда шудааст.

Ширкатҳои истеҳсолии зикршуда истеҳсоли чунин намуди маҳсулоти доруворӣ, аз он ҷумла, маҳлулҳои "Метронидазол 100 мл", "Левофлоксатсин 100 мл", "Офлоксатсин 100 мл" ва "Сипрофлоксасин 100 мл", "Тимоцин 157 мкг/мл, 1мл, №10", "Тимогар 100 мкг/мл, 1мл, №10", "Тимофер 148 мкг/мл, 1мл, №10", "Метронидазол 100 мл" ва дигар намудҳоро ба роҳ мондаанд, ки барои таъмини талаботи бозори дохилӣ ва беҳдошти вазъи саломатии аҳолӣ хеле муҳим мебошанд.

Дар ҷадвали 2.1.2 маълумот оид ба миқдори корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ ва содироти онҳо дар шаш соли охир оварда шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.2 нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ сол то сол миқдори корхонаҳои истеҳсолии фармасевтӣ зиёд шуда истода, вобаста ба ин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти доруворӣи ватанӣ низ афзоиш ёфта истодааст. Дар соли 2017 шумораи корхонаҳои истеҳсолӣ 33 адад ва дар соли 2022 ин рақам ба 51 адад расидааст, ки шумораи онҳо беш аз 1,54 маротиба зиёд шудаанд. Агар истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ дар ҷумҳурӣ соли 2017 54 612 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас, истеҳсоли ин намуди маҳсулотҳо дар соли 2022 ба 195 623 ҳазор сомонӣ

расидааст, ки зиёдшавӣ 3,58 маротибаро ташкил медиҳад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ нисбат ба зиёдшавии шумораи корхонаҳои истеҳсолии фармасевтӣ хеле зиёд буда, ин ҳолат аз болоравии самаранокии кори ширкатҳои истеҳсолии фармасевтӣ дарак медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.2. – Миқдори корхонаҳои истеҳсолии доруворӣ бо номгӯй, ҳаҷми истеҳсол ва содирот барои солҳои 2017-2022**

| Солҳо | Миқдори корхонаҳо (адад) | Номгӯй маҳсулоти истеҳсолшуда (адад) | Ҳаҷми истеҳсол, сомонӣ | Содирот, сомонӣ | Содирот/ Истеҳсол, бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6(5/4)* |
| 2017 | 33 | 240 | 54 600 | 44 357 | 81,20 |
| 2018 | 34 | 245 | 69 388 | 22 297 | 32,13 |
| 2019 | 36 | 260 | 85 100 | 61 505 | 72,27 |
| 2020 | 38 | 265 | 151 986 | 55 054 | 36,22 |
| 2021 | 48 | 290 | 165 984 | 32 589 | 19,63 |
| 2022 | 51 | 298 | 195 623 | 48 524 | 24,80 |

***Манбаъ:*** *Маълумоти оморӣ аз ҳисоботи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои соли 2023.*

Ҳамчунин, аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 2.1.2 ҳаҷми содироти маҳсулоти истеҳсолшударо низ муайян кардан мумкин аст. Дар давраи солҳои 2017-2022 ҳиссаи содирот дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда гуногун мебошад. Дар солҳои 2017 ва 2019 бештари маҳсулоти истеҳсолшуда (мувофиқан 81,2% ва 72,29%) ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст. Дар солҳои баъдӣ бошад, ҳаҷми содирот нисбат ба ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда  сол то сол кам шуда ин тамоюли номатлуб барои ширкатҳои истеҳсолкунандаи доруворӣ ҳисоб меёбад. Сабаби асосии пастшавии тамоюли содирот ба нархҳои

мувофиқи содиротӣ ҷавобгӯ набудани арзиши молҳои дорувории истеҳсолшаванда мебошад.

Ногуфта намонад, ки дар баробари ширкатҳои фармасевтӣ, ки истеҳсоли маҳсулоти номбаршудаи дорувориро дар ҷумҳурӣ ба роҳ мемонанд, доруворӣ ба миқдори хеле зиёд аз давлатҳои хориҷӣ ворид мешаванд. Ба ҳиссаи ширкати хориҷии калонтарини доруворӣ, ки намояндагиҳои худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додаанд ва беш аз 80%-и ҳиссаи бозори дохилӣ дар ихтиёри онҳост, инҳо дохил мешаванд: Nicomed, Sanofi, Vegapharm, BerlinChemie, KRKA, Gedeon Richter, Lek ва ғайра.

Дар дунё тақрибан 650 ширкати паҳнкунандаи яклухтфурӯшии фармасевтӣ фаъолият менамоянд, ки барои интиқоли маводи доруворӣ аз истеҳсолкунанда то ба истеъмолкунанда шабакаҳои миёнаравӣ таъсис додаанд. Ба сифати шабакаҳои миёнаравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои ҶДММ “Ориё-Фарм”, ҶДММ “Сифат-Фарм”, ҶДММ “Осон-Фарм”, ҶДММ “Амити-Интернешнл”, ҶДММ “Муҳаммад-А”, ҶДММ “ТБШ”, ҶДММ “Вежа-фарма” ва ғайра машҳур мебошанд. Ҳиссаи умумии ин ширкатҳо дар ҳаҷми умумии бозори доруворӣ тақрибан 80% ро ташкил медиҳад.

Дар ҷадвали 2.1.3 маълумот оид ба ҳаҷми воридоти маводи доруворӣ, бақайдгирӣ, ташхис, ба талабот ҷавобгӯ будан ё набудан, нобудсозии молҳои доруворӣ пешниҳод карда шудааст.

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.3 вазъи бозори фармасевтӣ ва натиҷаи фаъолияти мақомоти назоратиро дар соҳаи фармасевтӣ ошкор менамояд. Аз маълумотҳои дар ҷадвал овардашуда муайян мегардад, ки воридоти маводи доруворӣ сол то сол ба ҷумҳурӣ афзоиш ёфта истодааст. Агар соли 2017 маводи доруворӣ ҳамагӣ ба ҷумҳурӣ ба маблағи 322 947 ҳазор сомонӣ ворид шуда бошад, ин рақам дар соли 2022 ба 1657348 ҳазор сомонӣ (афзоиш 5,13 маротиба) баробар гардидааст. Афзоиши содирот бошад, дар ин муддати тулонӣ хеле кам ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.1.3 – Маълумот оид ба вазъи бозори фармасевтӣ ва натиҷаи кори мақомоти назоратӣ дар соҳаи фармасевтӣ барои солҳои 2016-2022**

| Солҳо | Воридот, ҳазор сомонӣ | Содирот, ҳазор сомонӣ | Бақайд-гирӣ (номгӯй) | Ташхис (адад) | Ба талабот ҷавобгӯй набуда (номгӯй) | Нобуд-созӣ, (кг) | Ҷарима, ҳазор сомонӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* | *7* | *8* |
| 2016 | 322 947 | - | 757 | 43622 | 209 | 56 017 | 1 178 |
| 2017 | 397 804 | 44 357 | 810 | 34784 | 324 | 50 137 | 960 |
| 2018 | 507 839 | 22 297 | 732 | 31033 | 674 | 160 269 | 1 243 |
| 2019 | 515 831 | 61 505 | 772 | 37694 | 513 | 175 710 | 1 357 |
| 2020 | 792 946 | 55 054 | 674 | 38320 | 199 | 116 869 | 1 118 |
| 2021 | 1392 095 | 32 589 | 652 | 36329 | 172 | 110 005 | 1 112 |
| 2022 | 1657 348 | 48 524 | 647 | 35467 | 143 | 98 504 | 945 |

***Манбаъ:*** *Маълумоти оморӣ аз ҳисоботи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023.*

Ҳамасола намудҳои нави доруворӣ ба қайд гирифта мешаванд, ки маълумотҳои сутуни 4 ҷадвали 2.1.3 миқдори онҳоро тасдиқ менамояд. Ҳамчунин дар ҷадвал маълумот оид ба миқдори ташхисҳои гузаронидашудаи доруворихо, номгӯйи доруворихои ба талабот ҷавобгӯ набуда, миқдори доруворихои корношоями нобудкардашуда ва ҷарима бастани ширкатҳои фармасевтӣ пешниҳод шудааст. Аз маълумотҳои дар сутунҳои 6 ва 7-и дар ҷадвал овардашуда чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки аз соли 2018 инҷониб сар карда, миқдори доруворихои корношоями дар натиҷаи ташхис ошкоршуда ва нобудкардашуда сол то сол кам шудан гирифтааст, ки ин аз натиҷаи мусбати кори мақомоти назорат дар соҳаи фармасевтӣ ва беҳтар гардидани сифати молҳои доруворӣ ҳам дар ширкатҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар ширкатҳои воридкунандаи доруворихо дарак медиҳад. Номгӯи доруворихои ба талабот ҷавобгӯ набуда аз ҳама бештар дар соли 2018 (674 номгӯй) ошкор шуда, дар соли 2022 ин рақам ба 143 адад расидааст. Миқдори

доруворихои нобудкардашуда дар соли 2019 аз ҳама зиёд 175 710 кг-ро ташкил дода миқдори ин гуна молҳо дар соли 2022 ба 98 504 кг баробар гардидааст, ки ин, чи тавре қайд намудем, аз беҳтар шудани сифати доруворихои воридшаванда ва истеҳсолшаванда дар ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад. Маблағи чаримаҳо низ вобаста ба ин ҳолат сол то сол кам шудааст.

Бозори доруворӣ дар Тоҷикистон аз нигоҳи арзиш ва ҳаҷм рушди устуворро нишон дода, қисми зиёди доруворӣ тавассути шабакаи доруxонаҳо фурӯхта мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти ширкатҳои фармасевтӣ, ки ба воридот ва истеҳсоли молҳои доруворӣ машғуланд, як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ метавонанд таъсир расонанд, аз он ҷумла:

– вазъи иқтисодӣ бо сабаби таваррум ва тағйирёбии қурби асъор устувор арзёбӣ намегардад, ки он ба вазъи истеҳсоли маводи доруворӣ ва арзиши аслии молҳои истеҳсолшаванда таъсири манфӣ мерасонад.

– гаронии нархи маводи сӯхт (барқ, газ, бензин) нисбат ба даромадҳои пулии аҳолӣ;

– дараҷаи пасти музди кори миёна (аз рӯйи маълумотҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 музди меҳнати миёна ба 2014 сомонӣ баробар аст);

– сарфи назар аз беҳбудӣ то андозае дар нишондиҳандаҳои соҳа, масъалаи муомилоти доруҳои бақайдгирифтанашуда ва стандартҳои номатлуби сифат ҳамчунон мушкили ҷиддӣ боқӣ мемонад. Ҳолатҳои воридшавии маводи дорувории бидуни шаҳодатномаи сифат аз давлатҳои Чин, Ҳиндустон ва ғ., ки ҳиссаи маҳсулоти дорои сертификатҳои сифат доштаро аз байн мебаранд, ба назар мерасад. Ҳатто баъзе аз онҳо патент, сабти ном надоранд ва бе сертификат ҳам фурӯхта мешаванд, нархи онҳо нисбат ба нархи маҳсулоти ширкатҳое, ки дорои иҷозатнома мебошанд, хеле арзонтар аст;

– кам будани кадрҳои баландихтисос (мутобиқати байни талабот ва пешниҳод, сатҳи навсозии дониши ҳам дорусозон ва ҳам табибон паст аст).

– воридшавии беш аз 90 дарсади доруворӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар ва ғ.

Ҳангоми пеш бурдани фаъолияти тиҷоратии фармасевтӣ аз ҷониби ширкатҳои соҳа ҳатман ба инобат гирифтани омилҳои зикршуда муҳим мебошад. Вобаста аз ин роҳбарияти ширкатҳои тиҷоратии фармасевтиро зарур меояд, ки зимни ташкили менеҷемент аз равишҳои гуногуни идоракунӣ кор гирифта, татбиқи баҳисобгирии идоракуниро, ки ҳамчун василаи таъминкунандаи иттилоот молиявӣ-хоҷагидории корхона ҳисоб меёбад, амалӣ намоянд.

Таҳлили вазъи бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ширкатҳое ки дар онҳо низоми идоракунӣ бо ҳамаи унсурҳояш – менеҷмент, маркетинг, идораи кадр, молия, банақшагирӣ, назорат, баҳисобгирӣ ва ғ. Дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст, мақомҳои пешсафро ишғол менамоянд. Дар ҷадвали 2.1.4 маълумот оид ба саҳми ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ҷиҳати ворид кардани маводи фармасевтӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2018-2022 пешниҳод гардидааст.

Маълумотҳои дар ҷадвали 2.1.4 овардашуда нишон медиҳанд, ки бозори фармасевтӣ ҳамасола рӯ ба афзоиш аст ва саҳми панҷ ширкати бузургтарин дар ҳаҷми воридот ва фурӯши маҳсулоти доруворӣ хеле калон мебошад. Дар соли 2018 саҳми ширкатҳои номбаршуда беш аз 80%-и бозори фармасевтиро ташкил дода, бо васеъ шудани шумораи иштирокчиён саҳми онҳо оҳиста-оҳиста кам шуда, дар соли 2022 ба 62% баробар гаштааст, ки тибқи қонунҳои асосии бозор падидаи мусбат ҳисоб меёбад. Яъне доираи рақибон васеъ гардида, мавқеи монополияҳо коҳиш ёфта, барои ташаккули нархҳои муносиб ва баландшавии сифати маводи доруворӣ шароити муносиб фароҳам меояд.

**Ҷадвали 2.1.4. – Маълумот оид ба вазъи воридоти маводи фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022**

| Солҳо | Воридот, ҳазор сомонӣ | Аз он ҷумла | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ҶДММ “Ориё-фарма” | ҶДММ “ТБШ” | ҶДММ “Сифат-фарма” | ҶДММ “Муҳаммад-А” | ҶДММ “Осон-фарма” | Дигарҳо |
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* | *7* | *8* |
| | | *2017* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022* |
| **2018** | 507 839 | 142195 | 111725 | 76175 | 50783 | 30470 | 96491 |
| ***Ҳисса*** | *100%* | *28,0* | *22,0* | *15,0* | *10,0* | *6,0* | *19,0* |
| **2019** | 515 831 | 156245 | 115363 | 86175 | 48643 | 22470 | 86935 |
| ***Ҳисса*** | *100%* | *30,3* | *22,4* | *16,7* | *9,4* | *4.4* | *16,8* |
| **2020** | 792 946 | 218346 | 143364 | 126209 | 76454 | 44786 | 183787 |
| ***Ҳисса*** | *100%* | *27,5* | *18,1* | *15,9* | *9,4* | *5,9* | *23,2* |
| **2021** | 1392 095 | 288678 | 235673 | 223108 | 123421 | 75173 | 446042 |
| ***Ҳисса*** | *100%* | *20,7* | *16,9* | *16,0* | *8,9* | *5,4* | *32,0* |
| **2022** | 1657 348 | 331469 | 258546 | 233687 | 129273 | 74581 | 629792 |
| ***Ҳисса*** | *100%* | *20,0* | *15,6* | *14,1* | *7.8* | *4.5* | *38,0* |

***Манбаъ:*** *Маълумоти оморӣ аз ҳисоботи Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои соли 2023.*

Таҳлилҳои гузаронидашуда дар ширкатҳои фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо тибқи талабот ва аз рӯйи қоидаҳои майяншуда пеш бурда намешавад. Дар бештари онҳо танҳо як низоми баҳисобгирие истифода мешавад, ки ба таври паҳну парешон амал карда, муҳосибони онҳо бештар ба ҳисоби андозҳо, пардохти онҳо ва тартибдиҳии ҳисоботҳои омории моҳона таваҷҷуҳ зоҳир менамоянду халос. Чунин вазъ барои ташаккули низоми иттилоотии ботартиб ва банизомдарвардашудаи барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарур на он қадар мусоидат менамояд. Ҳатто дар баъзе аз ташкилотҳои фармасевтӣ муҳосибони онҳо дар бораи баҳисобгирии идоракунӣ, мақсади он, вазифаҳо, объектҳо, қоидаҳои он тасаввуроти кофӣ ҳам надоранд. Дар чунин шароит барои

роҳбарияти ширкатҳои фармасевтӣ бо сабаби нарасидани иттилооти боэътимод, батартибдаровардашуда ва таҳлилӣ қарорҳои идоракунӣ ба таври кӯр-кӯрона ва таваккалӣ қабул карда шуда, раванди идоракунӣ мушкил гардида, умеди бадастории натиҷаҳои босамари дилхоҳ аз байн меравад.

Барои мисол нақшаи фурӯши маҳсулоти дорувориро, ки дар шуъбаи муҳосиботи ширкати тиҷоратии ҶДММ “Вежа-фарма” барои солҳои ҳисоботии 2022-2023 муайян кардаанд, дар ҷадвали зерин (2.1.5) пешниҳод менамоем, ки бо сабаби нофаҳмо будани маълумотҳои дар он ҷойдодашуда баровардани хулосаи лозимӣ аз имкон берун мемонад.

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.5-ро таҳлил намуда, аз рӯйи кадом усул ё тартиб муайян гардидани бузургии сутунҳои 10 ва 11, ки ҳадафи ниҳоии банақшагирии ҳаҷми фурӯш барои соли 2023-ро ифода менамоянд, барои таҳлилгарон ва дигар истифодабарандаи ахбор номаълум боқӣ мемонанд. Маълумотҳои сутуни 7 ва 6-ро муқоиса намуда, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки нақшаи фурӯши маҳсулот дар соли 2022 ҳамагӣ 65% иҷро шудааст (1 084 662÷1 656 338×100). Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки нақшаҳо аз ҷониби менеҷерҳо барои соли 2022 носанҷида ва беасос муайян карда шуда, ҳамин амал барои соли 2023 низ анҷом дода шудааст. Дурнамои муайяншуда барои соли 2023 (сутуни 11) бемантиқ ҳисоб шудаанд, ё ин ки бепоя гузошта шудаанд, ки ин барои менеҷерони ширкати фармасевтӣ ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ ягон кумак расонида наметавонад.

Маълумоти ҷадвали 2.1.5-ро истифода бурда методикаи муайянкунии дурнамои фурӯшро барои соли 2023 дар ҶДММ “Вежа-фарма” чунин пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 2.1.5. – Банақшагирии ҳаҷми фурӯш дар ширкати тиҷоратии фармасевтии ҶДММ «Вежа-фарма», барои соли 2022, сомонӣ**

| № | Номгӯи маҳсулот | Ҳаҷми фурӯш, воқеӣ | | | | Соли ҳисоботӣ | | | Дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 аз рӯйи нақша | 2022 воқеӣ | Афзоиш нисбат ба соли 2021 | Саҳми ҳар як маҳсулот | Дурнамо барои соли 2023 |
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* | *7* | *8* | *9* | *10* | *11* |
| 1 | Лактоджи | 144 347 | 227 136 | 151 573 | 180 200 | 290 000 | 193 166 | 7,2% | 17,8% | 240 000 |
| 2 | Алерджи | 104 577 | 155 159 | 130 447 | 121 834 | 158 025 | 125 695 | 3,2% | 11,6% | 156 098 |
| 3 | Блокарт в12 | – | – | 31 536 | 85 136 | 118 400 | 103 648 | 21,7% | 9,6% | 160 000 |
| 4 | Тримеик | – | 372 | 15 680 | 47 099 | 50 910 | 62 183 | 32,0% | 5,7% | 98 500 |
| 5 | Тримекор | 19 274 | 45 801 | 47 335 | 45 388 | 67 320 | 60 071 | 32,3% | 5,5% | 86 580 |
| 6 | Азимак | 34 264 | 52 460 | 89 257 | 60 564 | 90 500 | 52 902 | -12,7% | 4,9% | 74 250 |
| 7 | Бренакс | 30 706 | 62 504 | 60 725 | 45 274 | 101 200 | 44 601 | -1,5% | 4,1% | 77 490 |
| 8 | Коксикеа | – | – | – | – | – | 30 689 | | 2,9% | 107 900 |
| 9 | Эмкор | – | 4 708 | 20 182 | 34 251 | 36 720 | 35 467 | 3,6% | 3,3% | 52 800 |
| 10 | Исмижен | 7 366 | 16 762 | 26 416 | 33 168 | 49 170 | 34 564 | 4,2% | 3,2% | 46 200 |
| 11 | Цикловал | – | 25 554 | 33 149 | 31 701 | 48 960 | 27 517 | -13,2% | 2,5% | 34 200 |
| 12 | Крезам | 25 838 | 58 264 | 44 872 | 49 968 | 45 530 | 25 789 | -48,4% | 2,4% | 45 000 |
| 13 | Моксин | 22 495 | 35 142 | 38 136 | 33 654 | 47 400 | 24 911 | -26,0% | 2,3% | 35 000 |
| 14 | Зумм-25 | – | 9 682 | 20 598 | 20 052 | 45 795 | 23 092 | 15,2% | 2,1% | 41 000 |
| 15 | Суарон | 8 926 | 16 174 | 12 098 | 14 847 | 22 080 | 17 509 | 17,9% | 1,6% | 24 000 |
| 16 | Орлип | 537 | 3 387 | 2 614 | 1 122 | 31 875 | 20 866 | 1759,7% | 1,9% | 33 000 |
| Дигарҳо | | *210 424* | *271 050* | *266 512* | *233 944* | *452 453* | *201 992* | *-13,7%* | *18,6%* | *312 115* |
| ***Ҳамагӣ*** | | ***608 754*** | ***984 155*** | ***991 130*** | ***1 038 202*** | ***1 656 338*** | ***1 084 662*** | **4,5%** | ***100,0%*** | ***1 624 133*** |

***Манбаъ:*** *маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Вежа-фарма» гирифта шудааст.*

Аввалан фоизи миёнаи афзоишро барои панҷ соли охир (2018-2022) муайян менамоем:

$$Ф_{м.афз(2018-2022)} = \left[ \left( \frac{1}{2022 - 2019 + 1} \sum_{t=2019}^{2022} \frac{X_t - X_{t-1}}{X_{t-1}} \right) \right] \qquad (2.1)$$

Дар ин ҷо:

$Ф_{м.афз\cdot}$ – фоизи миёнаи афзоиш барои солҳои 2018-2022;

$X_t$ – Маблағи фурӯш барои соли муайяни t.

Дар асоси ин амсила ҳисоб мекунем, ки фоизи миёнаи афзоиши ҳаҷми фурӯш барои солҳои 2018-2022 17,5%-ро ташкил додааст:

$$Ф_{м.афз(2018-2022)} = \left[ \left( \frac{984155 - 608754}{608754} + \frac{991130 - 984155}{984155} + \frac{1038202 - 991130}{991130} + \frac{1084662 - 1083202}{1083202} \right) \right] \times \frac{1}{4} \times 100 \approx 17,5 \qquad (2.2)$$

Бо мақсади боз ҳам воқеӣ муайян гаштани нақша барои соли 2023 ҳаҷми афзоиши соли 2022 нисбат ба соли 2021, ки 4,5%-ро (ҷадвали 2.1.5) ташкил додааст, ба фоизи миёнаи афзоиши ҳосилкардашуда (17,5%) ҷамъ намуда, қиммати миёнаро ҳамчун асос барои муайян кардани нақшаи фурӯш дар соли 2023 ҳосил мекунем:

$$(4,5\%+17,5\%) \div 2 = 11\%$$

Барои муайян кардани нақшаи фурӯши маҳсулот дар соли 2023 барои ҳар як намуди маҳсулот аз амсилаи зерин истифода мебарем:

$$X_{дур(2023)} = \frac{1}{5} \sum_{t=2018}^{2022} \times X_t (1 + \frac{11}{100}) \qquad (2.3)$$

Дар ин ҷо: $X_{дур}$ – нақшаи фурӯш барои соли 2023;

$X_t$ – маблағи фурӯш барои соли базавии 2022.

Дар асоси амсилаи (3) нақшаи фурӯшро барои ҳар як намуди маҳсулот дар соли 2023 ҳисоб намуда, дар сутуни охир (11)-и ҷадвали 2.1.6 қайд менамоем, ки аз рақамҳои дар ҷадвали 2.1.5 овардашудаи ҶДММ «Вежа-фарма» ба куллӣ фарқ мекунанд.

**Ҷадвали 2.1.6. – Методикаи пешниҳодшуда оид ба банақшагирии ҳаҷми фурӯш дар ширкати тиҷоратии фармасевтии ҶДММ «Вежа-фарма» барои соли 2022, доллари ИМА**

| № | *Номгӯи маҳсулот* | *2018* | *2019* | *2020* | *2021* | *2022 аз рӯйи нақша* | *2022 воқеӣ* | *Афзоиш нисбат ба соли гузашта* | *Кимати миёна (2018-2022)* | *Дурнамо барои соли 2023* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* | *4* | *5* | *6* | *7* | *8* | *9* | *10* | *11* |
| 1 | Лактоджи | 144 347 | 227 136 | 151 573 | 180 200 | 290 000 | 193 166 | 7,20% | 179 284 | 199006 |
| 2 | Алерджи | 104 577 | 155 159 | 130 447 | 121 834 | 158 025 | 125 695 | 3,20% | 127 542 | 141572 |
| 3 | Блокарт в12 | – | – | 31 536 | 85 136 | 118 400 | 103 648 | 21,70% | 73 440 | 81518 |
| 4 | Тримеик | – | 372 | 15 680 | 47 099 | 50 910 | 62 183 | 32,00% | 31 334 | 34780 |
| 5 | Тримекор | 19 274 | 45 801 | 47 335 | 45 388 | 67 320 | 60 071 | 32,30% | 43 574 | 48367 |
| 6 | Азимак | 34 264 | 52 460 | 89 257 | 60 564 | 90 500 | 52 902 | -12,70% | 57 889 | 64257 |
| 7 | Бренакс | 30 706 | 62 504 | 60 725 | 45 274 | 101 200 | 44 601 | -1,50% | 48 762 | 54126 |
| 8 | Коксикеа | – | – | – | – | – | 30 689 | | 30 689 | 34065 |
| 9 | Эмкор | – | 4 708 | 20 182 | 34 251 | 36 720 | 35 467 | 3,60% | 23 652 | 26254 |
| 10 | Исмижен | 7 366 | 16 762 | 26 416 | 33 168 | 49 170 | 34 564 | 4,20% | 23 655 | 26257 |
| 11 | Цикловал | – | 25 554 | 33 149 | 31 701 | 48 960 | 27 517 | -13,20% | 29 480 | 32723 |
| 12 | Крезам | 25 838 | 58 264 | 44 872 | 49 968 | 45 530 | 25 789 | -48,40% | 40 946 | 45450 |
| 13 | Моксин | 22 495 | 35 142 | 38 136 | 33 654 | 47 400 | 24 911 | -26,00% | 30 868 | 34263 |
| 14 | Зумм-25 | – | 9 682 | 20 598 | 20 052 | 45 795 | 23 092 | 15,20% | 18 356 | 20375 |
| 15 | Суарон | 8 926 | 16 174 | 12 098 | 14 847 | 22 080 | 17 509 | 17,90% | 13 911 | 15441 |
| 16 | Орлип | 537 | 3 387 | 2 614 | 1 122 | 31 875 | 20 866 | 1759,70% | 5 705 | 6333 |
| Дигарҳо | | *210 424* | *271 050* | *266 512* | *233 944* | *452 453* | *201 992* | *-13,70%* | 236 784 | 262831 |
| ***Ҳамагӣ*** | | ***608 754*** | ***984 155*** | ***991 130*** | ***1 038 202*** | ***1 656 338*** | ***1 084 662*** | **4,50%** | ***1 015 872*** | ***1127618*** |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «Вежа-фарма» тартиб додааст.*

Бартарии методикаи пешниҳодшуда дар он аст, ки барои муайян кардани нақшаи фурӯш таҷрибаи солҳои гузашта ҳатман ба инобат гирифта шуда, қиммати миёнаи онҳо муайян карда мешавад. Сипас барои боз ҳам саҳҳеҳтар ҳисоб кардани дурнамо барои солҳои минбаъда аз фоизи миёнаи ҳосилшуда ва фоизи афзоиши соли охирон (2022) қиммати миёна интихоб карда шуда, он барои муайянкунии нақшаи соли оянда истифода бурда мешавад. Ин амал ба он хотир иҷро карда мешавад, ки натиҷаҳои соли охир метавонанд ба натиҷаҳои соли банақшагирифташаванда то андозае ҳамсон бошанд.

Аз ин рӯ барои ташкили баҳисобгирии идоракунии ботартиб ва босамар, ки заминаи асосии бунёди иттилооти ҳақиқӣ, боэътимод, манфиатовар ва дар қабули қарорҳои идоракунӣ нақшофаранда мебошанд, дониш ва тахассуснокии баланди муҳосибӣ талаб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили рушди бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, хусусиятҳои зерини соҳаро, ки зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ба инобат гирифтани онҳо хеле муҳим аст, ошкор кунем:

– ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, афзоиши рақобат, танзими давлатии ин соҳа аз ҷумлаи шарт ва омилҳои асосии рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи фармасевтии ҷумҳурӣ ҳисоб меёбанд;

– вобастагии назарраси бозори дохилӣ аз воридоти доруворӣ ва дар сатҳи хеле ночиз қарор доштани истеҳсоли маводи доруворӣи ватанӣ;

– ҷой доштани монополияи гурӯҳи молҳои доруворӣи истеҳсоли хориҷӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои воридкунанда (миёнарав) ба ҷумҳурӣ ворид карда шуда, дар муайянкунии нархи ин гуна маҳсулот яккаҳукмрон боқӣ мемонанд;

– аз сабаби нисбатан паст будани сатҳи даромади миёнаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бозори доруворӣ ҳолатҳои нусхабардории

доруворихо, ки сифаташон хеле паст ва нархҳояшон нисбат ба доруҳои аслӣ хеле арзон мебошанд, бартарӣ доранд ва ҳатто бидуни тавсияи духтур фурӯхта мешаванд. Ин ҳолат ба сиёсати нархгузорӣ ва натиҷаҳои молиявии ширкатҳои фармасевтӣ таъсири номатлуб мерасонанд;

– бинобар сабаби мавҷуд набудани низоми суғуртаи тиббии аҳолӣ аксари доруворӣ аз ҳисоби худи истеъмолкунандагон харида мешаванд, ва таъминоти доруҳои инноватсионӣ хеле маҳдуд аст. Дар чунин шароит ширкатҳои тиҷоратии фармасевтиро зарур меояд, ки танҳо ба омилҳои бозории фаъолияти иқтисодӣ такя намоянд;

– дар бозори фармасевтӣ мавқеи афзалиятнок доштани корхонаҳо – истеҳсолкунандагони хориҷӣ нисбат ба истеҳсолкунандагони дохилӣ чи аз рӯйи номгӯй ва чи аз рӯйи сифати молҳои доруворӣ. Яъне, барои ширкатҳои фармасевтии ватанӣ ҷиҳати ташкили итсеҳсолоти доруворӣ дар дохили ҷумҳурӣ шароити мусоид мавҷуд аст;

– мутаассифона ҷой доштани усулу равишҳои ғайрииқтисодӣ, ғайриоқилона ва беинсофонаи тарзи тарғиби молҳои доруворӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии молиявии духтурон ва дигар кормандони соҳаи тиб, ки аз як тараф барои ба даст овардани фоидаи баланд дар ширкатҳои фармасевтӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар метавонад ба оқибатҳои ногувор дар самти саломатии аҳли ҷомеа сабаб гардад.

### 2.2. Ташкили баҳисобгирии фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ва натиҷаҳои он бо истифода аз низоми ҳисобҳо

Гузариши иқтисодёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ, ки гуногуншаклии моликият, тарзҳои нави пешбурди истеҳсолот ва тиҷорат, муносибат ва равандҳои махсус дар идоракунии субъектҳои иктисодӣ, маҳорати баланди касбии менеҷеронро талаб мекунад, фазои иқтисодӣ, иттилоотӣ ва ташкилии корхонаҳоро ба куллӣ тағйир дод. Ин дигаргуниҳо ба тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти корхонаҳо дахл карданд.

Дар чунин шароит беҳбудӣ ва муваффақияти кори тиҷоратии корхона комилан ба самаранокии фаъолияти он вобаста аст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ заминаи асосии фаъолияти иқтисодии ҷамъият ва омили муҳимми пешрафти онро корхона (ташкилот) таъмин менамояд. Неъматҳои моддӣ бо унсурҳои таркибиаш – ашёҳои моддӣ, молу масолеҳҳо, воситаҳои истеҳсолот, ки ҳамчун олот ва предметҳои истеҳсолот ва истеъмолот метавонанд истифода шаванд, ашёҳои ғайримоддӣ (маънавӣ – моликияти зеҳнӣ, хизматрасониҳои илмӣ, таълимӣ, тандурустӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ ва ғ.) бо ҷалби неруи инсонӣ маҳз дар ҳамин маконҳо, ки корхона номида мешаванд, бунёд мегарданд. Бо мақсади таъмини босамари раванди зикршуда нақшаҳои истеҳсолӣ тартиб дода шуда, ба таври муносиб идора кардани истеҳсолот, самаранок истифода бурдани воситаҳои техникӣ ва захираҳои дохилӣ ба роҳ монда шуда, маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо ва хизматҳои иҷрошуда бо мақсади ноил гаштан ба натиҷаҳои муносиби фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ фурӯхта мешаванд.

Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва ҷой доштани рақобати тезу тунд танҳо он субъектҳое фаъолияти босамарро пеш бурда метавонанд, ки омилҳои зикршударо самаранок истифода бурда, кормандони онҳо донишҳои чуқури иқтисодӣ, аз он ҷумла донишҳои муҳосибӣ ва таҳлили иқтисодиро васеъ аз худ карда бошанд.

Мақсади асосии фаъолияткунии ҳар як ташкилоти тиҷоратӣ ва бароҳмонии равандҳои дар боло зикршуда бо истифода аз захираву имконоти дарихтиёрдоштаи худ ба даст овардани натиҷаи молиявии муносиб – фоида мебошад. Ин нишондиҳанда (фоида) муҳимтарин унсури натиҷаи кори босамари ширкати тиҷоратӣ мебошад, ки зимни амалигардонии фаъолияти фурӯшӣ-тиҷоратии он ба даст меояд ва дар таъмини устувории вазъи молиявии корхона накши ҳалкунандаро мебозад.

Афзоиши даромад ва фоида барои ба амал баровардани такрористеҳсолкунии васеи корхона ва қонеъ гардондани талаботи иҷтимоию моддии ташкилотҳо ва коргарони онҳо заминаи молиявии устуворро ба вуҷуд меоварад. Аз ҳисоби фоида сармояи захиравӣ барои рушди истеҳсолот ва дигар мақсадҳо таъсис дода мешавад ва ҳатто уҳдадорҳои молиявии корхона дар назди буҷет, бонкҳо ва дигар ташкилотҳо метавонад анҷом дода шавад.

Фоида дар раванди муносибатҳои иқтисодии корхона дорои се хусусияти асосӣ мебошад:

- нишондиҳандаи иқтисодие мебошад, ки кафолати фаъолияткунии корхонаро дар бозори иқтисодии рақобатнок таъмин мекунад;
- функсияи ҳавасмандкуниро доро мебошад, ки дар раванди тақсимот ва истифодаи он зоҳир мешавад;
- яке аз манбаъҳои асосии ташаккули захираҳои молиявии корхона мебошад.

Ба ҳаҷми даромадҳо ва фоида дар фаъолияти истеҳсолӣ-тиҷоратӣ омилҳои дорои хусусияти субъективӣ ва объективӣ, ки аз фаъолияти субъекти хоҷагидорӣ вобаста нестанд, таъсир мерасонанд. Омилҳои субъективӣ инҳо мебошанд: сатҳи ташкилию техникии идоракунии соҳибкорӣ; рақобатпазирии маҳсулот; сатҳи ҳосилнокии меҳнат; арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот; сатҳи нархи маҳсулоти тайёр. Мо инҳоро ҳамчун омилҳои объективӣ мешуморем: сатҳи нархи молҳо дар бозор; беқурбшавӣ; ҳаҷми молҳои ба бозор пешниҳодшаванда; дараҷаи арзаю тақозои молҳо; меъёри истеҳлок, шароити бозор ва ғ.

Амалиётҳои тиҷорати (фурӯши)-и субъекти иқтисодӣ, хусусан ширкатҳои фармасевтӣ, зимни бунёдгардии натиҷаҳои молиявии корхона таъсири мустақим расонида, дар ҳаҷми он ҳиссаи бузургро ишғол менамоянд. Унсурҳое, ки натиҷаҳои молиявиро инъикос мекунанд, даромадҳо, хароҷот, фоида ва зарар мебошанд. Дар ширкатҳоии тиҷоратии фармасевтӣ фурӯши молҳои доруворӣ ва

маҳсулоти таъиноти тиббӣ, ҳамчун манбаи асосии даромади корхона ҳисоб ёфта, бунёди захираҳои молиявиро, ки барои тақвияти гардиши молҳо ва савдо мусоидат менамоянд, таъмин мекунанд. Нишондиҳандаи мазкур ҳам дар баҳисобгирии идоракунӣ, ҳам дар ҳисобгирии молиявӣ ва ҳам дар ҳисобгирии андоз омили муҳимтарин буда, ҳадафи банақшагирӣ, таҳлил ва назорат қарор дода мешавад.

Мафҳуми даромад дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва асарҳои илмии олимон муайян карда шудааст, ки аз муҳтавои онҳо мо чунин хулоса баровардем:. «Даромад», ба маънои васеъ, ҳамчун баҳои пулии амалиёт оид ба хориҷкунии дороиҳои корхона бар ивази маблағи ҷуброншаванда байни ду субъекти хоҷагӣ мебошад, ки ба ташаккули натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагии дилхоҳ субъекти иқтисодӣ таъсири мустақим мерасонад.

Мафҳуми даромад тибқи *СБҲМ(IAS) 18* [58] даромад аз фурӯш ва дигар даромадҳои амалиётиро дар бар мегирад. *Даромад аз фурӯш*, ё даромади фурӯш, ё маблағи фурӯш – ин воридшавии умумии нафъҳои иқтисодӣ дар рафти фаъолияти муқаррарии ширкат дар давра мебошад, ки ба афзоиши сармояи бо гузоришҳои соҳибмулкон алоқаманднабуда меоварад. *Дигар даромадҳои амалиётӣ* – моддаҳои ба мафҳуми даромад ҷавобгӯ ҳастанд, ки аз даромади фурӯш фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд дар фаъолияти муқаррарии ширкат ё пайдо шаванд, ё пайдо нашаванд. Масалан, воридшавии маблағ аз фурӯши воситаҳои асосӣ, даромади ғайрифурӯшии дар натиҷаи азнавбаҳодиҳии дороиҳо пайдошуда[59].

Самти муҳимтарини фаъолияти ширкати фармасевтии замони муосир ба таъмини бозор бо маводи доруворие босифат равона гардидааст. Дар ин росто вазъи муҳите, ки айни замон дар ҷомеа ҳукмфармо аст, ба тиҷорати фармасевтӣ ва даромадҳои фурӯшии он метавонад таъсири бузург расонад.

[58] СБҲМ(IAS) 18 «Даромад аз фурӯш».
[59] Каримов Б.Ҳ. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Васоити таълимӣ / Б.Ҳ. Каримов ва диг. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С.38 (440 с.).

Омилҳои зеёдеро номбар кардан мумкин аст, ки ба бузургии даромад ва натиҷаҳои молиявии корхона метавонанд, таъсири худро расонанд. Вазъи эпидемиологии кишвар ба бозори дорусозӣ ва фурӯши доруворихо ва мувофиқан даромадҳои ширкати фармасевтӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар давраи эпидемия ва пандемия талабот ба баъзе доруворихо якбора меафзояд, ки он метавонад боиси аз нав тақсим кардани захираҳо ва тағйир додани стратегияи фурӯш гардад. Баҳисобгирии идоракунӣ дар чунин шароит бояд чандир ва ҷавобгӯ ба чунин вазъ бошад, то ин ки ба тағйирёбии дараҷаи талабот ва пешниҳод сари вақт вокуниш нишон диҳад. Ин азнавбаҳодиҳии захираҳо, ислоҳоти сиёсати нархгузорӣ ва муносибгардонии равандҳои логистикиро талаб менамояд.

Навиштани дорухат аз ҷониби табибон омили дигари муҳимме мебошад, ки ба даромади ширкати фармасевтӣ ва натиҷаҳои фаъолияти он таъсир мерасонад. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд ин ҷанбаҳоро барои пешгӯии фурӯш ва ба нақша гирифтани истеҳсолот ба назар гирад. Илова бар ин, ширкатҳои фармасевтӣ метавонанд ба маъракаҳои маркетингӣ ва барномаҳои таълимии табибон сармоягузорӣ кунанд, ки онҳо дар системаи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун хароҷоти иловагӣ бо даромади эҳтимолӣ дар шакли афзоиши фурӯш инъикос карда мешаванд. Ин омилҳои зикршуда зимни тартибдиҳии буҷети фурӯш, ки даромадҳои корхонаро дар ҳамаи самтҳои дақиқ ва эҳтимолӣ дар бар мегирад, ҳатман бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ, вазъи бозор, вазъи эпидемиологӣ ва дорухатнависиҳои табибон муҳити мураккаберо эҷод мекунанд, ки дар он ширкатҳои фармасевтӣ фаъолият мекунанд. Баҳисобгирии босамараи идоракунӣ дар ин соҳа на танҳо ҳисобгирӣ ва ҳисоботи дақиқи амалиётҳои фурӯш, балки қобилияти мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбандаро низ талаб мекунад.

Бояд қайд намуд, ки барои баҳисобгрии дурусти даромадҳо ва ҳисобкунии саҳеҳи натиҷаҳои молиявӣ аз амалиётҳои ҷудогона, натиҷаи фаъолияти бахшҳои алоҳида, намудҳои мушаххаси молҳо гурӯҳбандӣ кардани даромадҳои корхона яке аз амалҳои муносиб дар системаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

«Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ», ки бо Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05.2011 бо №41 тасдиқ шудааст, гурӯҳбандии зерини даромадҳоро пешбинӣ менамояд[60]:

- даромад аз фаъолияти амалиётӣ – фаъолиятҳое, ки ҳамчун фаъолияти асосӣ ба ҳисоб рафта, даромад меоранд ва дигар фаъолиятҳое, ки аз фаъолиятҳои сармоягузорӣ ва молиявӣ фарқ мекунанд;
- даромад аз фаъолияти ғайриамалиётӣ (сармоягузорӣ ва молиявӣ).

  Гурӯҳбандии даромадҳо аз рӯйи фаъолиятҳои амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявӣ ба муқаррароти пешбининамудаи СБҲМ (IAS) 7 «Ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ» мувофиқат менамояд.

Чунин тарзи гурӯҳбандии даромадҳо, хусусияти умумӣ дошта, бештар бо ҳадафҳои баҳисобгирии молиявӣ мувофиқ буда, талаботи ахбории истифодабарандагони дохилии маълумотро, ки бештар тавассути низоми баҳисобгирии идоракунӣ қонеъ гардонида мешаванд, таъмин карда наметавонанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар назария ва амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади бунёд гаштани маълумоти ботафсил даромадҳои субъекти иқтисодӣ ба гурӯҳҳо аз рӯйи аломатҳои муайян ҷудо карда

[60] Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.

мешаванд, ки зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ истифода бурдани он ба мақсад мувофиқ аст. Таснифоти мазкури даромад аз рӯйи аломатҳои зерин сурат мегиранд:

*1.Аз рӯйи намуди фаъолият.*

*2.Аз рӯйи сарчашмаҳои пайдоиш.*

*3.Аз рӯйи хусусияти андозбандӣ.*

*4.Аз рӯйи марҳилаи бунёдшавӣ.*

*5.Вобаста ба марказҳои даромад.*

*6. Аз рӯйи усули савдо.*

Дар ҷадвали 2.2.1 таснифи муфассалтари даромадҳои ширкати тиҷоратии фармасевтиро пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 2.2.1. – Таснифоти муфассали даромадҳо барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| Аломати тасниф | Самтҳои таснифот | Ҷузъиёти тасниф |
|---|---|---|
| *1.Аз рӯйи намуди фаъолият* | Даромад аз фаъолияти амалиётӣ | – даромад аз фурӯши молҳо:<br>– даромад аз хизматрасониҳо;<br>– даромадҳо аз рӯи шартномаҳое, им о мақсади тиҷорат ва савдо баста шудаанд;<br>– даромад дар шакли иҷорапулӣ;<br>– даромад аз фурӯши ғайр. |
| | Даромад аз фаъолияти молиявӣ | – даромадҳо дар шакли фоиз барои қарзҳои пешниҳодшуда ва вомбаргҳои дошташаванда;<br>– даромадҳо дар шакли ҳаққи саҳм аз саҳмияҳои дошташаванда ва дигар коғазҳои қимматнок;<br>– даромадҳо аз фарқияти қурбӣ; |
| | Даромад аз фаъолиятҳои сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) | – даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ ва дигар дороиҳои дарозмуддат;<br>– даромад аз иҷораи дарозмуддати дороиҳо ;<br>– даромад аз иштирок дар фаъолияти муштарак. |
| *2.Аз рӯйи сарчашмаҳои пайдоиш.* | Даромад аз фурӯши молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо (шакли муқаррарии фаъолият) | – фурӯши маводи доруворӣ;<br>– фурӯши молҳои таъиноти тиббӣ;<br>– фурӯши маҳсулоти фитодоруворӣ;<br>– фурӯши хизматрасониҳо<br>– фурӯши молҳои ғайр |
| | Даромад аз дигар манбаъҳо | – даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ<br>– даромад аз иҷора;<br>– даромад аз сармоягузорӣ; |

| | | |
|---|---|---|
| | | – даромадҳо аз фарқияти қурбӣ ва ғ. |
| *3.Аз рӯйи хусусияти андозбандӣ.* | Даромаде, ки андозбандӣ мегардад; | Вобаста ба амалиётҳои андозбандишаванда |
| | Даромаде, ки аз андозабандӣ озод аст. | Вобаста ба амалиётҳои андозбандинашаванда |
| *4.Аз рӯйи марҳилаи бунёдшавӣ.* | Даромади давраҳои гузашта | Даромадҳо аз қарзҳои бееътимоди пештар соқитшуда, ки дар ин давраи ҳисоботӣ барқарор гаштаанд |
| | Даромади давраи ҳисоботӣ | Ҳама гуна даромадҳои дар давраи ҳисоботӣ эътирофгардида |
| | Даромади давраҳои оянда | Даромадҳои пулие, ки ҳамчун пешпардохт дар давраи ҷорӣ қабул шудаанд, вале ба давраҳои оянда тааллуқ доранд |
| *5.Вобаста ба марказҳои даромад* | Аз рӯйи бахшҳои истеҳсолӣ | Аз рӯйи корхонаҳо, зерсохторҳо ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, |
| | Аз рӯйи бахшҳои тиҷоратӣ | Аз рӯйи нуқтаҳои савдо, мағозаҳо, филиалҳо, намояндагиҳо ва ғ. |
| *6. Аз рӯйи усули савдо** | Фурӯши яклӯхт<br>Фурӯши чакана | Вобаста ба нуқтаҳои савдо ва намудҳои молҳо |

**– пешниҳоди муаллиф*
*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст*

Зарурати дар чунин шакл тасниф кардани даромадҳои корхонаро мо дар он мешуморем, ки дар асоси он таҳлили маълумотҳо оид ба даромадҳои корхона гузаронида шуда, самтҳои даромаднок ва камдаромади корхона, молу маҳсулотҳои сердаромад ва камдаромад, самтҳои афзалиятнок муайян карда шуда, қарорҳои идоракунӣ қабул карда мешавад. Ҳамчунин дар ин асос тарзҳои ташкилкунии иттилооти муфассал дар заминаи истифодабарии ҳисобҳои муҳосибӣ, ки воҳиди асосии ҷамъоварӣ ва банизомдарории ҳама гуна ахборот дар шакли маҷмуӣ ва тафсилӣ мебошанд, боз ҳам мукаммал гардонида мешаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ин эътирофи даромадҳо ҳисоб меёбад, ки ҳадаф аз амалигардонии он муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ аст. Даромад аз фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо танҳо ҳамон вақт эътироф карда мешавад, ки агар шартҳои эътирофкунии даромад, ки дар бандҳои 14 ва

20 СБҲМ (IAS) 18 «Даромад аз фурӯш»[61] муайян шудаанд, иҷро шуда бошанд. Мо талаботи ин бандҳои СБҲМ (IAS) 18-ро ба инобат гирифта муайян мекунем, ки даромади ширкати тиҷоратии фармасевтӣ дар ин ҳолатҳо бояд эътироф карда шавад:

- агар пули фурӯш барои моли фурӯхташуда ба корхона ворид шуда бошад (аслан дар савдои чакана талабот ҳамин аст);
- агар молҳо тибқи шартномаи фурӯш ба харидорон фиристода шуда бошанд, гарчанде ки пули фурӯш ҳоло ворид нашуда бошад ҳам (яъне, ин ҷо фурӯши маҳсулот бо мавқуфгузории пардохт дар назар дошта мешавад).

Қайд кардан зарур аст, ки раванди эътирофкунии даромадҳо ба раванди бақайдгирии онҳо дар ҳисобҳои муҳосибӣ вобастагии қавӣ дошта, пас аз иҷро кардани амалҳои зикршуда бунёд гаштани низоми иттилоотии дорои бузургиҳои ҳам умумӣ ва ҳам таҳлилӣ зарур мегардад. Бо ин мақсад дар ширкати тиҷоратӣ зарур аст, ки аз тарзу усулҳои маъмулии баҳисобгирии идоракунӣ, хусусан. Ҳуҷҷатикунонӣ, низоми ҳисобҳо, ҳисобгирии таҳлилӣ кор гирифта шуда, амсилаи ташаккулёбии иттилоот оид ба баҳисобгирии амалиётҳои фурӯш ва муайянкунии натиҷаҳои моливӣ тартиб дода шавад. Амсилаи бунёди иттилоот бо роҳи ҳуҷҷатикунонӣ ва дар ҳисобҳои муҳосибӣ бақайдгирии амалиётҳо марбут ба фурӯш, муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи қарзҳои дебеториро барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ мо дар шакли зерин (расми 2.2.1) пешниҳод менамоем.

[61] СБҲМ (IAS) 18 «Даромад аз фурӯш»




*Расми 2.2.1. – Амсилаи бунёди иттилоот бо роҳи ҳуҷҷатикунонӣ ва дар ҳисобҳои муҳосибӣ бақайдгирии амалиётҳо марбут ба фурӯш, муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ ва вазъи қарзҳои дебеторӣ*

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст.*

Амсилаи пешниҳодшуда раванди омода гаштани иттилоот оид ба муайянкунии арзиши аслии молҳои дорувории барои фурӯш харидашуда, маблағи даромадҳо аз фурӯши молу маҳсулот, ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ ва муайянкунии вазъи ҳисоббаробаркуниҳои корхонаро аз рӯйи объектҳои алоҳида осон намуда, заминаи методии хуб барои муҳосибони ширкатҳои тиҷоратии фармесевтӣ ҳисоб меёбад.

Дар шароити низоми муттаҳидкардашуда (интгератсионӣ)-и баҳисобгирӣ ташкили ҳисобҳои даромадҳо аз рӯйи шаклҳои фаъолият, зершаклҳо ва ҷузъҳо аҳаммияти калон дорад. Таснифи ҳисобҳое, ки сохтори дохилии ширкатро инъикос мекунанд, дар ин лаҳза хеле самаранок мебошад. Аз ин рӯ, воҳиди асосии раванди баҳисобгирӣ ҳисоби муҳосибӣ мебошад, ки бояд зимни баҳисобгирӣ, ҷузъигардонӣ, банизомдарорӣ ва ҷамъбасткунии маълумотҳо оид ба амалиётҳои хоҷагӣ, хусусан амалиётҳо марбут ба фурӯш ва муайянкунии натиҷаҳои молиявии зерсохторҳо дар субъекти иқтисодӣ аз онҳо васеъ кор гирифта шавад.

Мо дар доираи ин кори диссертатсионӣ ҳайати ҳисобҳои таркибӣ ва ҷузъигардонидашударо (замимаи 3) коркард намудем, ки қобилияти дар худ инъикос намудани ҳама гуна маълумотҳоро оид ба вазъи фурӯш вобаста ба намудҳои мушаххаси молҳо, фаъолияти бахшҳо ва зербахшҳои тиҷоратӣ, самтҳои фаъолият, шартномаҳои тиҷоратӣ доро буда, барои санҷиш, омодакунӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳо ба менеҷерон заминаи методии устуворро фароҳам меоранд.

Дар соҳаи тиҷорати фармасевтӣ ширкатҳои соҳаро лозим меояд, ки зимни ба гурӯҳҳо ҷудокунии молҳои худ аз Системаи таснифотии анатомии муолиҷавӣ ва кимиёвӣ (СТАМК), ки аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) коркарда шудааст, истифода намоянд. Дар заминаи ин системаи таснифотӣ ширкати тиҷоратии фармасевтӣ метавонад, мадели таснифоти худиро, аз рӯйи категорияҳои алоҳидаи маводҳо ва молҳои таъиноти тиббӣ тартиб дода, гурӯҳи ҳисобҳои

таркибӣ ва таҳлилиро бо мақсади ба гурӯҳҳо ҷудокунӣ, банизомдарории ва ҷузъигардонии иттилоот муайян кунад (расми 2.2.2).

Ногуфта намонад, ки зимни тартибдиҳии таснифоти гурӯҳи молҳои доруворӣ, ҳангоми ворид намудани ин ё он мавод ба категорияи муайян, илова ба муқаррароти СТАМК аз ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти фармасевтӣ, ки талаботҳоро ба маводи фармасевтии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхташаванда муқаррар менамоянд, истифода намудан зарур аст.




*Расми 2.2.2 – Намунаи таснифоти категорияи гурӯҳҳои молӣ дар ширкати фармасевтӣ*

***Манбаъ:*** *муаллиф таҳия намудааст.*

Ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилии дар замимаи 3 пешниҳодшуда манбае мебошанд, ки аз рӯйи онҳо шаклҳои ҳисоботии дорои ахбори барои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил зарурбуда бунёд мешавад. Мубрамияти равиши мазкур дар инфиродӣ будани тарзи мураттабгардонии низоми баҳисобгирии идоракунӣ барои ширкати муайяни тиҷоратии фармасевтӣ, вобаста аз имконоти ташкилӣ ва самаранокии иқтисодии он зоҳир мегардад.

Барои инъикос кардани даромад ва ҷамъбаст намудани иттилоот оид ба даромадҳо, ки ба шаклҳои муқаррарии фаъолият алоқаманд аст, дар ҳисобгирии муҳосибӣ ҳисоби таркибии 44010 «Даромад аз фурӯш» истифода бурда мешавад. Тамоми даромадҳои ширкати фармасевтӣ аз фурӯши молҳо, маҳсулот, корҳо ва хизматҳо бо кредит навиштани ҳисоби мазкур қайд карда мешавад. Дар ин ҳолат, маблағи даромади соф аз фурӯш бо роҳи тарҳ намудани тахфифи тиҷоратӣ (тахфиф барои пардохти пеш аз мӯҳлат) ва тахфифи яклухте, ки ба харидорон ва супоришдиҳандагон ҳангоми фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ дар ҳаҷми калон пешниҳод мегардад, муайян карда мешавад.

Ҳисобҳои қисми 4-уми нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ пешбинӣ гардидаанд. Даромад ва хароҷот аз рӯйи фаъолияти ғайриамалиётӣ дар ҳисобҳои қисми 6 «Даромад ва хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои баҳисобгирии категорияҳои нисбатан хоси даромад ҳисобҳои алоҳидаи зерин пешбинӣ гардидааст:

44010 Даромад аз фурӯш

44020 Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ

44090 Баргардонидани молҳои фурӯхташуда ва тахфиф

Вобаста ба гурӯҳбандии категорияҳои молҳои фармасевтӣ, ки намунаи онро мо дар расми 2.2.1 пешниҳод намудем, метавонем дар ҳисобҳои бақайдгирии дарромадҳо зерҳисобҳои мувофиқро тасдиқ намоем. Ин амал метавонад барои ташаккулёбии иттилооти таҳлилӣ оид ба даромадҳои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ва бунёди натиҷаҳои молиявии он кумак расонад. Фурӯши молҳои фармасевтӣ ва молҳои таъиноти тиббие, им о дар расми зикршуда категориҳои онҳоро муайян намудем, ҳамчун даромад аз фаъолияти асосӣ ҳисоб меёбанд, бинобар ин дар ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш» чунин зерҳисобҳоро пешниҳод менамоем:

44011 «Даромад аз фурӯши маводи тайёри доруворӣ»

44012 «Даромад аз фурӯши иловаҳои фаъоли биологӣ»

44013 «Даромад аз фурӯши маҳсулоти таъиноти тиббӣ»

44014 «Даромад аз фурӯши молҳои ороишӣ ва атторӣ»

44015 «Даромад аз фурӯши молҳо барои им о а кӯдак»

Ба маблағи даромад танҳо воридоти умумии иқтисодие, ки ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ба даст овардааст, дохил мешаванд. Андозҳои ғайримустақим, ки аз харидорон ҳангоми фурӯши молҳо ва кору хизматрасонӣ ситонида мешаванд (андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, андоз аз фурӯш), ҳамчун фоидаи иқтисодӣ ба ҳисоб нарафта, ба маблағи даромад дохил карда намешаванд.

Соқиткунии арзиши молҳои баргардонидашуда, маблағи арзонкардашудаи молҳои фурӯхташуда ва тахфиф бояд ҳамчун камшавии даромад ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар дигар ҳолатҳо арзиши молҳои баргардонидашуда ва камшавии арзиши онҳо аз рӯйи дебети ҳисоби 44090 «Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф»дар мукотибот бо ҳисобҳои 10410 «Ҳисобҳо барои қабул», 10110 «Воситаҳои пулӣ бо асъори миллӣ» ва 10210 «Ҳисобҳо бо асъори миллӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ногуфта намонад, ки маълумотҳои баҳисобгирӣ аз рӯйи дебети ҳисоби 44090 «Баргардониши молҳои фурӯхташуда ва тахфиф», барои ҳисоби 44010 «Даромад аз фурӯш», им о кредит дар ҳамин ҳисоб навишта мешаванд, иттилооти мутақобила ҳисоб ёфта, зимни ҷамъбасткунии даромади ширкат аз он кам карда мешавад.

Дигар даромадҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти амалиётии субъект ба вуҷуд омада аз даромадҳои фурӯши молҳо ва хизматрасонӣ фарқ мекунанд, дар ҳисоби таркибии 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ», ба ҳисоб гирифта мешаванд. Мувофиқи мақсад мебошад, ки дар субъекти фармасевтии тиҷоратӣ аз рӯйи ҳар як намуди даромад вобаста ба моҳияти онҳо баҳисобгирии таҳлилӣ пеш бурда шавад, масалан даромад аз иҷораи амалиётӣ, даромад аз пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ, ҷаримаҳо, ҷаримаҳои аҳдшикание, ки дар натиҷаи

фаъолияти амалиётии субъект ба даст омадаанд, баргардонидани қарзҳое, ки пеш аз муҳлат ҳамчун қарзҳои беъэтимод бе истифодаи ҳисоби захираҳои баҳододашаванда аз ҳисоб соқит гардонида шудаанд ва ғ.

Дар Нақшаи ҳисобҳо барои инъикос намудани даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиёти (сармоягузорӣ ва молиявӣ)-и субъекти иқтисодӣ чунин ҳисобҳои алоҳида пешбинӣ шудааст:

66010 Даромад дар намуди фоизҳо

66020 Даромад аз сармоягузориҳо

66030 Даромад аз суди саҳмияҳо (дивидендҳо)

66040 Даромад аз фарқияти қурбӣ

66050 Даромад аз мубодилаи асъор

66060 Даромад аз хориҷшавии дороиҳои дарозмуддат

66070 Дигар даромадҳои ғайриамалиётӣ

Мо дар доираи ин диссертатсия истифодабарии ҳисобҳои зикршударо барои баҳисобгирии даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ тавсия намуда, ба ҳар як ҳисоб кушодани ҳисобҳои дараҷаҳои баъдиро (таҳлилиро) зарур мешуморем.

Бояд қайд намуд, ки дар охири давраи ҳисоботӣ барои муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти тиҷоратӣ маҳкам кардани ҳисобҳои даромад ва хароҷот зарур аст. Бо дебет навиштани ҳисобҳои 44010 «Даромад аз фурӯш», 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ», ҳисобҳои гурӯҳи 66000 «Даромадҳо аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» ва кредит навиштани ҳисоби ҷамъбастии 70000 «Маҷмуи даромад ва хароҷот» ва тартиб додани мукотиботи баръакс барои ҳисобҳои хароҷот (55000 «Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, им о хизматҳо», 55200 «Хароҷоти муомилот», 55300 «Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ», 66100 Хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ) соқит кардани маблағи даромадҳои гирифташуда ва хароҷот бо мақсади муайян кардани

натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯши молҳои доруворӣ (корҳо, хизматҳо) ва дигар фаъолияти ғайриамалиётӣ анҷом дода мешавад.

Амсилаи умумии баҳисобгирии даромад, хароҷот ва ташккулёбии натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ширкати фармасевтии ҶДММ «ТБШ» пешниҳод менамоем (расми 2.2.3), ки аз рӯйи он ҷараёни ташаккули маълумоти ҳисобдориро мушоҳида кардан мумкин аст.




*Расми 2.2.3. – Амсилаи баҳисобгирии даромаду хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ҶДММ «ТБШ»*
***Манбаъ:** Муаллиф таҳия намудааст*

Аз рӯйи расми 2.2.3 мушоҳида менамоем, ки ҳисобҳои баҳисобгирии воситаҳои пулӣ, захираҳои молию моддӣ ва уҳдадориҳо бо ҳисобҳои баҳисобгирии 10730 «Истеҳсолоти нотамом», 10740 «Маҳсулоти тайёр», 55000 «Хароҷоти фурӯш», 55300 «Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ», 66100 «Хароҷот аз фаъолияти ғайриамалиётӣ» зимни тартибдиҳии мукотиботи ҳисобҳо робитаи мустақим доранд. Дар давоми моҳ арзиши молҳои фурӯхташуда ва арзиши тамоми захираҳои сарфшуда ба ҳисобҳои 55010, 55030, 55040, 55050, 55200, 55300, 66100 гузаронида шуда, дар охири

давраи ҳисоботӣ ба тарафи дебети ҳисоби ҷамъбастии 70000 «Маҷмуи даромад ва хароҷот» соқит карда мешавад. Бузургии ҳисобҳои даромад аз фаъолияти амалиётӣ ва ғайриамалиётӣ низ (44010, 44020, 66000) дар охири давраи ҳисоботӣ ба тарафи кредити ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромад ва хароҷот» хориҷ карда мешавад. Барои муайян кардани натиҷаи молиявӣ аз фаъолияти тиҷоратӣ дар ширкати фармасевтии ҶДММ «ТБШ» бузургиҳои дар тарафи дебет ва кредит ҳосилшудаи ҳисоби 70000 «Маҷмуи даромад ва хароҷот»-ро муқоиса менамоем. Агар маблағҳои тарафи кредитӣ аз маблағҳои тарафи дебетӣ зиёдтар бошад, он аз натиҷаҳои молиявии мусбат шаҳодат медиҳад ва баръакс, агар бақияи дебетӣ нисбат ба кредитӣ  бартарӣ дошта бошад, он гоҳ ин ҳолат аз натиҷаи молиявии манфӣ (зарар) шаҳодат медиҳад.

Ҳамаи хароҷотеро, ки муддати як моҳ дар ширкати фармасевтӣ амалӣ карда мешаванд, аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ, моддаҳои алоҳида, мавқеи пайдоиши онҳо, гурӯҳҳо ва намудҳои молҳо гурӯҳбандӣ карда, бо зерҳисобҳои таҳлилӣ ҷудо кардан мақсаднок аст (Замимаи 3). Чи тавре ки болотар қайд намудем, арзиши молҳои фурӯхташуда ва арзиши тамоми захираҳои сарфшуда ба дебети ҳисобҳои 10730, 55010, 55030, 55040, 55050, 55200, 55300, 66100 гузаронида шуда, дар феҳрастхо ва варақаҳои баҳисобгирӣ тавсия дода мешавад, ки хароҷоти зикршуда аз рӯйи маконҳои пайдоиш, гурӯҳ ва намудҳои молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо мақсади назорат ва таҳлил дарҷ карда шавад.

Хусусиятҳои хоси объекти омӯзишро ба назар гирифта, истифодаи нақшаи умумии ҳисобҳои захираҳо, даромад, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати фармасевтии тиҷоратиро, ки аз рӯйи дараҷаҳои гуногун ҷузъӣ гардонида шудаанд (Замимаи 3) ва барои баҳисобгирии амалиётҳои тиҷоратӣ-фурӯшии ширкати фармасевтӣ ҳамчун заминаи методии босамар ҳисоб меёбад, тавсия менамоем.

Хуллас, барои баҳисобгирии дурусти даромадҳо ва ҳисобкунии саҳеҳи натиҷаҳои молиявӣ аз амалиётҳои ҷудогона, натиҷаи фаъолияти

бахшҳои алоҳида, намудҳои мушаххаси молҳо гурӯҳбандӣ кардани даромадҳои корхона яке аз амалҳои муносиб дар системаи баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Таснифот кардани даромадҳои корхона, ки мо аломатҳои онро пешниҳод намудем, имконият медиҳад, ки дар асоси он таҳлили маълумотҳо оид ба даромадҳои корхона гузаронида шуда, самтҳои даромаднок ва камдаромади корхона, молу маҳсулоти сердаромад ва камдаромад, самтҳои афзалиятнок муайян карда шуда, қарорҳои идоракунӣ қабул карда шаванд. Ҳамчунин дар ин асос тарзҳои ташкилкунии иттилооти муфассал дар заминаи истифодабарии ҳисобҳои муҳосибӣ боз ҳам мукаммал гардонида мешаванд.

Амсилаҳои пешниҳодшуда оид ба ҳисоби даромадҳо бо истифода аз унсурҳои баҳисобгирӣ (ҳуҷҷатикунонӣ, ҳисобҳои муҳосибӣ, ҳисобгирии таҳлилӣ) раванди омода гаштани иттилоот оид ба муайянкунии арзиши аслии молҳои дорувории барои фурӯш харидашуда, маблағи даромадҳо аз фурӯши молу маҳсулот, ҳисобкунии натиҷаҳои молиявӣ ва муайянкунии вазъи ҳисоббаробаркуниҳои корхонаро аз рӯйи объектҳои алоҳида осон намуда, заминаи методии хуб барои муҳосибони ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоб меёбад.

## 2.3. Бунёди ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили сохтори он дар ширкатҳои фармасевтӣ

Ба ҳисоботи идоракунӣ таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир намуд, зеро дар вай барои истифодабарандагони дохилӣ иттилооти мушаххас ва муфассал оид ба вазъ ва натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҷамъ оварда мешавад, ки аз дигар шаклҳои ҳисобот онҳоро пайдо кардан ғайримкон аст. Ҳисоботи идоракуниро ҳамчун системаи иттилооти мушаххас ва муфассал оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, моддаҳои даромаду хароҷот, қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, муносибатҳои молу мулкӣ, сармоя, захираҳо ва дигар

омилҳое, ки ба натиҷаҳои бадастомада таъсир мерасонанд, ба назар бояд гирифт. Маълумотҳои бадастомада барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар самтҳои гуногун, назорат ва танзими фаъолият, банақшагирӣ ва пешгӯйии марҳилаҳои оянда зарур мебошад.

Ҳисоботи идоракунӣ барои ҳалли масъалаҳои зерин муҳим аст:

- пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ, ҳисобот оид ба самаранокии воқеӣ ва даромаднокии фаъолият;
- пешниҳоди маълумот барои қабули қарорҳои стратегӣ, аз он ҷумла барои масъалаҳои эҳтимолии ба марҳилаҳои оянда нигаронидашуда;
- назорати фаврие, ки тамоми фаъолияти молиявӣ-хоҷагидориро дар бар мегирад;
- гурӯҳбандӣ ва таҳлили иттилот барои интихоби равишҳои муносиби ҳалли масъалаҳои дар раванди фаъолият бамиёномада, муайян намудани норасоӣ ва камбудиҳои мавҷуда.

Ба манбаи иттилоотии баҳисобгирии идоракунӣ чунин талаботҳо пешниҳод мегардад: боэътимодӣ, мукаммалӣ, пуррагӣ, пайдарпайӣ, қиёспазирӣ, муҳимӣ, саривақтӣ будан.

Талаботҳо ба мазмун, шакл, объектҳо ва муҳлати пешниҳоди ҳисоботи идоракунӣ аз ҷониби роҳбароне муайян мегардад, ки ба иттилооти дохилии идоракунӣ ҳавасманданд.

Дар ҳисобгирии идоракунӣ намудҳои стандартии ҳисоботи дохилии идоракунӣ бо шаклҳои монанд ва ахбороти якхела вуҷуд дошта наметавонад. Ҳисоботи дохилӣ метавонад инфиродӣ бошад. Бо вуҷуди ин нишонаҳои таснифотии тавсифкунандаи шаклҳои ҳисоботи идоракуниро ҷудо кардан мумкин аст (расми 2.3.1), ки барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ низ он хос мебошад.

Барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ таснифоти мазкури ҳисоботи идоракуниро шарҳ медиҳем.

***Аз рӯйи мазмуни иттилоот*** ҳисоботи идоракунӣ ба *комплексӣ, тематикӣ ва таҳлилӣ* ҷудо мешавад.




*Расми 2.3.1. – Аломатҳои таснифкунандаи шаклҳои ҳисоботи дохилӣ*[62]

*Манбаъ: муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия кардааст.*

*Ҳисоботи комплексӣ-ҷамъбастӣ* чун қоида барои як моҳ, се моҳ, шаш моҳ ва сол тайёр карда шуда, иттилоот оид ба иҷроиши нақшаи истифодабарии захираҳо, даромад ва хароҷоти марказҳои масъулият, амалигардонии лоиҳаи хароҷот, фоиданокӣ, ҳаракати селаҳои пулӣ ва дигар нишондиҳандаҳои кори ширкати тиҷоратии фармасевтиро дар худ ҷой медиҳад.

*Ҳисоботи тематикӣ* ҳангоми ба вуҷуд омадани майлкунӣ дар нишондиҳандаҳои асосӣ, ба мисли ҳаҷми фурӯш, талафот аз молҳои ноқис ва муҳлатгузашта, иҷро намудани фармоишҳо, нақшаи истеҳсоли маҳсулот, воридкунӣ ва фурӯши молҳои доруворӣ ва ғ. Тайёр карда мешавад.

*Ҳисоботи таҳлилӣ* бо талаби роҳбарият ва менеҷерҳои болоӣ тартиб дода шуда, он оид ба ҳолатҳои алоҳидаи бавуҷудомада, ба мисли сабабҳои барзиёдхарҷӣ, тағйирёбии фоиданокӣ, ҳаҷми фурӯш аз рӯйи секторҳои бозор ва навъи молҳо, таҳлили бозор ва истифодабарии иқтидори истеҳсолот, натиҷаи таваккал оид ба самтҳои муайяни фаъолият ва ғайра маълумотро пешниҳод менамояд.

***Аз рӯйи сатҳи идоракунӣ*** ҳисоботи идоракунӣ ба *фаврӣ, ҷорӣ ва ҷамъбастӣ* ҷудо карда мешавад.

[62] Орзуев П.Ҷ., Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ. Китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х., Барфиев, И.А. Бобиев // –Душанбе: ҶДММ "Балоғат", 2019. – С.317 (540 с.)

*Ҳисоботи фаврӣ* дар сатҳи поёнии идоракунии марказҳои масъулият (шуъбаҳо, раёсатҳо, коргоҳҳои истеҳсолӣ, дорухонаҳо, намояндагиҳо, филиалҳо, нуқтаҳои савдо ва ғ. – бо ибораи дигар марказҳои даромад ва хароҷот) барои як ҳафта ва як моҳ тартиб дода шуда, ахбороти муфидро барои қабули қарорҳои ҷорӣ пешниҳод менамояд. Ба сифати қабули карорҳои ҷорӣ (масалан, иваз кардани як маҳсулоти филиал ба маҳсулоти дигари филиал, ки савдояш дар ин ҷо хуб аст, ҳаҷми тиҷоратро бо мизоҷи муайян баланд бардоштан даркор ва бо кадом мизоҷ кам кардан даркор (вобаста ба қобилияти пардохтпазирии онҳо) ва ғ.).

*Ҳисоботи ҷорӣ* дар худ иттилоотро барои идоракунии дараҷаи миёна дар марказҳои фоида ва сармоягузорӣ ҷой дода, барои ҳар як моҳ ва семоҳа тартиб дода мешавад. Дар асоси он қарорҳои дорои хусусияти ҷорӣ ва тактикидошта қабул карда мешавад (масалан, гузаронидани як коргари фурӯш аз як филиал ба дигар филиал, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол ё хариди маҳсулоти муайян ва кам кардани ҳаҷми маҳсулоти дигар, кам кардан ё баланд бардоштани нархи маҳсулоти муайян ва ғ).

*Ҳисоботи ҷамъбастӣ* барои идоракунандаи сатҳи болотарин дар ширкати тиҷоратӣ мураттаб гардонида мешавад. Дар асоси он қарорҳои стратегӣ қабул карда шуда, назорати умумӣ ва назорат аз рӯйи фаъолияти кадрҳои идоракунандаи сатҳи миёна ва баъзан поёнӣ бурда мешавад (масалан, қарор оид ба иваз кардани роҳбари филиал, қарор оид ба сармоягузории бахши муайян, қарор оид ба истеҳсоли маҳсулоти нав ва ғ.) Давраи пешниҳоди ҳисобот аз як моҳ то як солро дар бар мегирад.

***Аз рӯйи ҳаҷми иттилоот*** ҳисоботи идоракунӣ *ахборӣ, ҷамъбастӣ ва умумӣ* мешаванд.

*Ҳисоботи ахборӣ* иттилооти мухтасарро оид ба нишондиҳандаи алоҳидаи зерсохтор барои давраи кӯтоҳтарин дар бар мегирад.

*Ҳисоботи ҷамъбастӣ* барои як моҳ ва ё дигар давраи ҳисоботӣ тайёр карда мешавад. Дар он иттилоот оид ба нишондиҳандаҳои

назоратшавандаи маркази масъулият ба мисли ҳаҷми фурӯш, бақияи қарзи дебетории тиҷоратӣ, бақияи молҳои доруворӣ, фоида ё зарар ва ғ. Ҷой дода мешавад.

*Ҳисоботи умумӣ* фаъолияти умумии ширкати тиҷоратии фармасевтиро дар бар гирифта, ба шаклҳои ҳисоботи молиявии солона мувофиқ мебошад. Вай барои идоракунии дохилӣ таҳия карда мешавад.

***Аз рӯйи шакли пешниҳодкунӣ*** ҳисоботи идоракунӣ дар шакли *ҷадвалӣ, графикӣ ва ё матнӣ* тайёр карда мешавад.

Қоидаҳои бунёди ҳисоботи идоракуниро дар ҳама ҷанбаҳо риоя накарда, ҳисоботи идоракунии босифатро тайёр кардан ғайриимкон аст. Палий В.Ф. дар асари худ «Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ» ба таври мушаххас қоидаҳои асоситарини бунёдкунии ҳисоботи идоракуниро муайян кардааст[63]. Таҷрибаи амалӣ дар самти таҳия ва татбиқи низоми самараноки баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ аз ҷониби И.В. Аверчев дар китоби «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи идоракунӣ»[64] оварда шудааст. Ба таҷрибаи омӯхташуда такя карда, метавон қайд намуд, ки тартибдиҳии ҳисоботи идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ аз рӯйи қоидаҳои асосии зерин самаранокии ҳисоботро баланд мебардорад:

1) сарфакорӣ ва фоиданокӣ – хароҷот барои тайёр намудани ҳисоботи идоракунӣ на бояд аз падидаи иқтисодии истифодаи он зиёд бошад;

2) суроғавӣ ва мушаххасӣ – таъиноти ҳисоботи идоракунии сатҳи гуногун бояд мушаххас бошад;

3) фаврият ва оқилона будан – ҳисоботи ҷории идоракунӣ бояд иттилооти фаврии зарурӣро барои қабули минбаъдаи қарорҳои идоракунӣ дошта бошад;

[63] Палий В.Ф. Организация управленческого учета. — М.: Бератор-Пресс, 2003. – С.24.

[64] Аверчев И.А. Управленческий учет и отчетность. Постановка и внедрение. — М.: Вершина, 2009. – С.16.

4) муносиб ва ботартиб – ҳисоботи идоракунӣ на бояд бо маълумотҳои барзиёди нолозим пур бошад, балки тамоми иттилооти дар он пешниҳодшуда бояд ба низом дароварда шуда бошад;

5) салоҳиятнокӣ ва муносибати фардӣ – ҳангоми тайёркунии шакли махсуси ҳисоботи идоракунӣ бояд талаботҳои хос ва сатҳи омодагии роҳбари мушаххасе, ки барои он ҳисобот таъин шудааст, ба назар гирифта шавад.

Яке аз хусусиятҳои хоси ҳисоботи идоракунӣ аз он иборат аст, ки он зина ба зина, вобаста аз он ки маркази масъулият, ё сегменти фаъолият дар кадом сатҳи идоракунӣ қарор дорад, тайёр карда мешавад. Бо мурури тайёршавии ҳисобот маълумотҳо ҷамъбаст карда шуда, ба сатҳи олии идоракунӣ пешниҳод карда мешаванд ва имконияти назорати зербахшҳои фаъолият муҳайё мегардад. Омӯзиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии ширкати тиҷоратии фармасевтӣ имкон дод, муайян карда шавад, ки ҳисоботи идоракунии ширкатҳои мазкур аз се сатҳ иборат мебошад (расми 2.3.2).




*Расми 2.3.2. – Зинаҳои тайёркунии ҳисоботи идоракунӣ дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ*

*Манбаъ: Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт ва таҷрибаи ширкати ватании ҶДММ «ТБШ» тайёр намудааст.*

Таркиби ҳисоботи идоракунӣ ва дараҷаи тафсилии он аз сохтор ва миқёси корхона ва истифодабарандагони иттилоот вобаста аст: ҳар қадаре ки сатҳи идоракунии роҳбар баландтар бошад, ҳамон қадар зинаҳои тайёркунии ҳисобот зиёд буда маълумотҳои ҳисоботӣ мухтасар пешниҳод карда мешавад. Ғайр аз ин, дараҷаи тафсили иттилооти пешниҳодшуда аз талаботҳои роҳбарони мушаххас низ вобаста аст. Номгӯи нишондиҳандаҳое, ки барои тартиб додани ҳисоботи идоракунӣ пешниҳод мешавад, вобаста аз идораҳои сохторӣ фарқ карда, махсусияти кори онро тавсиф медиҳад. Дар умум ҳисоботи идоракунӣ дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ин низоми нишондиҳандаҳои баҳамвобастае мебошад, ки шартҳо ва натиҷаҳои тамоми фаъолияти ширкатро дар давраи ҳисоботӣ васф мекунад.

Чи тавре ки болотар қайд намудем, таркиби ҳисоботи идоракунӣ ва мундариҷаи он аз талаботи соҳибмулкон ва роҳбарони ширкат, ки фаъолияти онро пеш мебаранд, инчунин аз намуд ва хусусияти фаъолияти корхона вобаста аст. Илова бар ин, таркиби ҳисоботи идоракунӣ вобаста ба тағйирёбии талаботи роҳбарият метавонад тағйир дода шавад.

Одатан се намуди асосии ҳисоботи ҷамъбастии идоракунӣ дар амалияи субъектҳои тиҷоратӣ вуҷуд дорад, ки тайёркунии онҳо низ барои пешниҳодкунӣ ба сатҳи болоии идоракунии ширкати тиҷоратии фармасевтӣ муҳим аст:

- ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ (фоида ва зарар);
- ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ;
- тавозуни муҳосибии идоракунӣ.

Илова ба ҳисоботҳои идоракунии ҷамъбастии зикршуда, дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ тавсия дода мешавад, ки ҳисоботҳои иловагии зерин оид ба фаъолияти амалиётӣ, ки танҳо ба истифодабарандагони дохилии сатҳҳои гуногуни идоракунӣ лозим аст, таҳия карда шавад:

- ҳисобот оид ба фурӯши чакана;
- ҳисобот оид ба фурӯши яклӯхт ва фурӯш тавассути озмунҳои давлатӣ (тендерҳо);
- ҳисобот оид ба харид ва захираҳои молҳо;
- ҳисобот оид ба қарзҳои дебиторӣ;
- ҳисобот оид ба қарзҳои кредиторӣ;
- ҳисобот дар бораи арзиши молҳои харидашуд;
- ҳисобот дар бораи корҳои иҷрошаванда;
- ҳисобот оид ба қарзҳо ва вомҳо;
- ҳисобот оид ба маблағгузории асосӣ;
- ҳисобот дар бораи харид, бунёдкунӣ ва ихтиёрдории воситаҳои асосӣ;
- ҳисобот дар бораи хароҷоти ҷорӣ (идоракунӣ ва хоҷагӣ);
- ҳисобот дар бораи пардохти андозҳо.

Ин намуди ҳисоботҳо метавонанд дар ҳар шакле, ки барои идоракунандагон фаҳмо бошад ва маълумоти барои қабули қарорҳои идоракунӣ заруриро таҷассум намоянд, тартиб дода шавад.

Шаклҳои ҳисоботи идоракунӣ аз шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва ҳисоботи андоз бо он фарқ мекунанд, ки онҳо стандартӣ нестанд. Шакли ҳар як ҳисобот дар дохили ширкат таҳия ва мувофиқа карда мешавад. Дар айни замон, ширкати тиҷоратии фармасевтӣ метавонад ба таври инфиродӣ шаклҳои иловагиро истифода барад, ки танҳо ниёзҳои худро қонеъ намуда маълумотеро, ки ширкат талаб мекунад, дар бар гирад.

Асарҳои илмии соҳавӣ ва таҷрибаи амалии ширкатҳои тиҷоратии фармасевтиро омӯхта ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳисоботи идоракунии ҷамъбастӣ аз се шохаи ба ҳам алоқаманд (ҳисобот оид ба фаъолияти амалиётӣ (1), ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, натиҷаҳои молиявӣ ва ҳаракати воситаҳои пулӣ (2), ҳисобот оид ба фаъолияти сармоягузорӣ (3)) иборат аст, им о онро дар расми 2.3.3 тасвир менамоем.




*Расми 2.3.3. – Ҳисоботи идоракунии ҷамъбастӣ ва шохаҳои он*

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт ва амалияи ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ таҳия намудааст*

Чи тавре ки қайд намудем, ҳисоботи дохилии идоракунӣ намунаи қатъии стандартӣ надошта, шахсони масъул вобаста ба равишҳое, ки барои идоракунандагон фаҳмо бошад ва маълумоти барои қабули

қарорҳои идоракунӣ заруриро таҷассум намояд, тартиб медиҳанд. Аммо, тадқиқотҳо нишон дод, ки дар ширкатҳои фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи дохилии идоракунӣ ба таври лозимӣ, ки ҷавобгӯи талабот бошад, иттилооти муҳосибӣ бо сифати баланд тайёр шуда ба роҳбарият пешниҳод карда шавад, ба назар намерасад ва дар баъзе аз ширкатҳо ҳатто он иҷро ҳам карда намешавад. Сабаби ин дар нарасидани донишҳои иқтисодию муҳосибии кормандони шуъбаи муҳосиботи ширкатҳои зикршуда, ба таври комил амал накардани низоми баҳисобгирӣ ва суст ба роҳ мондани идоракунӣ ва назорат аз ҷониби роҳбарияти ширкат мебошад.

Зимни омӯзиши ширкати тиҷоратии фармасевтии ҶДММ «ТБШ», ки дар баробари воридкунӣ ва фурӯши молҳои доруворӣ ба истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ машғул аст, ошкор карда шуд, ки варақаи арзишмуайянкунӣ, ки ҷузъи ҳисобот оид ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо ва хизматҳо мебошад, на ҳамаи маълумотҳоро дар бар мегирад. Арзиши аслии маҳсулот танҳо аз рӯйи хароҷоти масолеҳи асосӣ (хароҷоти мустақим) муайян карда шуда (ҷадвали 2.3.2), хароҷоти дигар бошад ба инобат гирифта намешавад. Яъне, бо ибораи дигар, танҳо арзиши аслии нопурраи маҳсулот ҳисоб карда мешавад, ки дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ, он бо истифода аз усули «директ-костинг» ба даст меояд.

Маълумотҳои ҳисобот нишон медиҳанд, ки дар ширкат танҳо таваҷҷуҳ ба муайянкунии даромади маржиналӣ равона карда шуда, онро ҳамчун натиҷаи молиявии фаъолияти истеҳсолӣ қабул менамоянд. Хароҷоти боқимонда, ки номгӯи онҳо дар варақаи арзишмуайянкунии мазкур (ҷадвали 2.3.2) оварда шудааст, аз ҳисоби маблағи фурӯши умумии маҳсулотҳо рӯйпӯш карда мешавад. Ин амал зимни ҳисобкунии арзиши аслии дигар намуди маҳсулотҳои истеҳсолшаванда, ки дар замимаҳои 4 ва 5 нишон дода шудаанд, иҷро карда мешавад.

**Ҷадвали 2.3.2. – Варақаи арзишмуайянкунии маҳсулоти дорувории «Лидокаин» дар ҶДММ «ТБШ» (Барои моҳи январи соли 2022)**

| | Лидокаин 2%, 2 мл, №10 (барои 100 дона) | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Номгӯйи моддаҳои хароҷот | Воҳиди ченак | Миқдор | Нарх, сомонӣ | Маблағ, сомонӣ | Арзиши аслии 1 дона, сомонӣ | Нархи фурӯш, сомонӣ | Даромади маржиналӣ, сомонӣ | Даромади маржиналӣ % |
| *1* | ***2*** | ***3*** | ***4*** | ***5*** | ***6*** | *7* | ***8*** | ***9 (8–7)*** | ***10 (9÷8)*** |
| 1. | Ампула 2 мл | кг | 1000 | 0,05 | 50,00 | – | – | – | – |
| 2. | Лидокаин гидрохлорид | кг | 0,044 | 175,5 | 7,72 | – | – | – | – |
| 3. | Хлориди натрий | кг | 0,0132 | 3,25 | 0,04 | – | – | – | – |
| 4. | Об барои дорутайёркунӣ | л | 2,2 | | | – | – | – | – |
| 5. | Қуттичаҳои новадор | дона | 100 | 0,38 | 38,00 | – | – | – | – |
| 6. | Кислород | балон | 0,025 | 40,00 | 1,00 | – | – | – | – |
| 7. | Пропан | балон | 0,0029 | 150 | 0,44 | – | – | – | – |
| 8. | Қуттиҳои калон | дона | 1,0 | 3,50 | 3,50 | – | – | – | – |
| 9. | Қувваи барқ | квт/с | 8,6 | 0,65 | 5,59 | – | – | – | – |
| 10. | Этанол 96% | литр | 0,0125 | 26,00 | 0,32 | – | – | – | – |
| 11. | Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 12. | Хароҷоти умумикоргоҳӣ ва умумихоҷагӣ | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 13. | Хароҷоти нақлиёт | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 14. | Пардохтҳои коммуналӣ | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 15. | Пардохти хизмати алоқа | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 16. | Сертификатсияи маҳсулот | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 17. | Дигар хароҷот | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 18. | Музди меҳнат | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 19. | Андози иҷтимоӣ | сомонӣ | – | – | – | – | – | – | – |
| 20. | **Ҳамагӣ:** | | | | **106,61** | **1,0661** | **2,3** | **1,2339** | **53,6%** |

***Манбаъ:*** *маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «ТБШ» дастрас шудааст*

Ин тарзи ҳисобот, ки дар ширкати тиҷоратии фармасевтии ҶДММ «ТБШ» тайёр карда мешавад, мукаммалгардониро талаб менамояд. Бо мақсади ташаккули иттилооти пурра оид ба арзиши аслии маҳсулот (Лидокаин) дар варақаи арзишмуайянкунӣ иттилоот оид ба дигар хароҷоти ғайримустақим, ки номгӯяшон дар ҷадвали 2.3.2 оварда шудааст, бояд пешниҳод карда шуда, арзиши аслии пурраи маҳсулот ёфта шавад. Дар амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ барои дуруст муайян кардани арзиши аслии воҳиди маҳсулот хароҷоти мустақим пурра ба арзиши маҳсулоти мушаххас дохил карда шуда, хароҷоти ғайримустақим бошад, дар асоси манбаи интихобшуда байни маҳсулотҳои истеҳсолшуда тақсим карда мешавад.

Бояд зикр кард, ки дар ширкатҳои истеҳсолии доруворӣ ба сифати манбаи тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим интихоб намудани арзиши аслии нопурра (хароҷоти мустақими моддӣ), тибқи маълумоти ҷадвали 2.3.2 мувофиқ мебошад. Чунки моддаҳои боқимондаи хароҷот (хароҷоти умумикоргоҳӣ ва умумихоҷагӣ, музди меҳнат, хароҷоти нақлиёт, пардохтҳои коммуналӣ, сертификатсияи маҳсулот ва ғ.) ҳамчун хароҷоти ғайримустақим ва доимӣ ҳисоб ёфта, вобастагии онҳо ба истеҳсоли маҳсулотҳо норавшан боқӣ мемонад, бештари онҳо дар охири давраи ҳисоботӣ пардохта шуда, ба арзиши аслии маҳсулот робитаи мустақим надоранд. Иҷро намудани ин тавсияи методӣ дар раванди тайёркунии ҳисоботи дохилӣ оид ба арзиши аслии маҳсулот барои ташаккули маълумоти пурра ва дуруст ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ба манфиати кори ширкатҳои фармасевтӣ мебошад.

Дар ҷадвали 2.3.3 хароҷоти ғайримустақим ва бузургии онҳо барои моҳи январи солаи 2022 дар ҶДММ «ТБШ» оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.3. – Хароҷоти ғайримустақим дар ҶДММ «ТБШ» барои моҳи январи соли 2022, сомонӣ**

| № | **Моддаҳои хароҷот** | сомонӣ |
|---|---|---|
| 1. | Фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 3000 |
| 2. | Хароҷоти умумикоргоҳӣ | 12450 |

Идомаи ҷадвали 2.3.3

| | | |
|---|---|---|
| 3. | Хароҷоти нақлиётӣ | 2500 |
| 4. | Пардохтҳои коммуналӣ | 650 |
| 5. | Пардохти хизмати алоқа | 1540 |
| 6. | Сертификатсияи маҳсулот | 840 |
| 7. | Хароҷоти умумихоҷагӣ | 8500 |
| 8. | Хароҷоти фурӯш | 850 |
| 9. | Хароҷоти фоизи қарз | 500 |
| 10. | Дигар хароҷот | 1500 |
| 11. | **Ҳамагӣ:** | 32330 |

***Манбаъ:*** *Маълумот аз муҳосиботи ҶДММ «ТБШ» гирифта шудааст.*

Барои тақсим кардани маблағи хароҷоти ғайримустақим ва ҳисоб кардани арзиши аслии пурраи маҳсулотҳои истеҳсолшуда ба маълумотҳои ҷадвалҳои 2.3.2, 2.3.3, замимаҳои 4 ва 5 такя намуда дар ширкати фармасевтии тиҷоратӣ аз чунин тарзи амал кор мегирем:

Аввалан, арзишҳои нопурраи маҳсулотҳои доруворӣро ҳамчун манбаи тақсимкунии хароҷот ҳисоб мекунем.

$$\sum_{i=1}^{n} = AM_1 + AM_2 + \ldots + AMn =$$

$$= 1{,}0661 + 0{,}6016 + 10{,}4659 = 12{,}1336$$

Дар ин ҷо:

АМ – арзиши аслии маҳсулот.

Тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим ба маҳсулоти «Лидокаин 2%, 2 мл»:

$$\frac{32330 \times 1.0661}{12{,}1336} = 2841$$

Тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим ба маҳсулоти «Димедрол 1%, 1 мл»:

$$\frac{32330 \times 0.6016}{12{,}1336} = 1603$$

Тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим ба маҳсулоти «Тимогар»:

$$\frac{32330 \times 10.4659}{12{,}1336} = 27886$$

Ин хароҷоти тақсимшуда ба маҳсулотҳои зикршуда хароҷоти доимӣ ҳисоб меёбанд Дар мавриди баланд гаштани ҳаҷми истеҳсол, арзиши аслии воҳиди маҳсулот паст мешавад ва баръакс, дар мавриди кам шудани хаҷми истеҳсол арзиши аслӣ баланд мегардад, ки ин ҳолат барои ширкати фармасевтӣ натиҷаи номусоид ҳисоб меёбад.

Тавсияҳои методии пешниҳодшуда барои ташаккули иттилооти пурра оид ба арзиши аслии пурраи маҳсулотҳои доруворӣ, беҳтар гаштани сифати ҳисобот дар ширкатҳои фармасевтӣ мусоидат намуда, имконияти қабули карорҳои фаврӣ ва самаранокро баланд мегардад.

Таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки дар баъзе аз ширкатҳои тиҷоратии фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи тавозунии идоракунӣ, ҳисоботи идоракунӣ оид ба натиҷаҳои молиявии фаъолият ва ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ низ тартиб дода шуда, ба роҳбарият пешниҳод карда мешавад. Дар ҷадвалҳои 2.3.4, 2.3.5 ва 2.3.6 намунаи ҳисоботҳои зикршуда оварда шудаст.

**Ҷадвали 2.3.4. – Тавозуни мухтасари ҶДММ «Ориё Фарма» ба ҳолати 31-уми декабри соли 2022**

| № | **Дороиҳо** | **Барои 31.12.2022** |
|---|---|---|
| 1. | Воситаҳои пулӣ дар хазина | 1045365 |
| 2. | Воситаҳои пулӣ дар бонк | 2231710 |
| 3. | Сармоягузорӣ ба ҶДММ «Ориё табобат» ва «Ориё техинвест» | 35000 |
| 4. | Ҳисобҳо барои қабул | 28135897 |
| 5. | Молҳои доруворӣ, косметикӣ ва масолеҳ | 47466547 |
| 6. | Андозҳои пешпардохтшуда | 15703 |
| 7. | Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул | 4059071 |
| 8. | Воситаҳои асосӣ | 4438730 |
| 9. | **Ҳамагӣ дороиҳо** | 87428023 |
| 10. | **Уҳдадориҳо ва сармоя** | |

Идомаи ҷадвали 2.3.4

| | | |
|---|---|---|
| 11. | Ҳисобҳо барои пардохт | 12644850 |
| 12. | Дигар уҳдадориҳо ва иҷора | 209828 |
| 13. | Уҳдадорӣ дар назди муассис | 7039753 |
| 14. | Сармояи оинномавӣ | 1000000 |
| 15. | Сармояи иловагии воридшуда | 3076413 |
| 16. | Фоидаи тақсимнашуда | 63457178 |
| **17.** | **Ҳамагӣ уҳдадориҳо ва сармоя** | **87428023** |
| 18. | Фоидаи тақсимнашуда дар аввали соли 2021 | 51735690 |
| 19. | Фоидаи соф дар соли 2022 | 11721488 |
| 20. | Фоидаи тақсимнашуда аз аввали давраи фаъолият | 63457178 |

***Манбаъ:*** *аз муҳосиботи ҶДММ «Ориё Фарма» гирифта шудааст.*

Ҷадвали 2.3.4 ҳисоботи тавозунии ширкати тиҷоратии фармасевтии «ҶДММ «Ориё Фарма»-ро инъикос менамояд. Тавозуни мазкур ҳолати молиявии ширкатро дар маҷмуъ нишон дода он дар доираи талабот ва қоидаҳои бунёдкунии ҳисоботи идоракунӣ бунёд гардидааст ва талаботи ахбории роҳбариятро қонеъ мегардонад. Аммо, бо мақсади боз ҳам комилтар гаштани он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:

– дар қисми дороиҳои тавозун маълум нест, ки маблағи ҳисобҳо барои қабул ва маблағи воситаҳои асосӣ бо арзиши соф инъикос ёфтаанд, ё бо арзиши умумӣ. Яъне, агар пас аз моддаи «Ҳисобҳо барои қабул», ки маблағи 28135897 сомониро доро мебошад, моддаи «Захираҳо барои қарзҳои шубҳанок» ва пас аз моддаи «Воситаҳои асосӣ» (4438730) моддаи «Фарсудашавии ғуншудаи воситаҳои асосӣ» нишон дода шавад, иттилоот оид ба ин моддаҳои тавозун пурратар мегардад;

– молҳои доруворӣ, косметикӣ ва масолеҳ низ дар як модда ба маблағи умумии 47466547 сомонӣ пешниҳод гардидааст, ки барои гирифтани маълумоти кофӣ оид ба ин се гурӯҳи молҳо мушкилӣ эҷод менамояд. Чун маблағи ин моддаи тавозун хеле назаррас аст ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ метавонад таъсири бузург дошта бошад, аз ин рӯ, тавсия карда мешавад, ки иттилоот оид ба маблағи ҳар яке аз ин моддаҳо дар алоҳидагӣ пешниҳод карда шавад;

– ба ҳисоботи тавозунӣ тавзеҳоти матнӣ ҳатман бояд замима карда шавад, то ин ки маълумот оид ба моддаҳои шарҳталаб, арзиши дороиҳои гардон ва ғайригардон, ухдадориҳо ба роҳбарият ба таври муфассал пешниҳод карда шавад. Иҷро гардидани ин амал дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтии таҳлилшаванда ба назар намерсад.

– дар маҷмуъ, ба ширкати тиҷоратии фармасевтӣ тавсия карда мешавад, ки бо мақсади ташаккули иттилооти ботафсил ва ҷузъигардонидашуда тавозун бо шумораи зиёдтари бандҳо ва моддаҳо оид ба воситаҳои хоҷагӣ ва манбаъҳои пайдоиши онҳо пешниҳод карда шавад.

Дар ҷадвали 2.3.5 «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ»-и ҶДММ «Ориё Фарма» ба ҳолати 31-уми декабри соли 2022 пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.5. – Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявии ҶДММ «Ориё Фарма» ба ҳолати 31-уми декабри соли 2022**

| № | Номгӯи моддаҳои даромад ва хароҷот | Январ-сентябри соли 2022 | Октябр | Ноябр | Декабр | Ҳамагӣ дар соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | **Даромадҳо** | | | | | |
| 2. | Фурӯши чакана | 31818071 | 3526395 | 3224614 | 4219171 | 42788250 |
| 3. | Фурӯши яклухт | 28609339 | 2960738 | 3549875 | 5005659 | 40125611 |
| 4. | Фурӯш ба воситаи тендерҳо | 23757989 | 920137 | 1952167 | 1154776 | 27785070 |
| 5. | Даромад аз иҷораи анбор | 956313 | 112645 | 212673 | 241483 | 1523114 |
| **6.** | **Ҳамагӣ даромад** | **85141711** | **7519916** | **8939329** | **10621089** | **112222045** |
| 7. | **Хароҷот** | | | | | |
| 8. | Арзиши аслии молҳо | 69074546 | 5117061 | 6154647 | 7238951 | 87585205 |
| 9. | Музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ | 3949681 | 706970 | 592094 | 704294 | 5953040 |
| 10. | Хароҷоти андоз аз амволи ғайриманқул | 52795 | - | - | - | 52795 |
| 11. | Хароҷоти иҷора | 405342 | 44917 | 53753 | 45450 | 549463 |
| 12. | Хароҷоти барқ | 196974 | 19113 | 17513 | 25602 | 259202 |
| 13. | Хароҷоти фоизӣ | 7683 | - | - | - | 7683 |
| 14. | Хароҷоти интернет | 54655 | 5216 | 6020 | 15581 | 81472 |
| 15. | Хароҷоти хизматрасониҳои бонкӣ | 36559 | 17992 | 5802 | 13083 | 73435 |

Идомаи ҷадвали 2.3.5

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 16. | Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 427789 | - | - | - | 427789 |
| 17. | Хароҷоти алоқа | 2550 | 300 | 280 | 280 | 3410 |
| 18. | Хароҷоти реклама | 22168 | - | - | 2786 | 24954 |
| 19. | Хароҷоти молҳои идоравӣ | 75997 | - | 20211 | 9315 | 105522 |
| 20. | Хароҷоти сӯзишворӣ | 141685 | 14783 | 8696 | 9565 | 174728 |
| 21. | Хароҷоти маркетинг | 290017 | 110480 | 109182 | 81330 | 591009 |
| 22. | Хароҷоти таъмир | 38280 | 6000 | 7209 | 4920 | 56409 |
| 23. | Хароҷоти намояндагӣ | 125570 | - | - | 60643 | 186213 |
| 24. | Зарар аз фарқияти курби асъор | - | - | - | - | - |
| 25. | Аз эътибор соқит кардани маводи дорувории корношоям | 726169 | 314801 | 65468 | 212304 | 1318742 |
| 26. | Хароҷоти сафари хизматӣ | 1500 | 6755 | 5876 | - | 14131 |
| 27. | Дигар хароҷот | 287283 | 17207 | 67581 | 90272 | 462344 |
| 28. | Хароҷоти суғурта | - | - | - | - | - |
| 29. | **Ҳамагӣ хароҷот** | **75917243** | **6381595** | **7114332** | **8514378** | **97927547** |
| 30. | **Фоидаи андозбандишаванда** | **9224469** | **1138321** | **1824997** | **2106711** | **14294498** |
| 31. | **Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ** (18%) | **1660404** | **204898** | **328500** | **379208** | **2573010** |
| 32. | **Фоидаи соф** | | | | | **11721488** |

***Манбаъ:*** *аз муҳосиботи ҶДММ «Ориё Фарма» гирифта шудааст.*

Бартарии ҳисобот дар он аст, ки он бо тартиби муайян тайёр шудааст, яъне аввал моддаҳои даромад ва сипас моддаҳои хароҷот дар он ҷойгир карда шудаанд. Дар амалияи байналмилалӣ чунин тарзи ҳисоботро «ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи хусусиятҳои харҷ», ки аз равиши «муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи таъинот», фарқ мекунад, меноманд. Муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ хеле содда сурат мегирад: аввал маблағи даромадҳои амалиётӣ ва ғайриамалиётӣ ва баъдан маблағи моддаҳои хароҷот нишон дода мешавад, дар охир аз маблағи даромадҳо маблағи хароҷот тарҳ карда шуда, натиҷаи молиявӣ (фоида ё зарар) муайян мегардад.

Бартарии дигар дар он аст, ки даромадҳои ширкат тасниф карда шуда, самтҳои даромад дар алоҳидагӣ (фурӯши чакана, фурӯши яклухт, фурӯш ба воситаи тендерҳо ва ғ.) нишон дода шудааст.

Санаҳои тартибдиҳии ҳисобот нишон медиҳад, ки он моҳ ба моҳ тайёр карда шуда, ба роҳбарият пешниҳод карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки банақшагирӣ ва назорати рафти иҷроиши он яке аз рукнҳои асосии идоракунӣ ҳисоб меёбад. Тавассути он раванди фаъолият назорат карда шуда, шахсони масъул барои иҷро гардидани бандҳои он масъулиятро бар дӯш мегиранд. Дар радифи ҳисоботи идоракунӣ таҳлили нишондиҳандаҳои ҳисобот оид ба фоида ва зарар ва пешниҳоди натиҷаҳои он ба роҳбарият раванди қабули қарорҳои идоракуниро осон мегардонад. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар ширкатҳои фармасевтии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили нишондиҳандаҳои асосии натиҷаҳои молиявӣ иҷро карда мешавад, ки намунаи онро дар ҷадвали 2.3.6 дида метавонем.

**Ҷадвали 2.3.6. – Таҳлили иҷроиши нақшаи даромад ва хароҷот дар ҶДММ «Ориё Фарма» барои соли 2022, сомонӣ**

| № | Моддаҳои даромад | Барои соли 2022 | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Нақша | Иҷроиш | Фарқият | |
| | | | | маблағ | Бо % |
| 1. | Фурӯши чакана | 42020000 | 42788250 | +768250 | +1,8% |
| 2. | Фурӯши яклӯхт | 38860000 | 40125611 | +1265611 | +3,2% |
| 3. | Фурӯш ба воситаи тендерҳо | 28186750 | 27785070 | -401680 | -1,4% |
| 4. | Даромад аз иҷораи анбор | 936000 | 1523114 | +587114 | +63% |
| **5.** | **Ҳамагӣ даромад** | **110002750** | **112222045** | **+2219295** | **+2%** |
| 6. | **Моддаҳои хароҷот** | | | | |
| 7. | Арзиши аслии молҳо | 83204030 | 87585205 | +4381175 | +5,3% |
| 8. | Музди меҳнат ва андози иҷтимоӣ | 7142658 | 5953040 | +1189618 | +16,6% |
| 9. | Хароҷоти андоз аз амволи ғайриманқул | – | 52795 | 52795 | |
| 10. | Хароҷоти иҷора | 646610 | 549463 | -97147 | -15% |
| 11. | Хароҷоти барқ | 316417 | 259202 | -57215 | -18,1% |
| 12. | Хароҷоти фоизӣ | 8417 | 7683 | -734 | -8,7% |
| 13. | Хароҷоти интернет | 144226 | 81472 | -62754 | -43,5% |
| 14. | Хароҷоти хизматрасониҳои бонкӣ | 38894 | 73435 | +34541 | +88,8 |

Идомаи ҷадвали 2.3.6

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 15. | Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ | 845073 | 427789 | -417284 | -49,3% |
| 16. | Хароҷоти алоқа | 7416 | 3410 | -4006 | -54% |
| 17. | Хароҷоти реклама | 129100 | 24954 | -104146 | -80,7% |
| 18. | Хароҷоти молҳои идоравӣ | 81600 | 105522 | +23922 | +29,3% |
| 19. | Хароҷоти сӯзишворӣ | 152542 | 174728 | +22186 | +14,5% |
| 20. | Хароҷоти маркетинг | 1060703 | 591009 | -469694 | -44,3% |
| 21. | Хароҷоти таъмир | 116000 | 56409 | -59591 | -51,4% |
| 22. | Хароҷоти намояндагӣ | 72500 | 186213 | +113713 | +157% |
| 23. | Зарар аз фарқияти курби асъор | - | - | | |
| 24. | Аз эътибор соқит кардани маводи дорувории корношоям | 800000 | 1318742 | +518742 | +64,8% |
| 25. | Хароҷоти сафари хизматӣ | 90000 | 14131 | -75869 | -84,3% |
| 26. | Дигар хароҷот | 406200 | 462344 | +49764 | +12,2% |
| 27. | Хароҷоти суғурта | - | - | | |
| 28. | **Ҳамагӣ хароҷот** | **95262386** | **97927547** | **+2665161** | **+2,8%** |
| 29. | Фоидаи амалиётӣ | **14740364** | **14294498** | **-445866** | **-3%** |
| 30. | **Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ (18%)** | **2653266** | **2573010** | **-80256** | **-3%** |
| 31. | **Фоидаи соф** | **12087098** | **11721488** | **-365610** | **-3%** |

***Манбаъ:*** *аз муҳосиботи ҶДММ «Ориё Фарма» гирифта шудааст.*

Маълумотҳои ҷадвали 2.3.6 нишон медиҳанд, ки нишондиҳандаҳои хақиқии даромад ва хароҷоти ширкат бо нишондиҳандаҳои нақшавӣ муқоиса карда шуда, фарқияти ҳосилшуда ҳам бо маблағи мутлақ ва ҳам бо фоиз дар сутунҳои алоҳида қайд карда шудааст. Мушоҳида менамоем, ки фарқиятҳои ҳосилшуда ҳам бузургиҳои назаррас ва ҳам бузургиҳои ночизро доро мебошанд.

Чун, баъзе аз фарқиятҳои ҳосилшуда дорои бузургиҳои назаррасанд, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ширкат назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо суст ба роҳ монда шудааст, ё ин ки зимни тартибдиҳии нақшаҳо ба камбудиҳо роҳ дода шудааст. Масалан чунин фарқиятҳои назаррас дар маблағи хароҷоти намояндагӣ (+157%), хароҷоти маркетинг (-44,3%), аз эътибор соқит кардани маводи дорувории корношоям (+64,8%), хароҷоти реклама (-80,7%), хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ (-49,3%) мушоҳида мегардад. Аз ин хотир

роҳбарият ва муҳосибони ширкатҳои фармасевтиро зарур аст, ки назорат аз рӯйи раванди гирифтани даромадҳо, истифодабарии захираҳоро пурзӯр намуда, тартибдиҳии нақшаҳо дар асоси омӯзиши вазъи воқеии ширкат, таҷрибаи гузашта ва оянда, омӯзиши таъсири ҳар гуна омилҳо амалӣ карда шавад.

Таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки шаклҳои асосии ҳисоботи идоракунӣ – тавозуни идоракунӣ, ҳисобот оид ба даромадҳо ва хароҷот, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ дар дилхоҳ ширкати тиҷоратии фармасевтӣ тартиб дода мешавад. Ғайр аз ин, вобаста ба зарурат тавсия карда мешавад, ки дигар намудҳои ҳисоботи махсусгардонидашуда (ҳисоботи идоракунӣ оид ба хазина, ҳисобот оид ба ҷараёнҳои молҳо, ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ ва ғ.) тартиб дода шавад. Пешбурди ҳисоботи иловагӣ, ки аз шаклҳои бухгалтерии ҳисобот фарқ мекунанд, хароҷоти муайяни меҳнатро талаб карда, барои ширкатҳои ҳаҷман на он қадар калон то андозае душвор аст. Аз ин лиҳоз, хусусиятҳои хоси субъектҳои иқтисодии фармасевтиро ба назар гирифта, вобаста аз ҳайати на он қадар зиёди коргарон ташкили низоми сершохаи ҳисоботи идоракунӣ мақсаднок нест. Чунин мешуморем, ки шаклҳои асосии ҳисоботи идоракунӣ барои ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоботи дорои хусусияти таҳлилӣ, маҷмуӣ ва ҷамъбастӣ ҳисоб меёбанд. Бо ин мақсад, масалан, барои баландбардории сатҳи таҳлилии ҳисоботи идоракунӣ оид ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ҳисобот дар чунин намуд пешниҳод карда шавад (ҷадвали 2.3.7).

**Ҷадвали 2.3.7. – Ҳисоботи идоракунии ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти ширкати тиҷоратии фармасевтӣ барои давраи 31.12. 20__, сомонӣ**

| Намуди (зернамуди) фаъолият | Даромадҳо | Хароҷот | Натиҷаи молиявӣ | Вазни қиёсӣ |
|---|---|---|---|---|
| Фаъолият дар маҷмуъ | ххх | ххх | ххх | ххх |
| Шакли асосии фаъолият | ххх | ххх | ххх | ххх |
| Бахши 1-ум | ххх | ххх | ххх | ххх |

**Идомаи ҷадвали 2.3.7**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бахши 2-юм | xxx | xxx | xxx | xxx |
| … | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Намудҳои дигари фаъолият | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Зернамуди 1 | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Зернамуди n | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Дигар даромад ва хароҷот | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Зернамуди 1 | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Зернамуди n | xxx | xxx | xxx | xxx |
| **Ҳамагӣ** | xxx | xxx | xxx | xxx |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.*

Инчунин шакли ҳисобот дар бораи ҳаракати муттасили молии ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ чунин пешниҳод карда шавад (ҷадвали 2.3.8).

**Ҷадвали 2.3.8. – Ҳисобот оид ба гардиши молҳо дар дорухонаҳо, дорухонаи №__ барои моҳи_____соли___23, сомонӣ**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Гурӯҳи молҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **1** | **2** | **3** | **4** | **n** | **Ҷамъ** |
| Бақия дар аввал | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Ворид шуд | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Фурӯхта шуд | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Ҷойивазкунии дохилӣ | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Баргардонидан ба анбор | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Баргардонидан ба таъминкунанда | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |
| Бақия дар охир | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx | xxx |

***Манбаъ:*** *Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия намудааст.*

Ҳисоботи мазкур имкон медиҳад, ки ҳаракати молҳо ба ҳама самтҳо назорат карда шавад, таҳлили ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба гардиши мол бошад барои ҳамон давра вазъи умумии фаъолияти тиҷоратиро нишон медиҳад ва имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ амалҳои дорухонаҳо ва анбор бо мақсади баланд бардоштани самаранокии гардиши молӣ

таъмин, бақияи молҳои нофурӯхта кам ва номгӯи онҳо танзим карда шавад.

**Хулоса аз рӯйи боби 2-юм**

1.Таҳлили рушди бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, хусусиятҳои зерини соҳаро ошкор кунем: мавҷуд будани муҳити ҳуқуқӣ, афзоиши рақобат, танзими давлатии ин соҳа аз ҷумлаи шарт ва омилҳои асосии рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи фармасевтии ҷумҳурӣ ҳисоб меёбанд; вобастагии назарраси бозори дохилӣ аз воридоти доруворӣ ва дар сатҳи хеле ночиз қарор доштани истеҳсоли моводи доруворӣи ватанӣ; ҷой доштани монополияи гурӯҳи молҳои доруворӣи истеҳсоли хориҷӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои воридкунанда (миёнарав) ба ҷумҳурӣ ворид карда шуда, дар муайянкунии нархи ин гуна маҳсулот яккаҳукмрон боқӣ мемонанд ва ғ.;
Аз ин хотир, барои ташкили баҳисобгирии идоракунии ботартиб ва босамар, ки заминаи асосии бунёди иттилооти ҳақиқӣ, боэътимод, манфиатовар ва дар қабули қарорҳои идоракунӣ нақшофаранда мебошанд, ба инобат гирифтани омилҳои зикршуда ва донишу тахассуснокии баланди муҳосибӣ талаб карда мешавад.

2. Ташкили баҳисобгирии идоракунӣ аз рӯйи фаъолияти тиҷоратӣ-савдоии ширкати тиҷоратии фармасевтӣ яке аз самтҳои муҳимми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор рафта, барои ташкили маълумоти муфассал ва боарзиш ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ заминаи устувор мегузорад. Хусусиятҳои хоси объекти омӯзишро ба назар гирифта, истифодаи нақшаи умумии ҳисобҳои захираҳо, даромад, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ширкати фармасевтии тиҷоратиро, ки аз рӯйи дараҷаҳои гуногун ҷузъӣ гардонида шудаанд, пешниҳод намудем (Замимаи 3). Ҳамчунин амсилаи умумии баҳисобгирии даромад, хароҷот ва ташккулёбии натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ дар ширкати фармасевтии ватанӣ коркард карда шуд (расми 2.2.3), ки аз рӯйи он раванди ташаккули маълумоти ҳисобдорӣ осон мегардад.

3. Ба ҳисоботи идоракунӣ таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир намуд, зеро дар вай барои истифодабарандагони дохилӣ иттилооти мушаххас ва муфассал оид ба вазъ ва натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҷамъ оварда мешавад, ки аз дигар шаклҳои ҳисобот онҳоро пайдо кардан ғайримкон аст. Ҳисоботи идоракуниро ҳамчун системаи иттилооти мушаххас ва муфассал оид ба фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, моддаҳои даромаду хароҷот, қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, муносибатҳои молу мулкӣ, сармоя, захираҳо ва дигар омилҳое, ки ба натиҷаҳои бадастомада таъсир мерасонанд, ба назар бояд гирифт. Дар доираи ин таҳқиқот мо намунаи бунёди ҳисоботи идоракунии ҷамъбастиро пешниҳод намудем, ки он аслан аз се зинаи асосӣ иборат буда, вобаста аз он ки маркази масъулият, ё сегменти фаъолият дар кадом сатҳи идоракунӣ қарор дорад, тайёр карда мешавад. Бо мурури тайёршавии ҳисобот маълумотҳо ҷамъбаст карда шуда, ба сатҳи олии идоракунӣ пешниҳод карда шуда, имконияти назорати зербахшҳои фаъолият ва қабули қарорҳо муҳайё мегардад.

# БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ АЗ РӮЙИ БИЗНЕС-РАВАНДҲОИ ШИРКАТИ ФАРМАСЕВТӢ

## 3.1. Тасниф ва ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ

Яке аз самтҳои муҳимми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити бозори рушдкунанда ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии хароҷот ва дар доираи он муайян кардани арзиши аслии молҳо, маҳсулот ва кору хизматҳои иҷрошаванда мебошад. Дар баробари ин, ташаккули иттилооти муҳим оид ба самтҳои зикршуда бо мақсади муайянкунии натиҷаҳои фаъолияти бизнес-равандҳо, ки ба менеҷерони босалоҳият пешниҳод карда мешавад, аз ҷумлаи функсияи асосии баҳисобгирии идоракунӣ ҳисоб меёбад.

Пеш аз он ки баҳисобгирии хароҷот дар корхона ба таври муносиб ба роҳ монда шуда, натиҷаи он барои баҳисобгирии захираҳои истифодашуда ва ҳисобкунии арзиши аслӣ самараи дилхоҳро ба бор орад, аввалан ба гурӯҳҳо ҷудо кардани хароҷот кори ниҳоят муҳим мебошад. «Ҳадафи асосии ба гурӯҳҳо ҷудокунии хароҷот ба таври дуруст баҳисобгирии онҳо, ҳисобкунии дақиқи арзиши аслии ҳар як намуди маҳсулот (корҳо, хизматҳо), фароҳам овардани имкониятҳо барои қабули қарорҳо ва дар маҷмуъ қонеъгардонии талаботи истифодабарандагони ахбор, хусусан истифодабарандагони дохилӣ мебошад»[65].

Дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ хароҷот аз ҷониби муаллифони гуногун вобаста ба нақш ва таъиноти иқтисодиашон, аз рӯйи аломатҳои зиёд гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Равиши пешниҳоднамудаи таснифи хароҷот аз ҷониби М.А.Вахрушина[66], Ч.Т.

[65] Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация. на материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев //Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. – Бишкек, 2019.

[66] Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / М.А. Бахрушина. -7-е изд. – М.: Омега-Л, 2008. – 570 с.

Хоргрен, Дж. Фостер[67], Қ.Х.Хушвахтзода[68] ва дигар муаллифон[69], ба андешаи мо, нисбатан муносиб ва мубрам аст, ки дар натиҷаи истифодабарии он самти муносиби баҳисобгирии идоракунии хароҷот интихоб гардида, арзиши аслӣ дурусту воқеӣ ҳисоб карда мешавад. Муаллифон ҳам шаклҳои маъмулӣ ва ҳам муосири гурӯҳи хароҷотро ҷудо кардаанд, ки бо ёрии онҳо зимни қабули қарорҳои идоракунӣ имконияти аз равишҳои гуногун кор гирифтан муҳайё мегардад.

Аломатҳои муайяншудаи таснифи хароҷотро, ки аз ҷониби олимони болозикр пешниҳод шудааст, ҳамчун асос интихоб намуда, ба хулосае меоем, ки барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ низ истифодабарии онҳо ҳангоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти доруворӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ мувофиқ мебошад. Намунаи онро бо назардошти хусусиятҳои корхонаҳои соҳаи фармасевтӣ дар ҷадвали 3.1.1 пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 3.1.1. – Аломатҳои таснифи хароҷот**

| Аломати тасниф | Намуди хароҷот |
|---|---|
| Моҳияти иқтисодӣ | аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ;<br>аз рӯйи моддаҳои хароҷот; |
| Муносибат ба раванди истеҳсолӣ | асосӣ; барилова; |
| Аз рӯйи маконҳои ташаккулёбӣ | истеҳсолоти асосӣ;<br>истеҳсолоти умумӣ;<br>истеҳсолоти ёрирасон;<br>хоҷагиҳои хизматрасон; |
| Аз рӯйи усули соқиткунӣ ба арзиши аслӣ | мустақим; ғайримустақим; |
| Вобаста аз ҳаҷми истеҳсолот | тағйирёбанда; доимӣ; шартан доимӣ; |
| Аз рӯйи таркиб | якунсура; маҷмуӣ; |
| Аз рӯйи самаранокӣ | самаранок; бесамар; |
| Аз рӯйи таъинот | истеҳсолӣ; идоракунӣ; тиҷоратӣ |
| Аз рӯйи муносибат ба давраҳои ҳисоботӣ | ҷорӣ; давраҳои оянда; |
| Вобаста ба самти истифодабарӣ | ҷорӣ; сармояшаванда; |

[67] Хорнгрен Ч.Т. Бухгалтерский учет; управленческий аспект / Ч.Т. Хорнгрен, Дж. Фостер; пер. с англ. под ред. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 1995. – 416 с.

[68] Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация. на материалах Республики Таджикистан / К.Х. Барфиев //Кыргызский национальный университет им. Ж. Баласагына, Кыргызско-Российский (славянский) университет им. Б.Н. Ельцина. – Бишкек, 2019.

[69] Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. – Душанбе: Балоғат, 2019. – С.40-45 с.

| | |
|---|---|
| Вобаста ба қабули карорҳои идоракунӣ | бартарафшаванда;<br>бартарафнашаванда;<br>баинобатгирифташаванда;<br>баинобатгирифтанашаванда; |
| Вобаста ба нақша (буҷет) | банақшагирифташуда; ғайринақшавӣ; |

***Манбаъ:*** *коркарди муаллиф дар асоси адабиёти омӯхташуда*

Баҳисобгирии дурусти харочот ва арзиши аслӣ дар шароити рушди инноватсионии ширкатҳои фармасевтӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Моҳияти он дар низоми идоракунии корхонаҳо баръало намоён мегардад.

Равиш ва тартиби баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ дар «Қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии молҳо (корҳо, хизматҳо)", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023 бо №505 тасдиқ гардидааст, муайян карда шудааст ва ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ низ зимни баҳисобгирии хароҷот аз он васеъ истифода бурда метавонанд.

Тибқи муқаррароти ҳуҷҷати мазкур хароҷоти ташкилот аз рӯйи мазмуни иқтисодӣ ва вобаста ба шаклҳои муқаррарии фаъолият ба унсурҳои зерин ҷудо карда мешаванд: хароҷоти моддӣ; хароҷоти меҳнатӣ; хароҷот барои зарурияти иҷтимоӣ; фарсудашавии воситаҳои асосӣ; дигар хароҷот.

Дар «Қоидаҳои намунавии калкулятсияи арзиши аслии молҳо (корҳо, хизматҳо)», аслан хароҷот вобаста ба намудҳои асосиашон ҷудо карда шудааст, ба мисли: хароҷоти ашёҳои моддӣ; хароҷот барои пардохти меҳнат; хароҷот оид ба пардохтҳои иҷтимоӣ; иҷорапулиҳо ва нигоҳубини воситаҳои асосӣ, аз он ҷумла, таъмири ҷорӣ, фарсудашавӣ; хароҷот барои либосҳои махсус; хароҷот барои нигоҳдорӣ, таҳия, ба навъҳо ҷудокунӣ ва борпечкунии молҳо; хароҷот барои тарғибот; хароҷот аз рӯйи пардохти фоизҳо; талафоти молҳо ва партовҳои технологӣ; дигар хароҷот.

Бояд қайд кард, ки дар адабиётҳои баҳисобгирии муҳосибии ватанӣ ва таҳқиқотҳои олимони Федератсияи Россия вобаста ба ду шохаи асосии баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии молиявӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ), инчунин ду самти асосӣ доштани таъиноти иттилооти баҳисобгирӣ (дохилӣ ва берунӣ) хароҷоти корхона дар навбати аввал аз рӯйи ду аломати муҳим тасниф карда мешавад: (1) аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ; (2) аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ. "Таснифи хароҷот аз рӯйи унсурҳои иқтисодӣ барои ҳамаи ташкилотҳо ягона аст, номгӯи моддаҳои арзишмуайянкунӣ бошад, дорои хусусияти соҳавӣ мебошад"[70]. Яъне таснифи хароҷот аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ бо мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ иҷро карда мешавад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми баҳисобгирии хароҷот ва амали мубрам дар низоми баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ, зимни ҳисобкунии арзиши аслӣ таснифкунии хароҷот аз рӯйи моддаҳои алоҳидаи хароҷот, ё ин ки бо ибораи дигар, аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ мебошад. Ин амал имкон медиҳад, ки оид ба ҳар як намуди маҳсулот ва кору хизматҳо дар асоси меъёрҳои муқарраршуда ва маблағи ҳисобшудаи ҳар як моддаи хароҷот варақаи арзишмуайянкунӣ тартиб дода шавад. Бо ин роҳ метавонад ҳам арзиши аслии нақшавӣ ва ҳам арзиши аслии ҳақиқии маҳсулот (кору хизматҳо)-и истеҳсолшуда ҳисоб карда шуда, тамоюлҳо ошкор ва истифодабарии захираҳо назорат карда шавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таснифкунии хароҷот дар навбати худ барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи усулҳо ва низомҳои калкулятсионӣ ҳамчун марҳилаи аввалин ҳисоб меёбад ва бидуни иҷроиши таснифоти хароҷот дар амал татбиқ намудани системаи калькулятсионии мувофиқ аз имкон берун аст. Дар таҷрибаи хориҷӣ ба истифодабарии усулҳо ва низомҳои калкулятсионӣ диққати махсус дода мешавад, аммо дар амалияи ширкатҳои ватанӣ, бо вуҷуди он ки аз

[70] Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / М.А. Бахрушина. -7-е изд. – М.: Омега-Л, 2008. – 570 с.

ҷониби олимони ватании соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит (Д.У. Уроқов, С.Ф. Низомов, Қ.Х. Хушвахтзода, М.В. Калемуллоев, М.У. Бобоев ва диг.) таҳқиқотҳои васеи судманд бурда шуда, асарҳои зиёде офарида шудааст, ба ин масъала на он қадар таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ низ аз ҷумлаи онҳост. Ин ҳолати мавҷудбуда мушкилиҳоро дар самти интихоби усули баҳисобгирии хароҷот вобаста ба соҳаи фаъолияткунии корхона ва ташкили истеҳсолот, ҳисоби дақиқи арзиши аслӣ ва муайянкунии натиҷаҳои фаъолияти корхона аз рӯйи самтҳо, намуди маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо, бахшҳо ва зербахшҳо эҷод менамояд.

Аз таҳлили равишҳои баррасишудаи таснифи хароҷот хулоса кардан мумкин аст, ки гурӯҳбандии хароҷотро метавон дар се самт вобаста аз вазифаҳои асосии идоракунӣ истифода бурд: «(1) ҳисобкунии арзиши аслӣ; (2) қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирӣ; (3) назорат ва танзимкунӣ»[71]. Новобаста ба он ки кадом самти баҳисобгирӣ интихоб карда шудааст, таснифи хароҷот ва номгӯи моддаҳои арзишмуайянкунӣ бояд ба қоида ва талаботи махсус мувофиқат намуда, таҳлилшавандагии маълумот оид ба хароҷотро таъмин намояд.

Самтҳои нисбатан муҳимми баҳисобгирии хароҷот ва намуна (амсила)-ҳои маъмул ва муосири татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ ва заминаҳои онҳоро дида мебароем.

Дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ имкониятҳои истифодабарии усулҳои гуногуни баҳисобгирии хароҷот ва муайянкунии арзиши аслии маҳсулот, ки то ин замон кор карда баромада шудааст, мавҷуд аст. Мо намунаи чанде аз онҳоро дар ин бахши диссертастия баррасӣ менамоем.

*Усули фармоишӣ* калкулятсияи арзиши аслӣ ҳангоми тайёр намудани маҳсулоти ягона ё фармоиши мизоҷон истифода бурда мешавад. Объекти баҳисобгирии хароҷот ҳар як фармоиш ҳисоб ёфта хароҷоти мустақим пурра ба арзиши фармоишҳо соқит карда шуда,

[71] Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. – Душанбе: Балоғат, 2019. – С.44.

хароҷоти ғайримустақим аввал дар объектҳои ибтидоӣ гирд оварда шуда, сипас байни фармоишҳо тақсим карда мешавад. Дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ин усулро зимни қабули фармоишҳо ба маҳсулотҳои инфиродӣ ва таҷҳизоти тиббӣ истифода бурдан мумкин аст.

*Усули марҳилавии* баҳисобгирии хароҷот дар ширкатҳое истифода бурда мешавад, ки дар онҳо равандҳои бефосилаи истеҳсолӣ ба роҳ монда шуда, маҳсулоти якхела ба таври силсилавӣ истеҳсол мегардад. Ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотҳои тайёр ва нимтайёр тавассути тақсимкунии маблағи умумии хароҷоти истеҳсолӣ ба миқдори воҳиди ашёҳои зикршудаи дар марҳилаи муайян истеҳсолшуда ҳисоб карда мешавад. Истифодабарии ин усул дар ширкатҳои истеҳсолии фармасевтӣ дар ҳолате имкон дорад, ки агар намуди маҳсулоти муайян марҳила ба марҳила истеҳсол шавад ва пас аз марҳилаи муайян имконияти фурӯши он ҳамчун маҳсулоти нимтайёр пайдо шавад. Интихоби усули муайяни арзишмуайянкунӣ, ҳангоми ташкили марҳилавии истеҳсолот бештар аз хусусиятҳои ташкилӣ-технологӣ вобастагӣ дорад. Ҷ.Т. Хорнгрен ва Ҷ. Фостер менависанд, ки: «Раванди истеҳсолӣ ин калиди коркарди низоми баҳисобгирии хароҷот мебошад»[72].

*Усули ABC ё «Баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи амалиётҳо (фаъолият)»* барои баҳисобгирии ватанӣ самти нисбатан нав мебошад. Ин усули ҳисобкунии арзиши аслӣ ҳар як равандҳои хоҷагидори (амалиёт ё фаъолияти муайян)-ро ҳамчун объектҳои асосии баҳисобгирии хароҷот ба эътибор гирифта, муайянкунии самаранокии бизнес-равандҳоро ҳадафи аслии хеш мешуморад. Усули мазкур баҳисобгирии хароҷоти асосиро бевосита ба ҳар як раванди мувофиқ ва тақсимкунии хароҷоти ғайримустақимро байни равандҳо дар назар дорад. Истифодаи ин усул танҳо дар ширкатҳои истеҳсолӣ ва хизматрасон имконият дорад.

Аз рӯйи пуррагии воридкунии хароҷот ба арзиши аслӣ усулҳои калкулятсия *бо арзиши пурра («Абзорпшен-костинг») ва нопурра*

[72] Хорнгрен Ч.Т. Бухгалтерский учет; управленческий аспект / Ч.Т. Хорнгрен, Дж. Фостер; пер. с англ. под ред. Я.В. Соколова. – М.: Финансы и статистика, 1995. – 416 с.

*(«Директ-костинг»)-ро* ҷудо мекунанд. Айни замон, маҳз усулҳои мазкур барои идоракунии хароҷот комилтар ҳисоб меёбанд. «Абзорпшен-костинг» ҳисобкунии арзиши аслиро аз рӯйи тамоми хароҷоти истеҳсолӣ (ҳам доимӣ ва ҳам тағирёбанда) дар назар дорад, усули «Директ-костинг» танҳо баҳисобгирии арзиши аслиро аз рӯйи хароҷоти тағйирёбанда ба роҳ мемонад. Истифодаи ин усул ҳангоми идоракунии хароҷот фаврияти таъминоти иттилоотро вусъат бахшида, зимни қабули қарорҳои идоракунӣ ба менеҷерони ширкати тиҷоратии фармасевтӣ кумак мерасонад.

*Усули «Стандарт-кост»* дар амалияи байналмилалӣ ва *усули меъёрӣ* дар низоми баҳисобгирии ватанӣ – баҳисобгирии хароҷотро аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда пешбинӣ менамоянд. Низоми баҳисобгирии меъёрӣ, ки дар назарияи баҳисобгирии ватанӣ истифода мешавад, аз бисёр ҷиҳат бо низоми ғарбии «Стандарт-кост» шабоҳат дорад. Натиҷаи ҳисобкунии хароҷот ва арзишмуайянкунӣ ин ошкоркунии майлкунии хароҷоти ҳақиқӣ аз хароҷоти меъёрӣ ва сабабҳои он мебошад.

Моҳияти ин системаҳо муфассал аз ҷониби М.А. Бахрушина, шабоҳат ва фарқияти онҳо бошад, аз ҷониби О.Д. Каверина[73] нишон дода шудааст. Аз сабаби набудани фаврият дар интиқоли иттилоот (баъд аз анҷоми давраи ҳисоботӣ) низоми мазкур, мисли усули баҳисобгирии меъёрӣ, он қадар таҳлилӣ ҳисоб намеёбад[74].

*Усули баҳисобгирии хароҷот «Дар муҳлати додашуда» (Just in Time ё JIT)* дар таҷрибаи маъмулии ватанӣ усули нав ҳисоб меёбад. Он се унсури ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: идоракунӣ, ташкили бизнес-равандҳо ва арзишҳисобкунӣ.

Аз таҳлили усулҳои зикршудаи баҳисобгирии хароҷот ва низомҳои калкулятсионӣ хулоса кардан мумкин аст, ки истифодабарии онҳо дар шароити пешрафти технологияҳои рақамӣ, тақсимкунии муносиби

[73] Каверина О.Д. Управленческий учет; системы, методы, процедуры / О.Д. Каверина. – М.: Финансы и статистика, 2008. -352 с.

[74] Низомов С.Ф. Формирование элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х. // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2020. – №3(30). – С.206.

хароҷот байни объектҳои баҳисобгирӣ, ҳисоби саҳеҳи арзиши аслӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мубрам мебошад.

Ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо барои бунёди иттилооти муфассал ва таҳлилӣ, ки заминаи асосии қабули қарорҳо, назорат ва идоракунии фаъолияти бизнес-раванд ҳисоб меёбанд, шартӣ зарурӣ мебошад.

Бизнес-раванд ин маҷмуи амалҳои пай дар пайи ба ҳам вобаста мебошад, ки ба ноилгардии натиҷаи мушаххас равона гардидаанд. Бо ибораи дигар бизнес-раванд доираи махсуси фаъолият мебошад, ки дорои функсияи муайян буда, аз рӯйи технологияи махсус фаъолият намуда бо истифода аз захираҳои дар ихтиёраш буда барои гирифтани даромади ширкат мусоидат менамояд. Баҳисобгирии идоракунӣ бояд тавре ташкил карда шавад, ки дар ҳар як марҳилаи тиҷоратию амалиётӣ хароҷот ба таври шаффоф барои идоракунандагон аён гардад.

Идоракунии самараноки хароҷот як раванди муттасилест, ки омӯзиш, таҳлил, таваҷҷуҳ ва муносибгардонии пайвастаро талаб мекунад. Муттаҳидкунии баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва равандҳои бизнес шарти ҳатмӣ барои ноил шудан ба ин ҳадаф мебошад. Он имкон медиҳад, ки дар бораи хароҷоти амалиётҳо ва равандҳои бизнес тасаввуроти кофӣ пайдо гардад, самтҳои оптималии бизнес муайян ва қарорҳои оқилона қабул карда шавад, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ ва даромаднокии фаъолияти тиҷоратии корхона нигаронида шудаанд. Татбиқи усулҳои муосири баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ дар асоси бизнес-равандҳои тиҷоратӣ «сармоягузорие» ҳисоб меёбад, ки ба ташкили фаъолияти бобарор ва афзоиши рақобатпазирии ширкат дар бозор мусоидат намуда,  барои ҳосилгардии натиҷаҳои молиявии муносиб заминаи воқеӣ мегузорад.

Олими рус Ржавина Ю.Б. зарур мешуморад, ки зимни ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо иҷро кардани амалҳои зерин кори ҳатмӣ мебошад[75]:

– таснифоти моддаҳои хароҷот тибқи нишондодҳои соҳавӣ;

– ташкили баҳисобгирии алоҳидаи хароҷот дар доираи ҳар як бизнес-раванд;

– тақсимкунии хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагии корхона байни бизнес-равандҳо;

– батартибдарории маълумотҳо;

– автоматикунонии амалиётҳои баҳисобгирӣ дар асоси манбаи умумии иттилоотӣ.

Ба пешниҳодҳои ин олими рус мо иҷро кардани амалҳои иловагии зеринро барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ тавсия менамоем:

– баҳисобгирии хароҷоти мустақими ҳар як раванд;

– муайнкунии ҳаҷм ва маблағи хизматрасониҳои байниҳамдигарӣ байни бизнес-равандҳо;

– ошкоркунӣ ва баҳогузории фаъолияти ҳар як бизнес-раванд.

Ташкили фаъолияти корхона аз рӯйи бизнес-равандҳо амсилаи муайянеро талаб менамояд, ки пайдарпайии амалҳои иҷрошаванда, тартиби истифодабарии захираҳо ва қабули қарорҳоро аз ҷониби менеҷерон таъмин намояд. Заминаҳои назариявию амалии фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии фармасевтиро омӯхта амсилаеро пешниҳод намудем, ки алоқамандии унсурҳои бизнес-раванд, амалиётҳои иҷрошаванда, захираҳои истифодашаванда, назорат ва қабули қарорҳоро аз ҷониби менеҷери раванд инъикос менамояд (Расми 3.1.1).

Унсурҳое, ки бо иштироки онҳо фаъолияти бизнес-раванд амалӣ мегардад, аз инҳо иборат аст:

[75] Ржавина Ю.Б. Методика и организация управленческого учета и внутреннего контроля в торговых фармацевтических компаниях./ Ю.Б Ржавина// дис. ... канд. экон. наук. по сепц. 08.00.12 – бухгалтерский учет, статистика, Йошкар-Ола, 2012. – С.64.

*раванди истеҳсоли маҳсулот, иҷроиши корҳо ва хизматрасониҳо* – марҳила, ё нуқтаи асосие мебошад, ки дар он ҳамаи захираҳои ба кори раванд сафарбаршуда бо ҳам омада маҳсулот, корҳо ва хизматҳо офарида мешаванд;




*Расми 3.1.1. – Намуна (амсила)-и умумии ташкили кори бизнес-раванд*
***Манбаъ:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

– *менеҷер* – шахси мансабдор ё идоракунандаест, ки дар ихтиёри худ захираҳои барои иҷрои раванд муҳимро дорад ва барои натиҷаҳои раванд масъул аст.

– дар мувофиқа бо менеҷер *фармоишҳо* таҳлил карда шуда оид ба *қабули онҳо қарор* қабул карда мешавад.

– *маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)* – натиҷаи кори раванд мебошад, ки ба анбор, дигар раванд ва ё фармоишгар супорида мешавад.

– *захираҳо* – ашёҳои моддӣ ё хизматҳое, ки барои иҷрои кори раванд доимо истифода бурда мешаванд.

– *коргарон* – коргарони дар бизнес-раванд сафарбаршуда мебошанд.

– *назорат* – амале мебошад, ки тибқи он раванди истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо ва сифати онҳо то супоридан ба дигар тараф назорат карда мешавад.

– *маводҳо ва маҳсулоти нимтайёр* – ашёҳо ва ё корҳои нимтайёре мебошанд, ки аз дигар бизнес-равандҳо барои пурракунӣ қабул карда мешаванд.

Дар адабиётҳои муосир бизнес-равандҳо вобаста ба таъинот ва нақши онҳо дар ташкил ва пешбурди фаъолияти корхона тасниф карда шуда, аслан ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешаванд: (1) *Бизнес-равандҳои асосӣ; (2) Бизнес-равандҳои идоракунӣ (ташкилӣ); (3) Бизнес-равандҳои ёрирасон.*

Бизнес-равандҳои асосӣ, захираҳои муҳимро истеъмол намуда фаъолияти асосии корхонаро таъмин менамоянд, яъне дар доираи онҳо маҳсулот, корҳо хизматҳо истеҳсол карда мешаванд.

Бизнес-равандҳои идоракунӣ (ташкилӣ) ҷараёни ташкили фаъолияти асосӣ ва фаъолиятҳои ғайриасосии корхонаро таъмин менамоянд. Равандҳои идоракунӣ (ташкилӣ) имкониятҳои умумии ширкатро доир ба ташкили истеҳсоли маҳсулоти босифат ва аз ҷиҳати иқтисодӣ барои истеъмолкунанда муфид тақвият мебахшанд.

Бизнес-равандҳои ёрирасон барои таъмини фаъолияти бемаҳдуд ва босамари бизнес-равандҳои асосӣ ва идоракунӣ-ташкилӣ хизмат мерасонанд. Ба инҳо одатан хоҷагиҳои ёридиҳандаю хизматрсон, таъминоти технологияҳои иттилоотӣ, таҳқиқотҳо ва коркардҳо дохил мешаванд.

Омӯзиши фаъолияти ширкати тиҷоратии фармасевтӣ имконият дод муайян карда шавад, ки сохторҳои таркибии он дар асоси хусусиятҳои ташкили кор, ҳудуди тиҷорат, доираи фаъолият ва дигар омилҳо дар шакли равандҳои баҳамалоқаманд фаъолият мекунанд, ки онҳоро хамчун бизнес-равандҳо шуморидан мумкин аст.

Муносибати амалиётӣ ба ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ талаб мекунад, ки амсилаи иттилоотии таъмини идоракунии бизнес-раванд дар ташкилотҳои фармасетвии тиҷоратӣ коркард карда шавад (расми 3.1.2).




*Расми 3.1.2. – Амсилаи таъминоти иттилоотии идораи бизнес-раванд*
***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Дар нақша ҷараёнҳои амудӣ ва уфуқии иттилоот ҷудо карда шудааст. Ҷараёнҳои иттилоотӣ ҳамбастагии иттилоотии менеҷери равандро бо дигар унсурҳо ва омилҳое, ки дар таъмини кори бизнес-раванд иштирок менамоянд, нишон медиҳанд.

Фаъолияти ширкати тиҷоратии фармасевтиро омӯхта мо ҷудокунии чунин бизнес-равандҳоро зарур мешуморем:

– *бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ»;*

– *бизнес-раванди «Таъминот»;*

– *бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ»;*

– *бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг»;*

– *бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот»;*

– *раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ»*

Ба фикри мо, бунёд кардани амсилаи идораи бизнес-равандҳо барои равандҳои асосӣ, ёрирасон ва равандҳои идоракунӣ (ташкилӣ) дар асоси

расми зерин, ки амсилаи оммавӣ ҳисоб меёбад, ба мақсад мувофиқ аст ва мумкин аст дар ташкилотҳои тиҷоратии фармасевтӣ истифода бурда шавад (расми 3.1.3).




*Расми 3.1.3. – Сохтори ташкилӣ-идоракунии ширкатҳои фармасевтӣ*

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Моҳият, таъинот ва ташкили кори ширкати тиҷоратиро омӯхта, муаллиф ба хулоса омадааст, ки вобаста ба вазифа ва уҳдадориҳое, ки ба зиммаи бизнес-раванд вогузошта шудааст, онҳоро ҳамчун марказҳои масъулият шумурдан мумкин аст.

Фаъолияти хуби марказҳои масъулият низоми баҳисобгирии идоракунӣ, назорат, ҳисоботи дохилиро талаб мекунад. Ҳисобот оид ба фаъолияти ҳар як маркази масъулият (бизнес-раванд) бояд нишондиҳандаҳои зеринро дар бар гиранд: маблағи дороиҳо; даромад аз фурӯши дохилӣ; даромад аз муштариёни беруна; ҳиссаи даромад ва дороиҳои софи объекти сармоягузоришуда; натиҷаҳои кори бизнес-раванд; андозҳо; хароҷот ва зарарҳои ғайричашмдошт[76].

[76] Бобиев И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми

Таҳлили амалияи ширкатҳои тиҷоратӣ нишон медиҳад, ки ҳар як маркази масъулият дар рушди фаъолияти корхона, ташкили истеҳсолот ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории он чи нақшро мебозанд ва кадом миқдори захираҳоро истифода мебаранд. Чигунагии таносуби натиҷаҳои кори онҳо ба хароҷоташон барои роҳбарият нишондиҳандаи муҳим ҳисоб меёбад. Аз ин рӯ, роҳбарияти ширкати тиҷоратӣ худ қарор қабул мекунад, ки дар кадом самт захираҳоро бештар сафарбар кунад, то кадом андоза мавзеи пайдоиши хароҷотро муайян ва чи гуна онҳоро ба марказҳои масъулият вобаста карда байни объектҳо тақсим кунанд.

Нақш ва мавқеи марказҳои масъулиятро муайян карда ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ширкати фармасевтӣ, ки ба истеҳсол ва тиҷорати молҳои таъиноти тиббӣ машғул аст, ба сифати бизнес-равандҳои асосӣ сохторҳои воҳидӣ ва коргоҳҳои истеҳсолӣ, марказҳои даромад хизмат мекунанд ва марказҳои хароҷот бошанд бизнес-равандҳои ташкилӣ ва ёрирасонро таъмин мекунанд. Аз рӯйи фаъолияти марказҳои масъулият, яъне бизнес-равандҳо баҳисобгирии идоракунӣ ва назорат амалӣ карда мешавад.

Дар асоси сохтори идоракунии ширкатҳои фармасевтӣ дар таҳқиқот марказҳои масъулияти молиявӣ ва вобастагии онҳо бо бизнес-равандҳо ҷудо карда шуда мавқеи онҳо дар раванди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона муайян гардидаанд (ҷадвали 3.1.2).

**Ҷадвали 3.1.2. – Таснифи алоқаи байниҳамдигарии марказҳои масъулияти молиявӣ ва бизнес-равандҳои ширкати фармасевтӣ**

| Бахшҳо ва зербахшҳои бинес-равандҳо | Марказҳои масъулияти молиявӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Маркази фоида | Марказҳои даромад | Марказҳои хароҷот | Маркази Сармоя-гузорӣ |
| Ширкат | +++ | | | |
| Филиалҳои бузург | +++ | | | |

баҳисобгирии муҳосибии корхона / И.А. Бобиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №1. – С.79.

Идомаи ҷадвали 3.2.1

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Шуъбаи фурӯш | | +++ | | |
| Дорухонаҳо | | +++ | | |
| Коргоҳҳои истеҳсолӣ | | | +++ | |
| Муҳосибот | | | +++ | |
| Маъмурият ва хоҷагӣ | | | +++ | |
| Шуъбаи харид | | | +++ | |
| Озмоишгоҳҳо | | | +++ | |
| Сохтмони биною иншоот, хариди таҷҳизот, васеъкунии фаъолият | | | | +++ |

***Манбаъ:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Бо мақсади ташкили баҳисобгирии таҳлилӣ ва таъминоти иттилоотии менеҷерҳо барои таҳлили фаъолияти бизнес-равандҳо кушодани ҳисобҳои таҳлилӣ аз рӯйи дараҷаҳои гуногун тавсия карда мешавад.

Ташкили баҳисобгирии таҳлилии хароҷоти ширкати тиҷоратии фармасевтӣ дар шароити мушаххас мумкин аст бо назардошти риояи қоидаи таҳлилгардонии иттилоот муфассалтар оварда шавад.

Ба фикри мо тақсимкунии хароҷот ба намудҳои хароҷот барои *фаъолияти асосӣ* ва хароҷот барои *дигар фаъолиятҳо* дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ комилан мантиқист. Барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ, истифодаи таснифоти зерини хароҷот аз рӯйи шаклҳо ва зершаклҳои фаъолият бо гузоштани аломатҳои муайян муносиб мебошад:

- асосӣ, аз он ҷумла шуъбаи харид, шуъбаи фурӯш, дорухона, нуқтаҳои дорухонавӣ;
- дигар фаъолиятҳо, аз он ҷумла машқгоҳ, озмоишгоҳ, муҳосибот, хоҷагӣ, иҷора ва ғ.

Мо феҳрасти моддаҳои арзишмуайянкунии хароҷотро дар шакли тафсилӣ барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ дар чунин шакл пешниҳод менамоем:

1) арзиши хариди молҳои доруворӣ;
2) андоз ва боҷҳо;
3) сертификатсияи молҳои доруворӣ;
4) хароҷот барои пардохти меҳнат;
5) пардохтҳои иҷтимоӣ;
6) хароҷот аз рӯйи истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ;
7) хароҷоти нигоҳубини объектҳои воситаҳои асосӣ;
8) хароҷот барои иҷораи амвол;
9) хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ (коммуналӣ, конселярӣ, сафархарҷӣ ва ғ.);
10) талафот аз молҳои корношоям ва муҳлатгузашта;
11) хароҷоти тиҷоратӣ;
12) дигар хароҷот аз рӯйи таъинот.

Ба моддаҳои мазкур ҷудо кардани хароҷот дар заминаи ҳар як бизнес-раванд имкон медиҳад, арзиши аслии маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳои раванд ва натиҷаҳои фаъолияти ҳар як ҷузъи сохтории ширкат дақиқ муайян карда шавад. Дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ дар феҳристи моддаҳои дар боло номбаршуда танҳо чор моддаи аввал ҳамчун хароҷоти мустақим ҳисоб ёфта, боқимондаҳо ҳамчун хароҷоти ғайримустақим эътироф карда мешаванд.

Ҳамчунин таснифи мазкури хароҷотро метавон ҳангоми таҳлил ва пешгӯйии нуқтаи фурӯши безарар ва интихоби сиёсати иқтисодии ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ истифода бурд.

Ҳамин тариқ, дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ҷудокунии бизнес-равандҳо дар заминаи воҳидҳои сохторӣ, коргоҳҳои истеҳсолӣ, коргоҳҳои хизматрасон ва ёрирасон, филиалҳо ва намояндагиҳо, шаклҳо ва самтҳои фаъолият барои тақвият бахшидани рушди фаъолияти корхона, осон ва сода гаштани раванди баҳисобгирии хароҷот, таъмини назорат аз рӯйи фаъолияти бизнес-равандҳо кори ниҳоят муҳим мебошад. Ҳамчунин, таснифоти пешниҳодшудаи хароҷот

сарфи назар аз вазифаҳои идоракунӣ имкон медиҳад самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ баланд бардошта шуда, таҳлилшавандагӣ ва имконоти ошкоркунии захираҳо, натиҷанокии фаъолияти зербахшҳои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ баланд бардошта шавад.

## 3.2 Такмили методикаи баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар доираи низоми ҳисобҳои муҳосибӣ

Барои баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо ва бунёди иттилоот оид ба вазъи масрафоти корхона, арзиши аслӣ ва ҳолати захираҳо дар субъектҳои хоҷагӣ истифодабарии низоми ҳисобҳои муҳосибӣ кумаки амалӣ мерасонад. Дар доираи ҳисобҳои муҳосибӣ, аввалан, маълумоти баҳисобгирӣ ба низом дароварда шуда, баъдан он ба ҷузъиётҳо (ахбори таҳлилӣ) ҷудо карда мешавад, ки дар натиҷа раванди назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо ва идоракунии масрафот осон мегардад.

Тадқиқотчиёни ватанӣ аз ҷумлаи М.У.Бобоев[77], Б.Ҳ.Каримов[78], С.Ф.Низомов[79], Қ.К.Хушвахтзода[80] ва дигарон корҳои илмии худро ба омӯзиши хусусиятҳои баҳисобгирии идоракунӣ дар субъектҳои соҳаҳои гуногун бахшида, равишҳои гуногуни истифодабарии низоми ҳисобҳои муҳосибиро пешниҳод намудаанд.

Равишҳои пешниҳодшудаи баҳисобгирии хароҷот ба ҷудо кардани хароҷоти ҷорӣ аз хароҷоти сармояшаванда (бо ибораи дигар онро хароҷоти стратегӣ меноманд), ҷудокунии объектҳои баҳисобгирии хароҷот вобаста ба марказҳои масъулият, намудҳои фаъолият,

[77] Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности: научная монография. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.

[78] Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ҳ.Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). – С. 23-34.

[79] Совершенствование методики учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в растениеводстве / С.Ф.Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского националного университета (Серия социально-экономических наук) Издательский центр ТНУ – 2020, – № 7. – С. 98-103.

[80] Таҳқиқи вазъи муосири пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва таҳлили масрафҳо дар корхонаҳои саноати бофандагии Ҷумҳурии Тоҷикистон / К.Х. Хушвахтзода, Д.А. Розиев, М.Дж. Бобохонзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе,2020, – №5. – С.3-11.

марҳилаҳо, намудҳои маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ва дигар самтҳо асос меёбанд. Низоми ҳисобҳои муҳосибӣ, ки дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ истифодабарии онҳо ба таври ҳатмӣ на талаб карда мешавад ва на маҳдуд гардидааст, барои ба низом даровардани ахбороти баҳисобгирӣ дар доираи бизнес-равандҳо ёрӣ мерасонад.

Барои ширкати фармасевтие, ки ҳам фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ва ҳам фаъолияти сармоягузориро пеш мебарад ва дар доираи он бизнес-равандҳои гуногунро амалӣ менамояд, ҷудо кардани хароҷоти ҷорӣ аз хароҷоти сармояшаванда, таснифи хароҷот вобаста ба маконҳои ташаккулёбӣ ва дигар корҳо хеле муҳим аст.

Дар корхонаҳои фармасевтӣ баҳисобгирии идоракунии хароҷот бо мақсадҳо ва ҳадафҳои зерин иҷро карда мешавад:

– нишон додани категорияи хароҷоти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим дар сохтори умумии хароҷоти корхона ва муайян намудани самтҳои татбиқи чунин хароҷот (бо ибораи дигар таснифоти аз ҷиҳати илмӣ асоноккардашудаи хароҷот);

– таъмини ҳаракати маълумоти баҳисобгирӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ мувофиқи дархостҳои роҳбарон;

– таъмини имкони пешбурди баҳисобгирии таҳлилӣ дар асоси меъёрҳо ва аломатҳои гуногун;

– муқарраркунии усули тақсимкунии хароҷот, ки ба баланд бардоштани саҳеҳии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ва молҳои фармасевтӣ нигаронида шудааст.

Дар ширкати фармасевтӣ ҷудокунии бизнес-равандҳоро, ки дар зербоби гузашта муқаррар намудем (Бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ», бизнес-раванди «Таъминот», бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ», бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг», бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот», раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ»), зарур шуморида, ҳисобҳои муҳосибиро барои баҳисобгирии фаъолият ва натиҷаҳои кори онҳо муқаррар менамоем.

Барои ҳар як бизнес-равандҳо гурӯҳи ҳисобҳои мувофиқро вобаста ба нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои муҳосибӣ ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо дар нақша ҳисоби мувофиқро дар асоси назария ва амалияи баҳисобгирӣ муқаррар намуда, барои ширкати фармасевтӣ тавсия менамоем. Ногуфта намонад, ки дар зербоби 2.2-и рисолаи мазкур тавсияҳои методӣ барои ташкили баҳисобгирии даромадҳо, хароҷот ва захираҳо аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ коркард карда шуда манзури хонандагон гардонида шудааст ва дар ин зербоби рисола истифодабарии ҳисобҳоро вобаста ба бизнес-равандҳо баррасӣ хоҳем намуд.

***Бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ»:***

– ҳисоби 10210 Ҳисобҳо бо асъори миллӣ;

– ҳисобҳои гурӯҳи 11500 Сармоягузорӣ ба амволи ғайриманқул;

– ҳисоби 11510 Бино ва иншоот;

– ҳисоби 11520 Таҷдиди объектҳои сармоягузорӣ;

– ҳисоби 11530 Мошин ва таҷҳизот;

– ҳисоби 11090 Сохтмони нотамом;

– ҳисобҳои гурӯҳи 11100 Фарсудашавии ҷамъшудаи воситаҳои асосӣ;

– ҳисобҳои гурӯҳи 10700 Захираҳои молию моддӣ;

Бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ» чунин раванде ҳисоб меёбад, ки дар он дороиҳои стратегӣ бунёд карда мешаванд ва хароҷоти корхона таъиноти дарозмуддат дошта, ба арзиши ин дороиҳо зам карда мешавад. Дар навбати худ ба ҳисобҳои зикршуда зерҳисобҳо ва ҳисобҳои таҳлилии дорои якчанд дараҷаро метавон илова кард.

***Бизнес-раванди «Таъминот»*** ба маънои васеъ баррасӣ шуда, на танҳо таъмини фаъолияти истеҳсолии корхонаро бо масолеҳ ва маводи фармасевтӣ, инчунин таъмини фаъолияти тиҷоратии ширкатро бо доруворӣ, маҳсулот ва молҳои тиббӣ дар назар дорад. Бояд қайд кард, ки ширкатҳои фармасевтии бузург метавонанд дар баробари фаъолияти

тиҷоратии худ инчунин коргоҳҳои истеҳсолии дорувориро ташкил намоянд. Дар ин ҳолат барои ҳам раванди таъмини истеҳсолот ва ҳам раванди таъминоти тиҷоратӣ интихоб намудани ҳисобҳои муҳосибии мувофиқ кори муҳим аст.

Дар бизнес-раванди таъминот истифодабарии ин ҳисобҳо ба мақсад мувофиқ аст:

10510 Пешпардохт ба таъминкунандагон

*10700 «Захираҳои молию моддӣ», аз он ҷумла:*

*10719 Изофанархи савдоии молҳои фурӯхтанашуда*

10720 Ашёи хом ва маводҳо

*10800 Хароҷоти пешпардохтшуда*

55050 Хароҷоти хариди захираҳо

55040 Хароҷоти азнавкоркардабарорӣ

55030 Хароҷоти кашонидани захираҳо

Ногуфта намонад, ки ба ҳисобҳои таркибии зикршуда мумкин аст ҳисобҳои иловагии дорои якчанд сатҳи таҳлилӣ кушода шаванд, ки мо намунаи онро дар ҷадвали 3.2.1. пешниҳод менамоем.

Дар ***бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ»*** дар ширкати фармасевтӣ истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ, молҳои таъиноти тиббӣ ва хизматрасониҳо ба роҳ монда мешавад. Дар ин раванд бо истифодабарии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва захираҳои стратегӣ (дороиҳои дарозмуддат) ҳадафҳои истеҳсолии ширкат таъмин карда мешавад. Дар таъмини баҳисобгирии бизнес-раванди фаъолияти истеҳсолӣ истифодабарии ҳисобҳои зерин тавсия карда мешавад:

– ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом (маҳсулоти мушаххас)», ки аз рӯйи он хароҷоти бевоситаи дар истеҳсоли намуди муайяни маҳсулот ва молҳои таъиноти тиббӣ иштироккунанда инъикос карда мешавад, аз он ҷумла хароҷоти масолеҳ, маводи кимиёвӣ, биологӣ, маҳлулҳо, музди меҳнати коргарони истеҳсолӣ. Ҳамчунин, дар ин ҳисоб аз рӯйи ҳар як намуди фаъолият, намуди маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо)-и мушаххас метавон зерҳисобҳои дараҷаҳои гуногунро кушод;

## Ҷадвали 3.2.1. – Ҳайати ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилие, ки дар бизнес-раванди «Таъминот» дар ширкати фармасевтӣ метавонад истифода бурда шаванд.

| Ҳисоби таркибӣ | Зерҳисоби таркибӣ | Ҳисоби таҳлилии дараҷаи 1 | Ҳисоби таҳлилии дараҷаи 2 |
|---|---|---|---|
| 10510 Пешпардохт ба таъминкунандагон | 105101 Пешпардохт ба таъминкунандагони масолеҳ<br>105101 Пешпардохт ба таъминкунандагони молҳо | 10510101 Пешпардохт ба таъминкунандагони масолеҳ (аз рӯйи гурӯҳи масолеҳ)<br>105101 Пешпардохт ба таъминкунандагони молҳо (аз рӯйи гурӯҳи молҳо) | Аз рӯйи намуди молҳо ва масолеҳ |
| 10720 «Ашёи хом ва мавод» | 10720 «Ашёи хом ва мавод – маводи таъиноти тиббӣ (доруворӣ)»<br>10720 «Ашёи хом ва мавод – фитто-маводи доруворӣ» | 10720 «Ашёи хом ва мавод – маводи таъиноти тиббӣ» (аз рӯйи гурӯҳи маводҳо) | Аз рӯйи намуди маводҳо |
| 10710 «Молҳо» | 107101 «Молҳо дар анбор»<br>107102 «Молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ» | 10710101 «Молҳо дар анбор аз рӯйи гурӯҳҳо»<br>10710201 «Молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ аз рӯйи минтақаҳо» | 1071010101 «Молҳо дар анбор аз рӯйи намуд»<br>1071020101 «Молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ аз рӯйи намуд» |
| 10719 «Илованархи савдо» | 10718 «Илованарх барои молҳои анбор»<br>10719 «Илованарх барои молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ» | 1071801 «Илованарх барои молҳои анбор аз рӯйи гурӯҳи молҳо»<br>1071901 «Илованарх барои молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ аз рӯйи минтақаҳо» | 107180101 «Илованарх барои молҳои анбор аз рӯйи намуд»<br>107190101 «Илованарх барои молҳо дар нуқтаҳои дорухонавӣ аз рӯйи намуд» |
| 10800 Хароҷоти пешпардохтшуда | 10801 Хароҷоти пешпардохтшуда (барои масолеҳи фармасевтӣ)<br>10802 Хароҷоти пешпардохтшуда (барои доруворӣ)<br>10803 Хароҷоти пешпардохтшуда (барои молҳои тиббӣ)<br>10804 Хароҷоти пешпардохтшуда (иҷора) | 1080101 Хароҷоти пешпардохтшуда барои масолеҳи фармасевтӣ (аз рӯйи гурӯҳи масолеҳ) | 108010101 Хароҷоти пешпардохтшуда барои масолеҳи фармасевтӣ (аз рӯйи гурӯҳ ва намуди масолеҳ) |
| 55050 Хароҷоти хариди захираҳо | 5505001 Хароҷоти хариди захираҳо (молҳо)<br>5505001 Хароҷоти хариди захираҳо (маводи тиббӣ) | 5505001 Хароҷоти хариди захираҳо (гурӯҳи молҳо) | 5505001 Хароҷоти хариди захираҳо (намуди молҳо молҳо) |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт ва нақшаи ҳисобҳои амалкунанда тартиб додааст.*

– ҳисоби 10731 «Истеҳсолоти умумӣ», ки дар он хароҷоти истеҳсолии таъиноти умумӣ дошта, аз он ҷумла хароҷоти фарсудашавии биноҳо, мошину таҷҳизоти умумиистеҳсолӣ, хароҷоти сӯзишворӣ, барқ ва коммуналӣ бо мақсадҳои технологӣ, музди меҳнати коргарони истеҳсолии ғайриасосӣ (ёрирасон) ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешаванд;

– ҳисоби 10732 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон». Ба истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон дар ширкати фармасевтӣ коргоҳҳои таъмирӣ, коргоҳҳои таъминоти автономии барқ ва гармӣ, ошхона, ҳаммом ва дигар зерсохторҳо дохил карда мешавад, ки барои ташкили раванди истеҳсолӣ мусоидат менамоянд. Истфодабарии ашё ва масолеҳи зарурӣ дар ин коргоҳҳо, пардохти музди меҳнати коргарон, ҳисобкунии фарсудашавии объектҳои воситаҳои асосӣ, аз ҷумлаи хароҷоти ин марказҳои масъулият ҳисоб ёфта, дар ҳисоби 10732 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» метавонанд ба қайд гирифта шаванд.

Бояд қайд кард, ки хароҷоти дар ҳисоби якум зикргардида (10730 «Истеҳсолоти нотамом – маҳсулоти мушаххас») хароҷоти мустақим барои намуди мушаххаси маҳсулоти доруворӣ ҳисоб меёбад ва хароҷоти дар ду ҳисобҳои баъдӣ ҷамъшаванда ҳамчун хароҷоти ғайримустақим ба ҳисоб гирифта шуда, дар охири моҳ ба ҳисоби 10730 соқит карда мешавад ва байни намудҳои маҳсулотҳои алоҳида дар асоси пояи интихобшуда бояд тақсим карда шаванд. Ба сифати пояи тақсимкунии хароҷоти ғайримустақим дар ширкати истеҳсолии фармасевтӣ арзиши масолеҳи асосӣ, музди меҳнати коргарони асосӣ, арзиши аслии маҳсулоти доруворӣ, ё ин ки нархи банақшагирифташудаи маҳсулотро интихоб кардан мувофиқ мебошад. Ҳамчунин ба ҳисобҳои зикршуда низ зерҳисобҳо ва ҳисобҳои таҳлилӣ бо мақсади чузъигардонии маълумот оид ба хароҷот ва ҳисоби дақиқи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) мумкин аст кушода шавад, ки намунаи онро дар ҷадвали 3.2.2. нишон медиҳем.

**Ҷадвали 3.2.2. – Ҳайати ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилие, ки дар бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ» дар ширкати фармасевтӣ метавонанд истифода бурда шаванд.**

| Ҳисоби таркибӣ | Зерҳисоби таркибӣ | Ҳисоби таҳлилии дараҷаи 1 | Ҳисоби таҳлилии дараҷаи 2 |
|---|---|---|---|
| 10730 «Истеҳсолоти нотамом» | 107301 «Истеҳсолоти нотамом – маҳсулоти таъиноти тиббӣ (доруворӣ)»<br>107302 «Истеҳсолоти нотамом – фитто-доруворӣ»<br>107303 «Истеҳсолоти нотамом – таҷҳизот ва ашёҳои тиббӣ»<br>107304 «Истеҳсолоти нотамом – молҳо барои модар ва кӯдак»<br>107305 «Хароҷот доир ба коркарди партовҳои саноатӣ» | 1073010 «Истеҳсолоти нотамом – маҳсулоти доруворӣ (аз рӯйи гурӯҳи молҳо)»<br>1073020 «Истеҳсолоти нотамом – фитто-доруворӣ (аз рӯйи намуди молҳо)»<br>1073030 «Истеҳсолоти нотамом – таҷҳизот ва ашёҳои тиббӣ (аз рӯйи гурӯҳи молҳо)»<br>1073040 «Истеҳсолоти нотамом – молҳо барои модар ва кӯдак (аз рӯйи гурӯҳи молҳо)» | 1073010101 «Истеҳсолоти нотамом – маҳсулоти доруворӣ (аз рӯйи намуди молҳо)»<br>1073030101 «Истеҳсолоти нотамом – таҷҳизот ва ашёҳои тиббӣ (аз рӯйи намуди молҳо)»<br>1073040101 «Истеҳсолоти нотамом – молҳо барои модар ва кӯдак (аз рӯйи намуди молҳо)» |
| 10731 «Истеҳсолоти умумӣ» | 1073101 «Истеҳсолоти умумӣ – хароҷоти фарсудашавӣ» биноҳо, мошину таҷҳизоти умумиистеҳсолӣ,<br>1073102 «Истеҳсолоти умумӣ – хароҷоти сӯзишворӣ, барқ ва коммуналӣ»<br>1073103 «Истеҳсолоти умумӣ – музди меҳнати коргарони истеҳсолии ғайриасосӣ (ёрирасон)» ва ғ | 107310101 «Истеҳсолоти умумӣ – хароҷоти фарсудашавии биноҳо»<br>107310102 «Истеҳсолоти умумӣ – хароҷоти фарсудашавии мошинҳо»<br>107310103 «Истеҳсолоти умумӣ – хароҷоти фарсудашавии таҷҳизот» ва ғ. | Аз рӯйи намуди хароҷот |
| 10732 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон» | 1073201 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон – коргоҳҳои таъмирӣ»,<br>1073202 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон – коргоҳҳои таъминоти автономии барқ ва гармӣ»,<br>1073203 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон – ошхона»ва ғ. | 107320101 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон – коргоҳҳои таъмирӣ – таъмири мошин ва таҷҳизот»,<br>107320102 «Истеҳсолот ва хоҷагиҳои хизматрасон – коргоҳҳои таъмирӣ – таъмири мебелҳо» | Аз рӯйи намуди хароҷот |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт ва нақшаи ҳисобҳои амалкунанда тартиб додааст.*

***Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ ва таҳқиқотӣ*** дар ширкати фармасевтӣ яке аз фаъолиятҳои асосӣ ҳисоб ёфта дар рафти он корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, озмоиши маҳсулоти нав ва дигар корҳо анҷом дода мешавад: Барои баҳисобгирии амалиётҳои ба бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот» дар ширкати фармасевтӣ ҳисобҳои зеринро тавсия менамоем:

ҳисоби 10733 «Хароҷоти илмӣ-таҷрибавӣ ва таҳқиқотӣ»

зерҳисоби 107331 «Хароҷоти таҳқиқоти маркетингӣ»;

зерҳисоби 107332 «Хароҷоти таҳқиқоти илмӣ»;

зерҳисоби 107333 «Хароҷоти озмоишӣ»;

зерҳисоби 107334 «Хароҷоти дигар таҳқиқоти муҳити беруна».

Корҳои илмӣ-таҷрибавӣ ва таҳқиқотӣ дар худ хароҷоти коркарди маҳсулоти дорувории нав, молҳои таъиноти тиббӣ, хароҷоти гузаронидани таҳқиқот амалӣ ва озмоишҳо, нигоҳубин ва истифодаи воситаҳои асосӣ ва инвентарҳое, ки барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ сафарбар шудаанд, пардохти ҳаққи иҷозатномаҳо, патентҳо ва ғайраро таҷассум менамояд.

Хароҷоти таҳқиқоти маркетингӣ аз хароҷоти омӯзиши бозор ва талаботи истеъмолкунандагон, хароҷоти таҳияи стратегияҳо ва нақшаҳои маркетингӣ, хароҷоти чорабиниҳои таблиғотӣ тавассути лавҳаҳои таблиғӣ, васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, гузаронидани пурсишҳо, кор бо беморхонаҳо ва марказҳои саломатӣ, таҳлили маълумот барои арзёбии натиҷаҳо ва ғ. иборат аст.

Корҳои озмоишӣ хароҷоти озмоиши маҳсулот ва технологияҳои нав, хароҷоти гузаронидани санҷишҳои экологӣ, хариди мавод, намунаҳои санҷишӣ ва ҷузъҳои зарурӣ барои гузаронидани таҷрибаҳо ва озмоишҳо, нигоҳубини озмоишгоҳ ва майдони истеҳсолӣ, сертификатсияи маҳсулот ва дигар хароҷотро дар бар мегирад.

Ин хароҷот вобаста ба намуди маҳсулот, андозаи лоиҳа, андозаи ширкат, технология ва дигар омилҳо метавонанд аз ҳамдигар фарқ

кунанд. Барои ҳар як намуди хароҷоти зикршуда ҳисобҳои таҳлилӣ низ кушода мешавад.

***Бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг»*** марҳилаи кулминатсионии фаъолияти ширкати фармасевтӣ дар доираи як даври тиҷоратӣ ҳисоб меёбад. Дар доираи бизнес-раванди тиҷоратии "Фурӯш ва маркетинг" амалиётҳои асосии зерин гузаронида мешавад:

– тарғиботи молҳои доруворӣ;

– қабул ва бақайдгирии фармоишҳо аз мизоҷон (дорухонаҳо, беморхонаҳо, дистрибюторҳо ва ғ.). Ин корҳоро ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам бо истифода аз низомҳои махсуси электронии муосир анҷом додан мумкин аст;

– иҷро кардани дархостҳои фармоишӣ дар анбор, ҷамъоварӣ ва бастабандии молҳо тибқи фармоиши муштариён, тафтиши мутобиқати таркиби фармоишҳо ба қоидаҳо;

– интиқоли мол ба мизоҷон тавассути шабакаи нақлиётии худӣ, тавассути молрасонҳо (курерҳо) ё ин ки бо тариқи почта. Дастгирии раванди интиқоли мол ба мизоҷон;

– тартиб додани ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда (ваколатномаҳо, ҳисоб-варақаҳо, борхатҳои молию нақлиётӣ ва ғ.) ва супоридан онҳо дар баробари мол ба мизоҷон;

– тартибдиҳии ҳисобот оид ба фурӯш, таҳлили самаранокии таркиби фурӯш ва даромаднокии амалиётҳо бо муштариёни алоҳида;

– кор бо даъвоҳо ва баргаштани молҳои фурӯхташуда.

Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии бештари амалиётҳои зикршуда метавонад бо истифода аз низомҳои махсуси иттилоотӣ қисман ё пурра автоматӣ карда шаванд.

Дар амалияи ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ, аз он ҷумла ширкатҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши молу маҳсулот тавассути шабакаҳои фурӯш – намояндагиҳо ва филиалҳо хеле рушд кардааст ва дар чунин шароит доираи амалиётҳо марбут ба интиқол,

таҳвил ва фурӯши маҳсулоти доруворӣ барои ширкати фармасевтӣ васеъ гашта барои афзоиши даромади ширкат шароит фароҳам меояд. Дар баробари ин роҳбарияти ширкатҳои бузургеро, ки бо чунин тарз фаъолияти худро пеш мебаранд, лозим меояд доимо хароҷоти шабакаҳои фурӯши худ – намояндагиҳо ва филиалҳоро назорат намуда, самаранокии кори онҳоро ошкор карда, дар мавриди пайдоиши зарурат қарорҳои идоракунӣ қабул намоянд.

Аз рӯйи хусусият ва моҳияти иқтисодӣ хароҷоти бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг» хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ҳисоб ёфта, ба арзиши молу маҳсулот зам карда намешавад, он ҳамчун хароҷоти ҷори (тиҷорати)-и ширкати фармасевтӣ эътироф гардида ба натиҷаҳои молиявӣ соқит карда мешавад. Зимни баҳисобгирии амалиётҳо дар бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг» мо истифодабарии ин ҳисобҳоро тавсия менамоем[81]:

*44000 Даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ*

44010 Даромад аз фурӯш

44020 Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ

44090 Бозпасгардонии молҳои фурӯхташуда ва тахфиф

*55000 Арзиши аслии захираҳои фурӯхташуда, кор ва хизматҳо*

55010 Арзиши аслии фурӯш

55020 Тасҳеҳи арзиши молҳо

*55200 Хароҷоти фурӯш*

55201 Хароҷоти тарғиб ва мусоидат ба фурӯш

55202 Хароҷоти музди меҳнат

55203 Хароҷоти ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои иҷтимоӣ

55204 Хароҷоти боркашонӣ ва таҳвили молҳо

55205 Хароҷоти қарзҳои беэътимод

55206 Талафи молҳо ва партовҳои технологӣ

[81] Аз боби 5-уми «Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ». Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.

55207 Хароҷоти фарсудашавӣ

55208 Хароҷоти мукофотонӣ

55209 Хароҷоти иҷора (иҷораи бино, иншоот, таҷҳизот, автомобилҳо ва ғ.)

55210 Хароҷот барои зарфҳо ва бандубасти молҳо

55211 Хароҷоти нигоҳубини молҳо, гурӯҳбандӣ ва ба навъҳо ҷудокунӣ

55212 Хароҷоти сӯзишворӣ, газ, гармӣ, об

55213 Соқиткунии арзиши молҳои муҳлатгузашта

55213 Дигар хароҷоти фурӯш

Барои ҳар як ҳисобҳои зикршуда низ зерҳисобҳо ва хисобҳои таҳлилии иловагӣ кушодан мумкин аст. Ин амал барои ҷузъигардонии маълумоти баҳисобгирӣ оид ба даромадҳо ва хароҷот, ки дар бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг» ташаккул меёбад, муҳим аст.

Дар ду ҳисоби аввал номбаршуда, яъне 44010 «Даромад аз фурӯш» ва 44020 «Дигар даромадҳо аз фаъолияти амалиётӣ» даромадҳо аз амалиётҳои фурӯшии корхона бо кредит навиштани ин ҳисобҳо қайд карда мешаванд. Ҳисоби 44090 «Бозпасгардонии молҳои фурӯхташуда ва тахфиф» ба ҳисобҳои 44010 ва 44020 ҳисоби контрарӣ буда, маблағи молҳои пештар фурӯхташуда ва ё тахфифи пешниҳодшуда ба харидорон дар он сабт карда мешавад. Бо дебет навиштани ҳисоби 44090 «Бозпасгардонии молҳои фурӯхташуда ва тахфиф» ва кредит навиштани ҳисобҳои воситаҳои пулӣ ё қарзҳои дебетории мизоҷон маблағи даромадҳои корхона кам карда мешавад.

Дар ҳамаи ҳисобҳои боқимонда, ки бо рақами 55 оғоз мешаванд, хароҷоти ширкат оид ба тиҷорати молҳои доруворӣ ва таъиноти тиббӣ қайд карда мешаванд. Дар охири давраи ҳисоботӣ маълумоти дар ҳисобҳои зикршудаи даромад ва хароҷот ҷамъбаст карда шуда, натиҷаи молиявии бизнес-раванд ҳисоб карда мешавад. Дар баробари ин бо истифодабарии низоми ҳисобҳои таҳлилӣ на танҳо натиҷаҳои молиявии умумӣ, балки натиҷаи молиявии ҳар як намуди фаъолият, намуди

маҳсулот, молҳо ва хизматрасониҳо муайян карда шуда, ҳисоботи дохилӣ тайёр ва ба менеҷерҳо пешниҳод карда мешавад. Чунин тарзи баҳисобгирӣ бо истифода аз низоми ҳисобҳои муҳосибӣ раванди таҳлил ва назоратро аз рӯйи бизнес-равандҳо дар корхона осон мегардонад.

***Раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ».*** Идоракунии низоми тиҷоратӣ ва хоҷагидорӣ дар ширкати фармасевтӣ як қатор равандҳо ва амалиётҳоро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми онҳо дар навбати худ хароҷот ва сармоягузориҳои муайянро талаб мекунанд. Равандҳо ва амалиётҳои дар низоми маъмурӣ ва хоҷагӣ амалишаванда аз инҳо иборат аст:

*Ташкилӣ.* Ин амал банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати равандҳо ва амалиётҳо дар дохили ташкилот, аз он ҷумла ҷалб, омӯзиш ва ҳавасмандкунии кормандон, таҳияи тартиб ва стандартҳои фаъолиятро дар бар мегирад. Хароҷоти ташкилӣ аз ҷалби кормандони маъмурӣ ва хоҷагӣ, таъмини ашё ва воситаҳои барои идоракунӣ зарур, бозомӯзии кадрҳо ва дигар корҳоро иборат аст.

*Банақшагирӣ.* Ин раванд таҳияи стратегияҳо ва нақшаҳо барои идоракунии корҳо, системаҳои иттилоотӣ, молия ва захираҳоро дар бар мегирад. Хароҷоти банақшагирӣ аз пардохти музди меҳнати мутахассисон, иқтисодчиён ва мушовирон иборат аст.

*Назорат ва таҳлил.* Ин раванд аз чунин амалиётҳо ба мисли мониторинг ва назорати равандҳои истеҳсолӣ, нишондиҳандаҳои молиявӣ, сифати маҳсулот, молҳо ва хизматрасонӣ, инчунин идоракунии хавфҳо ва арзёбии самаранокӣ иборат аст.

*Низоми идораи электронӣ* аз банақшагирӣ ва ташкили кори системаи иттилотию коммуникатсионӣ байни идораҳои маъмурӣ, такмили раванди интиқоли маълумот, таъмини шаффофияти идоракунӣ ва ғ. иборат аст. Он дар худ хароҷоти барои таъмини технологияҳои иттилоотӣ, пардохти музди кори кормандони соҳа, харидани иҷозатномаҳо ва нигоҳдории инфрасохторро таҷассум менамояд.

*Дастгирии молиявӣ* идоракунии ҷараёнҳои молиявӣ, аз он ҷумла пардохтҳо барои захираҳо, андозҳо, суғурта, хариди мавод, баруйхатгирии ашёҳо, сармоягузорӣ барои рушди тиҷорат ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Хароҷоти молиявӣ метавонад ҳаққи меҳнати муҳосибон, иқтисодчиён, таҳлилгарон ва мушовирони молиявиро дар бар гирад.

*Идора ва таъмини захираҳо* харидорӣ ва истифодаи захираҳои гуногун ба монанди мавод, молҳо ва таҷҳизоти доруворӣ, захираҳои сохтмонӣ ва нақлиёт барои рушди тиҷоратро дар назар дорад. Ҳамчунин ин раванд хароҷоти музди меҳнати кормандони бахши таъминот, хароҷоти хариди маводи зарурӣ, иҷора, нигоҳубини мошину таҷҳизот, пардохтҳо ба таъминкунандагон ва ғайраҳоро дар бар мегирад.

*Фурӯш ва маркетинг* ташкили кор байни корхона, намояндагӣ ва филиалҳо, дӯконҳои фурӯши молҳо, идоракунии шабакаи тақсимот ва фурӯши молҳоро дар бар мегирад. Хароҷоти фурӯш ва маркетинг метавонад пардохтҳо барои музди меҳнати мутахассисони маркетинг, агентиҳои таблиғотӣ, намояндагиҳо ва шариконро дар бар гирад.

*Омӯзиш ва такмили кадрҳо.* Ин самти фаъолият яке аз механизмҳои асосии ташкили кори раванди идоракунии корхона ҳисоб ёфта, омодакунӣ ва ҷалби кадрҳои баландихтисос, таълим ва такмили ихтисоси кормандонро дар бар мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои муҳосибӣ як боби алоҳида (55300 «Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ») номгӯйи ҳисобҳои махсус муайян карда шудааст, ки онҳоро хамчун асоси появӣ барои баҳисобгирии амалиётҳо марбут ба раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ интихоб кардан мумкин аст:

***55300 Хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ***

55301 Хароҷоти музди меҳнат

55302 Хароҷоти ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои иҷтимоӣ

55303 Хароҷоти иҷора

55304 Хароҷоти пардохти хизматрасонии касбӣ

55305 Хароҷоти асбобҳои идоравӣ

55306 Таъмир ва хизмати техникии воситаҳои асосӣ

55307 Хароҷоти таъминоти компютерӣ

55308 Хароҷоти сафари хизматӣ

55309 Хароҷоти фарсудашавии воситаҳои асосӣ

55310 Хароҷоти фарсудашавии дороиҳои ғайримоддӣ

55311 Хароҷоти гузаронидани аудит

55312 Хароҷоти коммуналӣ

55313 Хароҷоти алоқава интернет

55314 Хароҷоти қувваи барқ бо мақсади идора ва хоҷагидорӣ

55315 Хароҷоти сӯзишворӣ бо мақсади идора ва хоҷагидорӣ

55316 Хароҷоти намояндагӣ

55317 Дигар хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ

Мисли ҳисобҳои дигаре, ки мо барои баҳисобгирии равандҳои болотар зикршуда қайд намудем, барои ҳисобҳои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ низ ҳисобҳои таҳлилӣ аз рӯйи намудҳои мушаххаси хароҷот ва марказҳои мушаххаси масъулият кушодан мумкин аст. Ҳар гуна хароҷоти дар корхона амалишаванда марбут ба раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ бо дебет навиштани ҳисобҳои зикршуда ба қайд гирифта мешаванд.

Дар ҳошияи таҳқиқи баҳисобгирии хароҷоти раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ ва мукаммалгардонии онҳо қайд карданро зарур мешуморем, ки хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ дар охири давраи ҳисоботӣ бояд ҳатман ба объекте сокит карда шавад, ба ибораи дигар аз ҳисоби ягон даромаде рӯйпӯш карда шавад. Бояд гуфт, ки дар илми баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади рӯйпӯш кардани хароҷоти зикршуда ду тарзи хориҷкунии хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ маъмул аст: *якум,* рӯйпушкунии хароҷоти мазкур аз ҳисоби натиҷаҳои молиявии давраи ҳисоботӣ (аслан як моҳ); *дуюм,* соқиткунии хароҷот ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда,

яъне ба ҳисоби 10720 «Истеҳсолоти нотамом», ки дар он арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) ташаккул меёбад.

Интихоб кардани яке аз усулҳои зикршуда дар ширкати фармасевтии тиҷоратӣ, ки ҳам ба истеҳсол ва ҳам ба тиҷорати молҳои доруворӣ машғул аст, таҳқиқи васеъро талаб менамояд. Истифодабарии усули якум аслан ба ҳадафҳои баҳисобгирии молиявӣ ҷавобгӯ буда талаботи истифодабарандагони дохилии ахборро қонеъ гардонида наметавонад. Чунки дар натиҷаи истифодаи он танҳо натиҷаи умумии молиявӣ дар маҷмуъ барои корхона муайян гардида, саҳми хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ дар таркиби хароҷоти бизнес-равандҳои болотар зикршуда (сармоягузорӣ, таъминот, истеҳсолот, фурӯш, фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ) номаълум боқӣ мемонад.

Истифодабарии усули дуюм ба ҳадафҳои баҳисобгирии идоракунӣ мувофиқ мебошад, агар ширкати фармасевтӣ танҳо ба истеҳсоли маҳсулот машғул бошад. Бо ин роҳ тақсимкунии хароҷоти раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ байни намудҳои маҳсулотҳои истеҳсолшуда ба таври одилона дар асоси меъёри муқарраршуда тақсим карда мешавад. Ҳамчунин бо истифода аз ин усул саҳми хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ дар арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда ва маҳсулоти боқимонда дар анборҳо ба таври муносиб таъмин мегардад.

Бинобар ин, мо дар доираи таҳқиқи мавзуъ усули сеюми алтернативиеро барои соқиткунии хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ дар ширкати фармасевтие, ки ҳам фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам тиҷоратиро пеш мебарад, пешниҳод менамоем: тақсимкунии хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ байни панҷ бизнес-равандҳои болотар зикргардида дар асоси пояи муайяни тақсимкунӣ. Ба сифати пояи тақсимкунӣ интихоб кардани маблағи музди меҳнати коргароне, ки дар фаъолияти бизнес-равандҳо ҷалб шудаанд, мувофиқ мебошад. Инро ба он чиз асоснок менамоем, ки раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ ҳамаи бизнес-равандҳои зикршударо дар маҷмуъ идора намуда дар пешрафти кори онҳо саҳм мегузорад. Раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ маҳсулоти мушаххас, ё кори мушаххасеро иҷро намекунад, ки хароҷоти онро мустақиман ба арзиши онҳо зам кунем. Аз

ин рӯ, барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ, ки ҳам дорои истеҳсолоти васеъ ва ҳам дорои шабакаҳои зиёди фурӯш мебошад, истифодабарии усули сеюмро мувофиқ ва муносиб мешуморем. Ин усул барои ташаккули иттилооти пурра оид ба хароҷоти бизнес-равандҳо ва арзиши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и иҷромекардаи онҳо хеле мусоидат менамояд.

Мо дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда методикаи истифодабарии ҳисобҳои муҳосибиро барои баҳисобгирии хароҷот дар доираи бизнес-равандҳо кор карда, амсилаи алоқамандии онҳо ва ташаккули иттилоот оид ба фаъолияти бизнес-равандҳоро дар расми 3.2.1. чунин пешниҳод менамоем.




*Расми 3.2.1. Амсилаи алоқамандии хисобҳои муҳосибӣ аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ*

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Аз рӯйи расми 3.2.1 мушоҳида мекунем, ки маълумот оид ба сарфи захираҳо ба бизнес-равандҳо аз ҳисоби дороиҳо, хароҷоти пешпардохтшуда, захираҳо ва уҳдадориҳо бо тирҳои найзагӣ муайян карда шудааст. Хароҷоти раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ бошад ба ҳисобҳои панҷ бизнес-раванди мобайнӣ соқит карда шуда, дар навбати худ натиҷаи ин ҳисобҳо ба ҳисобҳои натиҷавӣ соқит карда мешаванд. Дар ҳар як бизнес-раванд маблағи ҳақиқии хароҷот ҳисоб карда шуда, арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматрасониҳо) муайян карда мешавад. Ногуфта намонад, ки танҳо хароҷоти бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ» ба ҳисобҳои натиҷаҳои молиявӣ хориҷ карда намешаванд, чунки онҳо хусусияти сармояшавиро дошта, ба арзиши объектҳои бунёдшаванда зам карда мешаванд.

Хуллас, ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо бо истифода аз ҳисобҳои муҳосибиро таҳлил намуда, имконият пайдо гардид, ки чунин хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намоем:

Дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ низомҳои таҳияшудаи ҳисобҳои хароҷот бо ҷузъиётҳои алоҳида барои бизнес-равандҳои тиҷоратӣ таҳлили иттилоотро барои қабули қарорҳои идоракунӣ беҳтар мекунад ва пешбурди баҳисобгирии муфассали таҳлилии хароҷотро дар заминаи равандҳои тиҷоратӣ, намудҳои фаъолият, вазифаҳо, амалиётҳо, марказҳои масъулият, марказҳои хароҷот ва дигар хусусиятҳо таъмин менамояд.

### 3.3. Коркарди нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ҳамчун асоси такмили методикаи баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо

Дар ширкатҳои фармасевтӣ, мисли дигар соҳаҳо, таъмини самаранокии бизнес-равандҳо омили асосии муваффақшавии корхона ба ҳадафҳои дарпешгузоштаашудааш мебошад. Самаранокӣ ҳамчун қобилияти бизнес-равандҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо тибқи

стандартҳои муқарраршудаи сифат ва кам кардани хароҷот ҳангоми баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва даромаднокӣ муайян карда мешавад.

Самаранокии бизнес-равандҳои тиҷоратӣ ба таносуби натиҷаҳо (баҳисобгирии вақт, сифат, ҳаҷми фурӯш) бо захираҳои сарфшуда (воситаҳои пулӣ, захираҳои моддӣ, захираҳои кадрӣ, вақт) муайян карда мешавад. Дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ самаранокии ҳар як раванди тиҷорат бояд аз рӯйи мувофиқат ба стратегияи тиҷоратӣ, ки барои ноил шудан ба ниёзҳои муштариён ва эҷоди арзишҳо нигаронида шудааст, арзёбӣ карда шавад.

Мақсади муайянкунии самаранокии бизнес-равандҳои тиҷоратӣ ноил шудан ба сатҳи максималии ҳосилнокӣ ва фоида нисбат ба хароҷоти ҳадди ақали ба ин равандҳо сарфшуда мебошад. Мушкилотҳое, ки дар баланд бардоштани самаранокӣ дучор мешаванд, иборатанд аз: кам кардани вақт барои анҷоми равандҳои тиҷоратӣ бидуни коҳиши сифат; баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ; кам кардани хароҷот барои воҳиди маҳсулот ё хизматрасонӣ; пешгирӣ кардани талафоти захираҳо аз сабаби бесамар истифода бурдани масолеҳ, хароҷот, захираҳои кадрӣ ва ғ.

Мо дар бахши 3.2-и рисола чунин бизнес-равандҳои асосиро барои ширкати фармасевтӣ муайян кардем: бизнес-раванди “Фаъолияти сармоягузорӣ”; бизнес-раванди “Таъминот”; бизнес-раванди “Фаъолияти истеҳсолӣ”; бизнес-раванди “Фурӯш ва маркетинг”; бизнес-раванди "Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот" ва раванди "Маъмурӣ ва хоҷагӣ".

Идоракунӣ ва назорати фаъолияти бизнес-равандҳои зикршуда механизми асосии фаъолияткунии онҳо ҳисоб меёбад. Бояд зикр кард, ки барои таъмини фаъолияти бобарори ширкатҳои тиҷоратӣ дар заминаи бизнес-равандҳо, пеш аз ҳама ҷудокунии захираҳо ва дар ихтиёри менеҷери бизнес-раванд вогузоштани ин захираҳо мебошад. Табиист, ки раванди самаранок истифодабарии захираҳо ва иҷроиши нақшаҳои

таҳияшуда аз ҷониби роҳбари бизнес-раванд бояд ҳатман зери назорати катъӣ гирифта шавад, чунки натиҷаи кори бизнес-равандҳо аз ҷониби роҳбарияти ташкилот дар анҷоми давраи ҳисоботӣ ва ё пас аз истеҳсоли маҳсулот (корҳо, хизматҳо) баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин росто бо мақсади таҳкими фаъолияти бизнес-равандҳо таҳияи коркардҳои методӣ, усулҳои таҳлилӣ, коркарди нишондиҳандаҳои гуногуни баҳогузории натиҷаҳои фаъолият, қабули қарорҳои идоракунии манфиатнок дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ амали ниҳоят зарур мебошад.

Муаллиф зарур мешуморад, ки муайянкунии *нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС)* бо мақсади баҳогузории натиҷаи кори бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ яке аз омилҳои асосии назорати идоракунӣ ва таҳкими низоми идоракунӣ ҳисоб меёбанд. Бо сабабе ки бизнес-равандҳои болотар зикршуда функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд, муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти кори онҳо низ равишҳои методии махсусро талаб карда, интихоби нишондиҳандаҳои муносиби баҳои самаранокӣ барои роҳбарияти корхона кори муҳим аст.

Таҳқиқоти мо ошкор намуд, ки муайянкунии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳои субъекти иқтисодӣ дар асари илмии аз ҷониби Медведева Е.А.[82] офаридашуда коркард гардидаст. Мо дар асоси нишондиҳандаҳои пешниҳодкардаи ин олим, ки ба соҳаи саноат тааллуқ дорад, дар диссертатсияи худ хусусиятҳои соҳаи тиҷорати фармасевтӣ, ташкили раванди идоракунӣ, омилҳои асосии ба рушди фаъолияти корхонаҳои соҳа таъсиррасон, вазъи бозори дохилии доруворӣро омӯхта, барои ширкатҳои фармасевтӣ гурӯҳи нишондиҳандаҳоеро муайян намудем (ҷадвалҳои 3.3.1-3.3.6), ки бо ёрии онҳо имконияти баҳодиҳии натиҷаи кори бизнес-равандҳо муҳайё гашта, роҳбарияти корхона метавонанд қарорҳои идоракунии босамар қабул намоянд.

[82] Медведева Е.А. Развитие управленческого учета по бизнес-процессам и стадиям жизненного цикла продукции / Е.А.Медведева // дисс. к.э.н. по. спец. 0800.12 – бухгалтерский учет, статистика. – Ставрополь, 2022, – С.99 (256 с.).

Қайд кардан зарур аст, ки зимни муайянкунии нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ зарур аст, ки объекти баҳогузорӣ, субъекти баҳогузорӣ ва манбаҳои иттилоотӣ муайян карда шавад. Бизнес-равандҳо аз ҷумлаи объектҳои асосии баҳогузорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои самаранокӣ дар субъекти хоҷагидор ҳисоб меёбанд.

Манбаи иттилоотӣ барои баҳодиҳии фаъолияти равандҳои бизнес инҳоянд: маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ; номгӯйи нишондиҳандаҳо барои таҳлилҳо; ҳисоботи дохилии идоракунӣ; бузургиҳои ҳақиқӣ оид ба истеҳсоли маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва даромадҳои гирифтаи бизнес-раванд; меъёрҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии идоракунӣ (таснифи бизнес-равандҳо, марказҳои масъулият ва марказҳои хароҷот, низоми баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ аз рӯйи равандҳо, нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва меъёрӣ, нақшаи ҳисобҳои кории баҳисобгирии идоракунии равандҳои фаъолияти субъекти хоҷагидор) ва ғ.

Субъектҳои арзёбии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳо инҳоянд:

– ҳайати роҳбарикунандаи олӣ (аз ҷумла саҳмдорон, соҳибмулкон, роҳбарият, директори молиявӣ);

– мутахассисони асосӣ (сармуҳосиб, муҳандисон, сардори шуъбаи кадрҳо, сардори шуъбаи харид, сардори шуъбаи таъминоти моддию техникӣ, сардори шуъбаи маркетинг, сардори шуъбаи савдо, сардорони коргоҳҳо, мудирони анборҳо ва дигар роҳбарони зерсохторҳои воҳидӣ).

– иҷрокунандагон (кормандони баҳисобгирӣ, таҳлилгарон, иқтисоддонҳо, муҳосибон-таҳлилгарон, назоратчиён, аудиторҳо ва ғ.).

Тартиби ҳисоб кардан ва баҳодиҳии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳо роҳу равишҳои махсусро талаб мекунад.

Бо муайян кардани нишондиҳандаҳои асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳо зарурияти муқарраркунии марзҳои баҳогузорӣ ба миён меояд, ки он имкон медиҳад сатҳи паст, миёна ё баланди иҷрои кори бизнес-раванд ошкор карда шавад.

Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти бизнес-равандҳоро дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ бо чунин дараҷаҳо баҳогузорӣ мекунем:

А – самаранокии баланд;

В – самаранокии хуб;

С – самаранокии миёна;

Д – самаранокии паст;

Е – натиҷаи ғайриқаноатбахш.

Дар чунин сатҳ муайян кардани баҳои нишондиҳандаҳои самаранокии кори бизнес-равандҳо барои ба таври хеле васеъ омӯхтани натиҷаи фаъолияти онҳо ва қабули қарорҳо кумаки амалӣ мерасонад.

Акнун, нишондиҳандаҳои асосии самаранокиро (НАС) барои ҳар як бизнес-равандҳои муайяншуда ва тартиби ҳисобкунии онҳоро дар ширкати фарматсевтӣ дар ҷадвалҳои 3.3.1 – 3.3.6 пешниҳод мекунем.

**Ҷадвали 3.3.1. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Таъминот» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Коэфитсифенти гирдгардиши мавод (Кгм) | Кгм =(Муми / Бмм), дар ин ҷо: Муми – маблағи умумии маводи дар истеҳсолот истифодашуда, сомонӣ; Бмм – бақияи миёнаи маводҳо барои давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии истифодабарии захираҳоро тавсиф мекунад. |
| 2 | Фоизи истифоданашудаи маводҳо (Финм) | Финм = (Мини / Мх) ×100, ки дар инҷо: Мини – маводи истифоданашуда дар истеҳсолот, сомонӣ; Мх – маводи харидашуда, сомонӣ | То кадом андоза мақсаднок будани харидкунии захираҳои субъекти иқтисодиро нишон медиҳад |
| 3 | Фоизи иҷроиши нақшаи таъмини мавод (Финтм) | Финтм = Мҳмв / Ммн × 100, ки дар ин ҷо: Мҳмв – маблағи ҳақиқии маводи воридшуда, сомонӣ; Ммн – маблағи маводи банақшагирифташуда, сомонӣ | Қонеъгардонии талаботи истеҳсолотро нишон медиҳад |
| 4 | Вазни қиёсии дархостҳо барои харидкуниҳое, ки дар вақташ иҷро шудаанд (Вқхи) | Вқхи = (Шдих / Шудп)×100, ки дар инҷо: Шдих – шумораи дархостҳои иҷрошуда барои харидкунӣ, адад; Шудп – шумораи умумии дархостҳои пешниҳодшуда дар вақташ, адад | Самаранокии пардохти дархостҳои пешниҳодшуда барои харидкунии маводҳоро нишон медиҳад. |

Идомаи ҷадвали 3.3.1

| | | | |
|---|---|---|---|
| 5 | Коэфитсиенти навънокии захираҳои молию моддӣ (ЗММ) (Кнзмм) | Кнзмм = Гвзмм / Гзммҳхи Гвзмм = Гуногунрангии воқеии ЗММ, адад, Гзммҳхи – гуногунрангии ЗММ, ки ба номгӯи ҳатмии харидкунӣ ва истеҳсол дохил мешаванд, адад | Хусусияти навънокии захираҳои молию истеҳсолии корхонаро нишон медиҳад |

***Манбаъ:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3.3.1 овардашуда моро водор менамояд, ки тавсифи ботафсили баъзе аз онҳоро пешкаш намоем.

Коэфитсиенти гирдгардиши мавод (Кгм) самаранокии истифодабарии захираҳо дар истеҳсолотро нишон медиҳад. Ҳар чи қадаре ки бузургии ҳосилшуда баланд бошад, ҳамон қадар натиҷаи истифодабарии маводҳо ва рушди истеҳсолот дар корхона хуб арзёбӣ мегардад.

Нишондиҳандаи фоизи истифоданашудаи маводҳо (Финм) то кадом андоза мақсаднок будани харидкунии захираҳои субъекти иқтисодиро нишон медиҳад. Дараҷаи пасттари нишондиҳанда ба манфиати кори корхона мебошад.

Фоизи иҷроиши нақшаи таъмини мавод (Финтм) қонеъгардонии талаботи истеҳсолот ба маводи заруриро нишон медиҳад. Нишодиҳандаи ҳар чи баланд аз таъминнокии корхона бо маводҳои зарурӣ дарак медиҳад ва баръакс, нишондиҳандаи паст натиҷаи номатлуби фаъолияти бизнес-раванди таъминотро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3.3.2. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Иҷроиши нақшаи истеҳсол (Ини) | Ини = (Иҳм / Инм)× 100, ки дар ин ҷо: Иҳм – истеҳсоли ҳақиқии маҳсулот, сомонӣ; Инм – истеҳсоли нақшавии маҳсулот, сомонӣ | Нишондиҳанда иҷроиши нақшаи арзиши аслии маҳсулот (корҳо, хизматҳо)-ро нишон медиҳад. |
| 2 | Коэфитсиенти самаранок истифодабарии масоҳатҳои истеҳсолӣ (Кими) | Кими = Мии / Муи, ки дар ин ҷо: Мии – масоҳати истеҳсолии босамарона истифодабурда-шаванда (масоҳати бо таҷҳизоти истеҳсолӣ муҷаҳ-ҳазбуда), м$^2$; Муи – масоҳати умумии саноатӣ-иистеҳсолии корхона, коргоҳ, м$^2$ | Ҳисобкунии нишондиҳанда имконият медиҳад, ки истифодабарии самараноки масоҳати истеҳсолӣ таъмин карда шавад |

Идомаи ҷадвали 3.3.2

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Ҳаҷми истеҳсол ба ҳар як корманд (дар коргоҳ) (Ҳик) | Ҳик = Ҳим / Шмк, ки дар ин ҷо: Ҳим – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, сомонӣ; Шмк – шумораи миёнаи коргарон, нафар | Истеҳсоли маҳсулот ба як нафар коргарро нишон медиҳад. Бо ибораи дигар хосилнокии меҳнат |
| 4 | Вақти даври истеҳсолӣ | Вақти умумии барои истеҳсоли маҳсулот сарфшуда (меъёр 8 соат) | Фосилаи вақтеро нишон медиҳад, ки аз лаҳзаи воридшавии масолеҳ то тайёршавии маҳсулотро дар бар мегирад |
| 5 | Гирдгардиши маҳсулоти тайёр (Гм) | Гм = Дф / Амм, ки дар ин ҷо: Дф – даромад аз фурӯш дар давраи ҷорӣ, сомонӣ; Амм – бузургии миёнасолонаи арзиши маҳсулот, сомонӣ | Нишон медиҳад, ки то кадом андоза гирдгардиши маҳсулот ҳар чи тезтар дар давоми сол ба амал меояд |
| 6 | Гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ (Гзи) | Гзи = Дф / Ази, ки дар ин ҷо: Дф – даромад аз фурӯш дар давраи хисоботӣ, сомонӣ; Ази – арзиши захираҳои истеҳсолӣ | Нишон медиҳад, ки то кадом андоза гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ ҳар чи тезтар дар давоми сол ба амал меояд |
| 7 | Риояи фоизи тамоюли хароҷоти ҳақиқии раванди истеҳсолот нисбат ба буҷет (Ртхҳи) | Ртхҳи = Тхҳи / Хиб ×100, ки дар ин ҷо: Тхҳи – тамоюли хароҷоти ҳақиқии истеҳсолот дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Хиб – маблағи хароҷоти истеҳсолот тибқи буҷети тасдиқшуда, сомонӣ | Нишондиҳанда майлкунии фоизии хароҷоти ҳақиқии истеҳсолотро нисбат ба хароҷоти буҷетӣ нишон медиҳад. |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Иҷроиши нақшаи арзиши аслии раванд (Инар) аз рӯйи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3.3.2 овардашуда нишондиҳандаи асосӣ буда, фоизи иҷроиши нақшаи истеҳсолот (корҳо, хизматрасониҳо)-ро дар давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад. Бузургии баландтарин аз натиҷаи хуби нақшаҳои истеҳсолӣ дарак медиҳад.

Дар ҷадвали 3.3.2 ду нишондиҳандаи ба ҳам хеле монанд оварда шудаанд: гирдгардиши маҳсулоти тайёр (Гм) ва гирдгардиши захираҳои истеҳсолӣ (Гзи), ки бузургии онҳо аз ҳолати истифодабарии захираҳо дар истеҳсолот ва вазъи фурӯхташавии молҳо шаҳодат медиҳанд. Бузургии аз ҳама баланд барои ҳарду нишондиҳанда натиҷаи хубтаринро нишон медиҳад.

## Ҷадвали 3.3.3. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Коэфитсифенти гирдгардиши молҳо (Кгм) | Кгм =(Муф / Бмм), дар ин ҷо: Муф – маблағи умумии фурӯш, сомонӣ; Бмм – бақияи миёнаи молҳо барои давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии гардиши савдои молҳоро тавсиф мекунад. |
| 2 | Давомнокии вақти нигоҳдории маҳсулот дар анбор (Внма) | Внма = Вбм + Вбҳ, ки дар ин ҷо: Вбтм – вақти лозимӣ барои тайёркунии силсилаи маҳсулот бо мақсади таҳвил ба харидорон, соат, Вбҳ – вақт барои барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мол барои боркунӣ ба харидорон, соат | Мӯҳлати миёнаи нигоҳдории захираи маҳсулоти тайёр дар анборро нишон медиҳад |
| 3 | Ҳиссаи хароҷот барои нигоҳдории захираҳои молию моддӣ (Хзмм) | Хзмм = Хнзмм / Хуми×100, ки дар ин ҷо: Хнзмм – хароҷоти нигоҳдории ЗММ, сомонӣ; Хуми – хароҷоти умумии истеҳсолот | Бузургии хароҷот барои нигоҳубини захираҳои молию моддиро нишон медиҳад |
| 4 | Вазни қиёсии қарзи дебеторӣ дар ҳаҷми маблағи фурӯш (Вқдф) | Вқдф = Қд / Дф ×100, ки дар ин ҷо: Қд – қарзи дебетории аз фурӯши маҳсулот пайдошуда, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | То кадом андоза даромад аз фурӯш ба таври насия анҷом дода шудааст ва ҳолати пардохтпазирии харидорон чӣ гуна аст |
| 5 | Коэфитсиенти содиқ будан ё набудани харидорон (Ксх) | Ксх = Шмс / Шум, ки дар ин ҷо: Шмс – шумораи мизоҷони содиқ, нафар, Шум – шумораи умумии мизоҷон, нафар | Сатҳи харидорон ва мизоҷони содиқро ба корхона ва молҳои корхона нишон медиҳад |
| 6 | Ҳиссаи бозор (Ҳб) | Ҳб = Ҳф / Ҳфб ×100, ки дар ин ҷо: Ҳф – хаҷми фурӯши корхона, сомонӣ; Ҳфуб – ҳаҷми фурӯши умумӣ дар бозор, сомонӣ, | Саҳми ишғолнамудаи корхона дар бозори фурӯшро нишон медиҳад |
| 7 | Ҳиссаи даъвоҳо (Ҳд) | Ҳд = Шдш / Шш ×100, ки дар ин ҷо: Шдш – шумораи даъвоҳо ба тамоми шартномаҳо, адад; Шш – шумораи шартномаҳо, адад | Вазни қиёсии даъвоҳо ба шумораи умумии шартномаҳо бо мизоҷонро нишон медиҳад |
| 8 | Фоиданокии фурӯш (Фф) | Фф = Фу / Дф ×100, ки дар ин ҷо: Фу – фоидаи умумӣ аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Дф – даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиханда самаранокии фурӯшро дар давраи ҳисоботӣ ифода менамояд |
| 9 | Саҳми филиал ё намояндагӣ дар фурӯши маҳсулот (Сфф) | Сфф = Дфф / Дфу ×100, ки дар ин ҷо: Дфф – маблағи даромад аз фурӯш дар филиал, сомонӣ; Дфу – маблағи умумии фурӯш дар корхона, сомонӣ | Саҳми филиалҳо ва намояндагиҳои ширкатро дар фурӯши умумии корхона нишон медиҳад |

Идомаи ҷадвали 3.3.3

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 | Таносуби хароҷот барои филиал в маблағи даромад аз фурӯши филиал (Тхф) | Тхф = Мхф / Мдфф, ки дар ин ҷо: Мхф – маблағи хароҷот барои нигоҳубини филлаил, сомонӣ; Мдфф – маблағи даромад аз фурӯши филиал | Таносуби хароҷот барои нигоҳубини филиал ва намояндагиҳо ва даромади гирифташаванда аз филиал ва намояндагиҳоро нишон медиҳад |

***Манбаъ:** муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Моҳияти нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 3.3.3 овардашударо омӯхта муайян менамоем, ки барои кадом нишондиҳандаҳо бузургии баланд ва барои кадом нишондиҳандаҳо бузургии пасттарин натиҷаи мусбат ҳисоб меёбад. Барои чунин нишондиҳандаҳо бузургии калонтар натиҷаи хуби бизнес-раванди фурӯшро нишон медиҳанд: коэфисиенти гирдгардиши молҳо (Кгм); коэфисиенти содиқ будан ё набудани харидорон (Ксх); ҳиссаи бозор (Ҳб); фоиданокии фурӯш (Фф); саҳми филиалҳо ва намояндагиҳо дар фурӯши маҳсулот (Сфф).

Баръакси нишондиҳандаҳои зикршуда барои нишондиҳандаҳои зерин бузургии пасттар натиҷаи мусбат ҳисоб меёбад: таносуби хароҷот барои филиал ва маблағи даромад аз фурӯши филиал (Тхф); давомнокии вақти нигоҳдории маҳсулот дар анбор (Внма); ҳиссаи хароҷот барои нигоҳдории захираҳои молию моддӣ (Хзмм); вазни қиёсии қарзи дебеторӣ дар ҳаҷми маблағи фурӯш (Вқдф); ҳиссаи даъвоҳо (Ҳд).

**Ҷадвали 3.3.4. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиханда |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳосилнокии автоматикуно-нии равандҳо (Ҳар) | Ҳар = Шҳар / Шнар ×100, ки дар ин ҷо: Шҳар – Шумораи ҳақиқии амалиётҳои автоматии равандҳо ва истеҳсолот, адад; Шнар – Шумораи нақшавии амалиётҳои автоматии равандҳо ва истеҳсолот, адад; | Ин нишондиҳанда сатҳи автоматикунонидашудаи амалиётҳоро дар бизнес-равандҳо ва истеҳсолот нишон медиҳад |
| 2 | Ҳиссаи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхбм) | Ҳхбм = Хбм / Ху, ки дар ин ҷо: Хбм – маблағи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, сомонӣ; Ху – маблағи хароҷоти умумии раванд дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти бизнес-равандро нишон медиҳад. |

Идомаи ҷадвали 3.3.4

| | | | |
|---|---|---|---|
| 3 | Риоякунии буҷети хароҷот барои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ (Рбхрм) | Рбхрм = Тбхмх / Мухмх ×100, ки дар ин ҷо: Тбхмх – тамоюл дар буҷети хароҷоти маъмурӣ ва хоҷагӣ, сомонӣ; Мухмх – маблағи умумии хароҷот барои идоракунӣ ва хоҷагӣ, сомонӣ | Тамоюли нисбии маблағи хароҷоти ҳақиқии идоракунӣ ва хоҷагиро нисбат ба буҷет нишон медиҳад. |
| 4 | Самаранокии фаъолияти корхона (Сфк) | Сфк = Фта / Мсх ×100, ки дар ин ҷо: Фта – маблағи фоида то андозситонӣ, сомонӣ; Мсх – маблағи сармояи худӣ дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Самаранокии фаъолияти корхонаро барои давраи ҳисоботӣ дар маҷмуъ нишон медиҳад |
| 5 | Ҳиссаи хароҷот барои татбиқи автоматикунонии бизнес-равандҳо (Ҳхар) | Ҳхар = Хар / Ху, ки дар ин ҷо: Хбм – маблағи хароҷот барои автоматикунонии равандҳо, сомонӣ; Ху – маблағи хароҷоти умумии корхона дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои татбиқи автоматикунонии амалиётҳо ва равандҳо дар хаҷми умумии хароҷотро нишон медиҳад |
| 6 | Ҳиссаи хароҷот барои идоракунии кадрҳо дар ҳаҷми умумии хароҷоти раванд (Ҳхик) | Ҳхик = Хик / Хур, ки дар ин ҷо: Хик – маблағи хароҷоти идоракунии кадрҳо, сомонӣ; Хур – маблағи хароҷоти умумии раванд дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ҳиссаи хароҷот барои идоракунии шуъбаи кадр дар хаҷми умумии хароҷоти равандро нишон медиҳад |
| 7 | Вазни қиёсии вакансияҳои холӣ (Ҳвх) | Ҳвх = Швх / Шуҷк × 100, ки дар ин ҷо: Швх – шумораи вакансияҳои холӣ, адад; Шуҷк – шумораи умумии ҷойҳои корӣ дар давраи ҳисоботӣ, адад | Ин нишондиҳанда самаранокии сиёсати кадрии роҳбариятро нишон медиҳад |
| 8 | Ошкоркунии қоидавайронку-ниҳои меҳнатӣ нисбат ба соли гузашта (Қмк) | Қмҳ – Қмг, ки дар ин ҷо: Қмҳ – шумораи қоидавайронкунӣ аз ҷониби коргарон дар соли ҳисоботӣ, адад; Қмг – шумораи қоидавайронкунӣ аз ҷониби коргарон дар соли гузашта, адад | Риоякунии интизоми меҳнатро нишон медиҳад |
| 9 | Коэфитсиенти гардиши кадрҳо (Кгк) | Кгк = Шко / Шмк, ки дар ин ҷо: Шко – шумораи коргарони аз кор озодшуда, нафар; Шмк – шумораи миёнасолонаи коргарон, нафар | Нишондиҳанда ҳиссаи коргарони азкорозодшударо дар шумораи умумии коргарон нишон медиҳад. Бузургии аз ҳад зиёд аз фаъолияти камсамари кадрии |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | роҳбарият дарак медиҳад |
| 10 | Самаранокии кори кадрҳо (Скк) | Скк = Фс / Ммм×100, ки дар ин ҷо: Фс – фоидаи соф дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Ммм – маблағи музди меҳнати коргарон, сомонӣ | Самаранокии маблағи хароҷот барои музди меҳнати коргаронро нишон медиҳад |
| 11 | Ҳиссаи хароҷот барои бозомӯзии кормандон (Ҳхбк) | Ҳхбк = Хбк / Шмк × 100, ки дар ин ҷо: Хбк – маблағи хароҷот барои бозомӯзии кормандон, сомонӣ; Шмк – шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар | Ин нишондиҳанда хароҷоти миёна барои бозомӯзии кормандон ба ҳар як нафарро тавсиф мекунад |
| 12 | Ҳиссаи хароҷот барои ҳифзи экологӣ (Ҳххэ) | Ҳххэ = Ххэ / Хук, ки дар ин ҷо: Ххэ – маблағи хароҷот барои ҳифзи муҳити зист (экология), сомонӣ; Хук – маблағи хароҷоти умумии корхона, сомонӣ | Нишондиҳанда саҳми хароҷот барои ҳифзи муҳити зистро нишон дода, имконият медиҳад ки он зери назорат гирифта шавад. |
| 13 | Ҳиссаи хароҷот барои бахши хоҷагӣ (Ҳхбх) | Ҳхбх = Мхбх / Мухрм, ки дар ин ҷо: Мхбх – маблағи хароҷот барои хоҷагӣ, сомонӣ; Мухрм – маблағи умуми хароҷот барои раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ | Ҳиссаи хароҷоти хоҷагидориро дар хуроҷоти умумии нигоҳубини раванди маъмурӣ ва хоҷагӣ нишон медиҳад. |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Дар ҷадвали 3.3.4. нишондиҳандаҳои асосии самаранокии раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ коркард карда шуд, ки аз рӯйи онҳо натиҷаи фаъолияти раёсатҳо, шуъбаҳо ва дигар зерсохторҳои маъмурӣ ва хоҷагидорӣ арзёбӣ карда мешаванд. Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ҷадвал бузургиҳои ҳосилшуда бо бузургии давраҳои гузашта муқоиса карда шуда, сипас хулосаи зарурӣ бароварда мешавад. Мисли нишондиҳандаҳои дар ҷадвалҳои болотар коркардшуда барои баъзе аз нишондиҳандаҳо бузургии баландтарин ва барои баъзе аз дигар нишондиҳандаҳо бузургии пасттарин натиҷаи мусбати фаъолияти раванди маъмурӣ ва хоҷагидорӣ ҳисоб меёбанд.

**Ҷадвали 3.3.5. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Саҳми кормандони раванди «Фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ» (Ҳкр) | ҲКр = Шкрит / Шукк ×100, ки дар ин ҷо: Шкрит – шумораи коргарони дар бизнес-раванди таҳқиқот фаъолияткунанда, нафар; Шукк – шумораи умумии коргарони корхона | Ҳиссаи кормандони раванди фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ дар шумораи умумии коргарони корхонаро нишон медиҳад |
| 2 | Коэфитсиенти азхудкунии маҳсулотҳои нав (Камн) | Камн = Ммн / Муми, ки дар ин ҷо: Ммн – миқдори маҳсулотҳои навихтироъшуда, адад; Муми – миқдори умумии маҳсулотҳои истеҳсолшуда | Самараи кори бизнес-раванди таҳқиқотро дар истеҳсоли маҳсулотҳои нави корхона нишон медиҳад |
| 3 | Коэфитсиенти рушди инноватсионӣ (Кри) | Кри = Мхи / Дф, ки дар ин ҷо: Мхи – маблағи хароҷот барои инноватсия, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиҳанда дараҷаи маблағгузорӣ барои рушди иннватсиониро нишон медиҳад |
| 4 | Саҳми даромад аз маҳсулотҳои навихтироъшуда (Сдмн) | Сдмн = Дфмн / Дфу×100, ки дар ин ҷо: Дфмн – даромад аз фурӯши маҳсулотҳои навихтироъшуда, сомонӣ; Дфу – даромад аз фурӯши умумӣ дар корхона, сомонӣ | Саҳми даромадҳо аз маҳсулотҳои навихтироъшударо дар хаҷми умумии даромад аз фурӯши умумӣ муайян мекунад |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 3.3.5 таҳия карда шудаанд, натиҷаи кори бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот»-ро васф менамоянд. Танҳо бузургии баландтарин аз рӯйи тамоми нишондиҳандаҳои муайяншуда натиҷаҳои хуби кори бизнес-равандро нишон медиҳанд.

Дар ҷадвали 3.3.6 нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 3.3.6. – Нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ» барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ**

| № | Номгӯи нишондиҳанда | Методикаи ҳисобкунӣ | Тавсифи нишондиҳанда |
|---|---|---|---|
| 1 | Вазни қиёсии корҳое, ки дар вақти таъиншуда иҷро карда шудаанд (Вққи) | Вққи = Кив / Киу ×100, ки дар ин ҷо: Кив – корҳои дар вақти таъиншуда иҷрошуда, сомонӣ; Киу – корҳои умумии иҷрошаванда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Нишондиҳанда натиҷаи иҷроиши корҳои бауҳдагирифташудро нишон медиҳад |
| 2 | Риоякунии буҷети хароҷот барои сармоягузории асосӣ (Рбх) | Рбх = Хҳки / Хнки×100, ки дар ин ҷо: Хҳки – хароҷоти ҳақиқии корҳои иҷрошуда, сомонӣ; Хнки – маблағи нақшавии хароҷот барои корҳои иҷрошаванда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ | Ин нишондиҳанда риоягардии маблағи хароҷот барои сармоягузории асосӣ нисбат ба маблағҳои банақшагирифташуда барои ин корҳоро нишон медиҳад. |
| 3 | Риояи фоизи иҷроиши корҳо (Рфик) | Рфик = Кви / Аус ×100, ки дар ин ҷо: Кви – корҳои воқеан иҷрошуда дар давраи ҳисоботӣ, сомонӣ; Аус – арзиши умумии сармоягузорӣ, сомонӣ | Нишониҳанда фоизи корҳои иҷрошударо нисбат ба маблағи умумии банақшагирифташудаи сармоягузорӣ нишон дода, ҳудуди тамоюл барои он муайян карда мешавад. |
| 4 | Таносуби маблағи сармоягузорӣ бар маблағи даромад аз фурӯш (Тсф) | Тсф = Мс / Дф, ки дар ин ҷо: Мс – мабалғи сармоягузории амалишуда дар давоми сол, сомонӣ; Дф – маблағи даромад аз фурӯш дар давоми сол, сомонӣ | Ин нишондиҳанда таносуби хароҷот барои сармоягузориҳои асосӣ бар маблағи даромад аз фурӯшро нишон медиҳад |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт тартиб додааст.*

Мо дар ҷадвалҳои 3.3.1 - 3.3.6 номгӯйи нишондихандаҳои зарурирo барои баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ муайян намудем. Аз рӯйи бузургиҳои ҳисобшудаи

нишондиҳандаҳо дарҳол ва мустақиман хулосаи лозимиро баровардан ғайримкон аст. Барои расидан ба ҳадафи гузошташуда, яъне баҳогузории амиқи фаъолияти бизнес-равандҳо дар натиҷаи таҳқиқи вазъи бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи корхонаҳои фармасевтӣ мо барои бузургии нишондиҳандаҳо фосилаи муайянро (Замимаи 6) ошкор намудем, ки онҳо дараҷаи кори босамар ё бесамари бизнес-равандро нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани натиҷаи ниҳоӣ, яъне самаранокии кори корхона дар маҷмуъ, дар соли ҳисоботӣ баҳои ҳуруфии ҳосилшудаи нишондиҳандаҳоро (А, В, С, Д, Е) (тибқи маълумотҳои замимаи 6) аз рӯйи ҳар як бизнес-раванд аввал муайян карда, сипас дар маҷмуъ барои корхона ҳисоб мекунем (Ҷадвали 3.3.7). Бо ин мақсад баҳои ҳуруфиро ба баҳои рақамӣ гардонида, натиҷаи миёнаи ҳосилшударо ҳамчун баҳои ҷамъбастӣ барои фаъолияти бизнес-раванд эътироф мекунем. Яъне: А=5; В=4; С=3; Д=2; Е=1. Масалан, натиҷаи миёнаро ин тавр ҳисоб мекунем: (5+4+3+2+1) ÷5= 3,33 (С)

Дар ҷадвали 3.3.7 баҳои нишондиҳандаҳои асосии самаранокии бизнес-равандҳоро бо ифодаи ҳуруфӣ ва рақамӣ ҷамъбаст мекунем.

Маълумоти ҷадвали 3.3.7-ро таҳлил намуда ба хулосае меоем, ки дар маҷмуъ ҳамаи бизнес-равандҳо фаъолияти худро дар соли ҳисоботӣ бо «самаранокии хуб» – В (тибқи низоми баҳогузорӣ, ки дар аввали зербоби мазкур пешниҳод намудем) ҷамъбаст намудаанд, ба ғайр аз бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот», ки натиҷаи он бо баҳои С (3,0), яъне самаранокии миёна ҷамъбаст гардидааст. Дар маҷмуъ натиҷаи бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот» ба натиҷаи умумии ширкат таъсири ҷиддӣ нарасонидааст, лекин ин ҳолат набояд боиси нигаронии роҳбарияти корхона нагардад. Барои бартараф кардани каму костҳо дар фаъолияти бизнес-раванди мазкур роҳбариятро лозим аст чораҳои зарурирo ҷустуҷӯ намоянд.

### Ҷадвали 3.3.7 – Арзёбии ҷамъбастии фаъолияти бизнес-равандҳо дар ҶДММ «ТБШ», барои соли ҳисоботии 2022

| Бизнес-равандҳо | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Барои бизнес-раванди «Таъминт» | | Барои бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ» | | Барои бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг» | | Барои раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ» | | Барои бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот» | | Барои бизнес-раванди «Сармоягузорӣ» | | Корхона дар маҷмуъ |
| Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | Баҳо | | |
| В | 4 | А | 5 | В | 4 | С | 3 | С | 3 | В | 4 | |
| С | 3 | В | 4 | Д | 2 | А | 5 | С | 3 | В | 4 | |
| В | 4 | В | 4 | А | 5 | В | 4 | Д | 2 | В | 4 | |
| А | 5 | А | 5 | С | 3 | С | 3 | В | 4 | В | 4 | |
| Д | 2 | С | 3 | С | 3 | Е | 1 | | | | | |
| | | С | 3 | С | 3 | В | 4 | | | | | |
| | | В | 4 | А | 5 | С | 3 | | | | | |
| | | | | В | 4 | В | 4 | | | | | |
| | | | | А | 5 | В | 4 | | | | | |
| | | | | В | 4 | В | 4 | | | | | |
| | | | | | | Д | 2 | | | | | |
| | | | | | | В | 4 | | | | | |
| | | | | | | В | 4 | | | | | |
| **В** | **3,6 (4)** | **В** | **4,0** | **В** | **3,8 (4)** | **В** | **3,75 (4)** | **С** | **3,0** | **В** | **4,0** | **3,69 (В)** |

***Манбаъ:*** *муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2.3.7 тартиб додааст.*

Хуллас, нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС) ва баҳогузории фаъолияти бизнес равандҳо, ки методикаи онро мо дар ин зербоби рисола коркард намудем, усули асосии арзёбии фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоб ёфта, барои назорати идоракунӣ ва қабули қарорҳои босамар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Бо сабабе ки бизнес-равандҳои зикршуда функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд, муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти онҳо низ равишҳои методии махсусро талаб карда, интихоби нишондиҳандаҳои муносиби баҳои самаранокӣ барои роҳбарияти корхона кори муҳим мебошад.

**Хулоса аз рӯйи боби 3-юм**

1. Дар доираи баҳисобгирии идоракунӣ тартиби соқит намудани хароҷот ба арзиши аслии молҳо, корҳо ва хизмарасониҳо аҳаммияти хосса дорад. Барои ҳисобкунии арзиши аслӣ таснифи хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо, ки дар натиҷаи он маълумоти таҳлилӣ оид ба фаъолияти бизнес-равандҳо ташаккул меёбад, кумаки амалӣ мерасонад. Таснифоти хароҷот аз рӯйи маконҳои пайдоиш, ки дар боби 3-юми рисола пешниҳод шуд, имкон медиҳад натиҷаҳои фаъолияти ҳар як ҷузъи сохтории ширкат муайян карда шавад. Таснифоти пешниҳодшудаи хароҷот қатъи назар аз вазифаҳои идоракунӣ имкон медиҳад самаранокии баҳисобгирии идоракунӣ баланд бардошта шуда, таҳлилшавандагӣ ва имконоти ошкоркунии захираҳо, натиҷанокии фаъолияти зербахшҳои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ баланд бардошта шавад. Ҳамчунин, ҷудокунии бизнес-равандҳо бо мақсади ташкил ва пешбурди фаъолияти босамари ширкати тиҷоратӣ ва дар доираи он гузориши баҳисобгирии хароҷот барои ноил гаштан ба натиҷаҳои муносиб дар самти назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо ва ҳисобкунии арзиши аслӣ кори ниҳоят муфид мебошад

2. Таҳлили усулҳои асосии баҳисобгирии хароҷот (Усули марҳилавӣ, усули фармоишӣ, усули «Стандарт-кост», усули «Директ-костинг», усули ABC, усули баҳисобгирии хароҷот «Дар муҳлати додашуда» (Just in Time) ва ғ.), ки дар амалияи хориҷӣ васеъ истифода мешаванд ва истифодаи баъзе аз онҳо дар таҷрибаи ширкатҳои ватанӣ низ аҳён-аҳён ба чашм мерасад, имкон медиҳад хулоса барорем, ки айни замон бо мақсади идоракунии стратегии хароҷот, такмили ҳисоби арзиши аслии маҳсулот ва пурзӯрнамоии назорат дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ мубрам мегарданд.

3. Барои баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо ва бунёди иттилоот оид ба вазъи масрафоти корхона, арзиши аслӣ ва ҳолати захираҳо дар субъектҳои хоҷагӣ истифодабарии низоми ҳисобҳои муҳосибӣ кумаки амалӣ мерасонад. Мо дар доираи ин таҳқиқоти худ

зарур донистем, ки фаъолияти ширкати тиҷоратиро ба ҷунин бизнес-равандҳо ҷудо кунем: бизнес-раванди «Фаъолияти сармоягузорӣ»; бизнес-раванди «Таъминот»; бизнес-раванди «Фаъолияти истеҳсолӣ»; бизнес-раванди «Фурӯш ва маркетинг»; бизнес-раванди «Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот»; раванди «Маъмурӣ ва хоҷагӣ». Тавассути ҷудокунии фаъолияти ширкати фармасевтӣ ба бизнес-равандҳо ташкили баҳисобгирӣ аз рӯйи онҳо дар доираи ҳисбҳои муҳосибӣ, барои бунёдкунии маълумотҳои таҳлилӣ, таҳкими раванди назорат аз рӯйи истифодабарии захираҳо, идоракунии хароҷот ва қабули қарорҳо имконияти мусоид фароҳам меояд.

4. Муайянкунии *нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС)* бо мақсади баҳогузории натиҷаи кори бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ яке аз омилҳои асосии назорати идоракунӣ ва таҳкими низоми идоракунӣ ҳисоб меёбанд, ки онҳоро мо дар зербоби 3.3 ҷадвалҳои 3.3.1 - 3.3.6 дар асоси таҳқиқоти олимони хориҷӣ коркард намудем. Дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ самаранокии ҳар як бизнес-раванд аз рӯйи мувофиқат ба стратегияи тиҷоратӣ, ки барои ноил шудан ба ниёзҳои муштариён ва эҷоди арзишҳо нигаронида шудааст, арзёбӣ карда мешавад. Нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС) ва баҳогузории фаъолияти бизнес-равандҳо, ки дар диссертатсия коркард гардидааст, усули асосии арзёбии фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ ҳисоб ёфта, барои назорати идоракунӣ ва қабули қарорҳои босамар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

# ХУЛОСА

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва ташкилии баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ омӯхта шуда, муаммоҳои ҷойдошта дар соҳаи мазкур ошкор гардида, барои бартарафкунии онҳо ва мукаммалгардонии татбиқи баҳисобгирии идоракунӣ хулоса ва тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад.

1. Таҳлили асарҳои илмӣ нишон дод, ки баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун олоти муосири раванди идоракунӣ маҷмуи омилҳо ва нишондиҳандаҳои иқтисодиро дар корхона ҳадафи омӯзиши худ қарор дода, оид ба вазъ ва натиҷаи онҳо иттилооти заруриро тайёр карда ба роҳбарият пешниҳод менамояд. Аз ин афкори илмии таҳлилшуда ва аз амалияи субъектҳои иқтисодӣ, ки баҳисобгирии идоракуниро дар фаъолияти худ татбиқ намудаанд, ба хулосае меоем, ки он ҳамчун низоми иттилоотӣ амал намуда, бо истифода аз усул ва равишҳои гуногун дар таъмини раванди идоракунии босуботи субъекти хоҷагии дар бозори рақобатнок фаъолияткунанда ва ба ҳар гуна хавфу таҳдидҳои ногаҳонӣ дучоршаванда саҳми босазо мегузорад. Ҷудо кардани баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун як соҳаи мустақили дониш дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии муҳосибӣ нақши калидӣ дошта, ба татбиқи амалии он ва ҳалли масъалаҳои идоракунӣ сарфи назар аз соҳаи ташкилот мусоидат мекунад[6-М, 1-М].

2. Таҳлили рушди бозори фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, хусусиятҳои зерини соҳа, ки зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ ба инобат гирифтани онҳо хеле муҳим аст, ошкор карда шавад: ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, афзоиши рақобат, танзими давлатии ин соҳа аз ҷумлаи шарт ва омилҳои асосии рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи фармасевтии ҷумҳурӣ ҳисоб меёбанд; вобастагии назарраси бозори дохилӣ аз воридоти доруворӣ ва дар сатҳи хеле ночиз қарор доштани истеҳсоли маводи доруворӣ ватанӣ; ҷой доштани монополияи гурӯҳи молҳои доруворӣ

истеҳсоли хориҷӣ, ки аз ҷониби ширкатҳои воридкунанда (миёнарав) ба ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд; бинобар сабаби мавҷуд набудани низоми суғуртаи тиббии аҳолӣ аксари доруворӣ аз ҳисоби худи истеъмолкунандагон харида мешаванд, ки ин ҳолат ширкатҳои тиҷоратии фармасевтиро водор менамояд, ки танҳо ба фишангҳои бозории фаъолияти иқтисодӣ такя намоянд; мавқеи афзалиятнокро соҳиб будани махсулоти дорувории воридотӣ нисбат ба истеҳсолоти дохилӣ чи аз рӯйи номгӯй ва чи аз рӯйи сифати молҳои доруворӣ; мутаассифона ҷой доштани усулу равишҳои ғайриқтисодӣ, ғайриоқилона ва бидуни инсофи тарзи тарғиби молҳои доруворӣ бо роҳи ҳавасмандгардонии молиявии духтурон ва дигар кормандони соҳаи тиб, ки аз як тараф барои ба даст овардани фоидаи баланд дар ширкатҳои фармасевтӣ мусоидат мекунанд ва аз тарафи дигар метавонанд барои оқибатҳои ногувор дар ҷомеа сабаб гарданд [7-М, 9-М].

3. Фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии субъекти иқтисодӣ дар ташаккули натиҷаҳои молиявии корхона таъсири мустақим мерасонад. Барои баҳисобгирии даромадҳо аз фурӯши молҳо, корҳо, хизматрасониҳо, ки аз ҷумлаи унсурҳои натиҷаҳои молиявии ташкилот ҳисоб меёбанд, аввалан, таснифи даромадҳо зарур буда, ҳисобот оид ба даромадҳо тибқи шаклҳои фаъолияти ширкат тайёр карда мешавад, ки он барои ташаккули иттилооти ба менеҷерҳо пешкашшаванда нақши муҳим мебозад. Дар шароити системаи муттаҳидкардашудаи баҳисобгирӣ ташкил ва пешбурди ҳисобҳои даромадҳо аз рӯйи шаклҳои фаъолият, зершаклҳо ва ҷузъҳо аҳаммияти калон дорад, ки дар зербахши 2.2 рисолаи диссертатсионӣ коркардҳои методӣ оид ба мукаммалгардонии онҳо пешниҳод карда шудааст. Унсури асосии раванди баҳисобгирӣ ҳисоби муҳосибӣ мебошад, ки бояд иттилооти зарурии таҳлилиро дар худ таҷассум намояд. Амсилаи умумии ташаккули иттилоот оид ба даромад, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ барои ширкати фармасевтии тиҷоратӣ дар расми

2.2.2 ва замимаи 3 коркард карда шуд, ки аз рӯйи он чараёни қабулкунии маълумоти ҳисобдорӣ бо мақсадҳои идоракунӣ осон мегардад [4-М].

4. Ба ҳисоботи идоракунии дохилӣ дар ширкатҳои фармасевтӣ таваҷҷуҳи хосса бояд зоҳир намуд, зеро дар вай барои истифодабарандагони дохилӣ иттилооти мушаххас ва муфассал оид ба вазъ ва натиҷаҳои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ҷамъ оварда мешавад, ки аз дигар шаклҳои ҳисобот онҳоро пайдо кардан ғайриимкон аст. Яке аз хусусиятҳои хоси ҳисоботи идоракунӣ аз он иборат аст, ки он зина ба зина, вобаста аз он ки маркази масъулият, ё сегменти фаъолият дар кадом сатҳи идоракунӣ қарор дорад, тайёр карда мешавад. Бо мурури тайёршавии ҳисобот маълумотҳо ҷамъбаст карда шуда, ба сатҳи олии идоракунӣ пешниҳод карда мешаванд ва имконияти назорати зербахшҳои фаъолият эътимодона муҳайё мегардад. Омӯзиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагии ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ имкон дод, ки проблемаҳои мавҷудбуда дар самти мазкур, аз он ҷумла камбудиҳо дар тайёркунии ҳисобот оид ба арзиши аслӣ, ҳисоботи тавозунӣ, ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ ва ғ. ошкор гардида, тавсияҳои методӣ барои бартарафкунии онҳо ва мукаммалгардонии мундариҷаи ҳисоботи идоракунии дохилӣ пешниҳод карда шуд [2-М, 4-М].

5. Баҳисобгирии дурусти хароҷот ва арзиши аслӣ дар шароити рушди инноватсионии ширкатҳои фармасевтӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Моҳияти он дар низоми идоракунии корхонаҳо баръало намоён мегардад. Дар ташкилотҳои тиҷоратии фармасевтӣ, баҳисобгирии хароҷот, пеш аз ҳама, бояд ҳисоби дурусту дақиқи арзиши аслиро таъмин намояд ва барои назорат аз рӯйи истифодаи захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ заминаи таъминоти иттилоотии боэътимодро муҳайё кунад. Дар адабиёти таълимӣ ва илмӣ аломатҳои гуногуни таснифи хароҷот пешниҳод шудааст, ки барои ширкати тиҷоратии фармасевтӣ низ истифодабарии онҳо зимни баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти доруворӣ ва молҳои таъиноти

тиббӣ мувофиқ аст, ки намунаи он бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои фармасевтӣ дар шакли ҷадвал пешниҳод карда шуд. Ҳамчунин усулу равишҳои маъмулӣ ва муосири баҳисобгирии хароҷот, ки дар илми баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуданд, таҳқиқ карда шуда, афзалиятҳои ташкили баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи бизнес-равандҳо дар ширкатҳои соҳаи фармасевтӣ муайян карда шуд [3-М].

6. Муаллиф ҷудокунии сохтори ташкилӣ-идоракунии ширкати тиҷоратии фармасевтиро ба бизнес-равандҳои зерин: бизнес-раванди “Фаъолияти сармоягузорӣ”, бизнес-раванди “Таъминот”, бизнес-раванди “Фаъолияти истеҳсолӣ”, бизнес-раванди “Фурӯш ва маркетинг”, бизнес-раванди "Таҳқиқот ва коркарди маҳсулот" ва раванди "Маъмурӣ ва хоҷагӣ" амали зарурӣ ва манфиатнок шуморида, барои ҳар кадоме аз онҳо доира ва номгӯйи ҳисобҳои таркибӣ ва таҳлилиро муайян намудааст. Ин пешниҳод, ба андешаи муаллиф, раванди ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии захираҳо ва бадастории натиҷаҳоро аз рӯйи бизнес-равандҳои пешниҳодшуда ба низом даровaрда, барои устуворгардонии назорат ва идоракунии бизнес-равандҳо мусоидат менамояд [5-М].

7. Дар ширкати фармасевтӣ самаранокии ҳар як раванди тиҷорат бояд аз рӯйи мувофиқат ба стратегияи тиҷоратӣ, ки барои ноил шудан ба ниёзҳои муштариён ва эҷоди арзишҳо нигаронида шудааст, арзёбӣ карда шавад. Яке аз роҳҳои баҳогузории натиҷаи фаъолияти бизнес-равандҳо дар ширкати фармасевтӣ, ки он омили асосии назорати идоракунӣ низ ҳисоб меёбад, муайянкунии *нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ (НАС)* мебошад, ки номгӯи онҳо барои ҳар як бизнес-равандҳои ҷудокардашуда дар зербоби 3.3 рисола пешниҳод гардида, методикаи ҳисобкунии онҳо коркард карда шуд. Бо истифода аз методикаи коркардашуда натиҷаи фаъолияти бизнес-раванд дар ширкати фармасевтӣ аз рӯйи панҷ дараҷа баҳогузорӣ карда мешавад: А – самаранокии баланд; В – самаранокии хуб; С – самаранокии миёна; Д – самаранокии паст; Е – натиҷаи ғайриқаноатбахш. Бо муайян кардани самаранокии кори ҳар як бизнес-

раванд натиҷаи ниҳоии фаъолияти корхона дар маҷмуъ ҳисоб карда мешавад [2-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Консепсияи таҳияшудаи баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун заминаи методии идоракунии ширкатҳои тиҷоратӣ баромад менамояд. Таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ нишон медиҳад, ки субъектҳои иқтисодӣ барои омода намудани як низоми иттилоотии боэътимод метавонанд аз унсурҳо ва усулу равишҳое, ки дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ то ин замон кор карда баромада шудааст, васеъ истифода намоянд.

2. Таҳлилҳои гузаронидашуда дар ширкатҳои фармасевтии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият дод, хусусиятҳои соҳаи мазкур, ки ба ташкили баҳисобгирии идоракунӣ таъсири мустақим мерасонанд, ошкор карда шавад. Ба ширкатҳои фармасевтӣ тавсия карда мешавад, ки зимни ташкили баҳисобгирии идоракунӣ бо мақсади бунёди низоми иттилоотии боэътимод ба инобат гирифтани онҳо аз манфиат холӣ нест.

3. Баҳисобгирии даромадҳо аз фурӯши молҳо, корҳо, хизматрасониҳо, ки аз ҷумлаи унсурҳои фаъолияти тиҷоратӣ-фурӯшии ташкилот ҳисоб меёбанд, барои ташаккули иттилооти ба менеҷерҳо пешкашшаванда нақши муҳим мебозанд. Дар зербоби 2.2 рисола амсилаи баҳисобгирии даромаду хароҷот ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ аз рӯйи ҳисобҳои муҳосибӣ бо роҳи ба ҷузъиётҳои алоҳида ҷудокунии онҳо дар мисоли ширкатҳои фармасевтии ватанӣ коркард шудааст, ки истифодабарии онҳо дар амалия барои банизомдарории ахбор оид ба даромадҳо, захираҳо ва хароҷот нақши ҳалкунанда мебозанд.

4. Омодакунии ҳисоботи идоракунӣ аз сохтори ташкилӣ, миқёси корхона ва таваҷҷуҳи истифодабарандагон вобаста аст: ҳар қадаре ки сатҳи идоракунии роҳбарият баландтар ҷойгир шуда бошад, ҳамон қадар зинаҳои тайёркунии ҳисобот зиёд гардида, маълумотҳои ҳисоботӣ

ботафсилтар пешниҳод карда мешаванд. Илова ба ҳисоботҳои идоракунии ҷамъбастӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар ширкати тиҷоратии фармасевтӣ вобаста ба зарурат дигар намудҳои ҳисоботи махсусгардонидашуда (ҳисоботи идоракунӣ оид ба таркиби фурӯш, ҳисобот оид ба ҷараёнҳои молҳо, ҳисоббаробаркунии байниҳамдигарӣ ва ғ.) тартиб дода шавад. Ин намуди ҳисоботҳо метавонанд дар ҳар шакле, ки барои идоракунандагон фаҳмо бошад ва маълумоти барои қабули қарорҳои идоракунӣ зарурирo таҷассум намоянд, тартиб дода шавад.

5. Зимни омӯзиши фаъолияти ширкати тиҷоратии фармасевтии ҶДММ «ТБШ», ки дар баробари воридкунӣ ва фурӯши молҳои доруворӣ ба истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ машғул аст, ошкор карда шуд, ки варақаи арзишмуайянкунӣ, ки ҷузъи ҳисобот оид ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда, корҳо ва хизматҳо мебошад, на ҳамаи маълумотҳоро дар бар мегирад. Тавсияҳои методии пешниҳодшуда барои ташаккули иттилооти пурра оид ба арзиши аслии пурраи маҳсулотҳои доруворӣ, беҳтар гаштани сифати ҳисобот дар ширкатҳои фармасевтӣ мусоидат намуда, имконияти қабули қарорҳои фаврӣ ва самаранокро баланд мебардоранд.

6. Ба муҳосиботи ширкатҳои тиҷоратии фармасевтӣ тавсия карда мешавад, ки фаъолияти корхонаро ба бизнес-равандҳо ҷудо намуда, бо мақсади банизомдарории раванди ташаккули иттилоот оид ба истифодабарии захираҳо ва бадастории натиҷаҳо низоми ҳисобҳои мувофиқро, ки муаллиф дар рисола тавсия намудааст, истифода баранд. Ин амал барои устуворгардонии низоми назорат ва идоракунии бизнес-равандҳо мусоидат менамояд.

7. Бо сабабе ки бизнес-равандҳои зикршуда функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд, муайян кардани нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти кори онҳо низ равишҳои методии махсусро талаб карда, интихоби нишондиҳандаҳои муносиби баҳои самаранокӣ барои роҳбарияти корхона кори муҳим мебошад. Арзёбии нишондиҳандаҳои

асосии самаранокии (НАС) бизнес-равандҳо бояд дар асоси методикаи пешниҳодшудаи баҳогузорӣ, ки имкон медиҳанд дарачаи ичрои нишондиҳандаи меъёрӣ ё нақшавии фаъолияти бизнес-раванд муайян гардад, амалӣ карда шавад.

## АДАБИЁТ


[1]. Аверчев И.А. Управленческий учет и отчетность. Постановка и внедрение. М.: Вершина, 2009. – 512 с.

[2]. Адамов Н.А., Чернышев В.Е. Организация управленческого учета в строительстве. Монография / Н.А. Адамов, В.Е. Чернышев. – Спб.: Питер, 2006. –192 с.;

[3]. Алборов Р.А. Бухгалтерский управленческий учет (теория и практика). М.: Дело и Сервис, 2005. – 224 с.

[4]. Ананькина Е.Л. Контроллинг как инструмент управления предприятием / Е.Л.Ананькина, С.В.Данилочкин, Н.Г.Данилочкина. М.: ЮНИТИ, 2002. – 279 с.

[5]. Апазов А.Д. Аптечная сеть два года до массовых банкротств // Фармацевтический вестник. 2001. – № 32. – С.4-5.

[6]. Апазов А.Д. Законодательные и экономические основы формирования цивилизованного фармацевтического рынка / А.Д.Апазов, Т.Г.Кирсанова // Всероссийская конференция. Аптечная сеть России. Новая аптека. 2001. – № 19. – С.9-11.

[7]. Бабарыкин С.В. Возникновение и развитие теории учета затрат в США и Великобритании // Бухгалтерский учет. 1997. – № 3. – С.91-94.

[8]. Баканов М.И. Бухгалтерский учет анализ и аудит / М.И. Баканов, М.Б. Чиркова, В.А. Чернов и др. / под ред. М.И. Баканова. М.: Финансы и статистика, 2002. – 575 с.

[9]. Балабанов И.Т. Анализ и планирование финансов хозяйствующего субъекта. М.: Финансы и статистика, 1998. – 112 с.

[10]. Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ: китоби дарсӣ / П.Ҷ. Орзуев, С.Қ. Шоймардонов, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. – Душанбе: Балоғат, 2019. – 570 с.

[11]. Баришев С.Б. Диагностика управленческого учёта: монография / С.Б. Барышев. – М.: Дашков и К, 2007. – 182 с.

[12]. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) / К.Х. Барфиев // Автореферат дисс. д.э.н. – Бишкек, 2018. – 45 с.
[13]. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность сельскохозяйственного производства и её учетно-аналитические основы: теория, методология, организация (на материалах Республики Таджикистан) 08.00.12 - бухгалтерский учет, статистика. Дисс. д.э.н. г. Бишкек-2019 г. – 274 с.
[14]. Барышев С.Б. Диагностика управленческого учета. Монография / С.Б. Барышев. – М.: Издательство торговая корпорация «Дашкова и К», 2007. – 182 с.;
[15]. Бахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учеб, для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям. 7-е изд. М.: Омега-Л, 2008. – 570 с.
[16]. Бахрушина М.А. Учетная политика в системе управленческого учета / М.А. Бахрушина, Е.Е. Лялькова. М.: Экономист, 2008. – 208 с.
[17]. Безруких П.М., Катаев А.Н., Комиссарова И.П. Учет затрат и калькулирование в промышленности (Вопросы теории, методологии и организации). М.: Финансы и статистика, 1989. – 224 с.
[18]. Битерякова А.М. Контроллинг и финансовый менеджмент в маркетинговой деятельности аптечной службы // Медико-фармацевтический вестник. 1996. – № 7. – С.11-16.
[19]. Битерякова А.М. Формирование финансовых результатов. Учет совокупных и предельных затрат. Приемы максимизации прибыли // Экономический вестник фармации. 1997. – № 1. – С.38-48.
[20]. Бланк И.А. Управление прибылью. К.: Ника-Центр: Эльга, 2002. 752 с.
[21]. Бобиев И.А., Шарипов З.Т. Управленческий учет как система информационного обеспечения экономического анализа предприятиями энергетического комплекса /И.А. Бобиев,

З.Т.Шарипов // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технология. Научный журнал.Москва. – 2018. – №6 –С. 14-18.

[22]. Бобиев, И.А. Таҷрибаи байналмилалии ташаккулёбӣ ва пешниҳоди ҳисоботи сегментӣ дар низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона /И.А.Бобиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021.– №1.– С. 78-86.

[23]. Бобоев М.У. Управленческие аспекты учета в легкой промышленности: научная монография. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 176 с.

[24]. Бобоев М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан/ М.У. Бобоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. - Москва, 2009. – 21 с.

[25]. Божко П. Особенности управленческого учета на российских предприятиях // Финансовый директор. 2003. – № 2. – С.16

[26]. Большой бухгалтерский словарь [Текст] / Под ред. А.Н. Азрилияна. М.: Институт новой экономики, 1999. – 782 с.

[27]. Булгакова С.В. Управленческий учет: проблемы теории. Воронеж: Изд-во Воронеж, гос. университета, 2006. – 160 с.

[28]. Булгакова С.В. Теория, методология и организация системы управленческого учета /С.В.Булгакова // Автореферат диссертации на соискание уч. Ст. д.э.н. по спец. 08.0012 – Бухгалтерский учет, статистика. Мичуринск-наукоград-2009. – 44 с.

[29]. Бурцев В. Использование внутреннего контроля коммерческой организации в государственном и управленческом аудите // Аудит и налогообложение. 2002. – № 2. – С.22-26.

[30]. Бурцев В.В. Внутренний контроль: основные понятия и организация проведения // Менеджмент в России и за рубежом. 2002. – № 4. – С.38-50.

[31]. Бурцев В.В. Система внутреннего финансового контроля коммерческой организации. Статья [Электронный ресурс]. Электрон.дан. URL: www.auditfm.eom/fm/2004/l/fm_2004_ll_rus_06_01_Burcev/fm_2004_ll rus_06_01_Burcev.asp

[32]. Быкова Е.В. Показатели денежного потока в оценке финансовой устойчивости предприятия // Финансы. 2000. – № 2. – С.56-60.

[33]. Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет: Учебник для вузов. 2-е изд., доп. и пер. - М.: ИКФ Омега-Л; Высш. шк., 2002. – 528 с.

[34]. Вахрушина М.А. Учетная политика в системе управленческого учета / М.А. Вахрушина, Е.Е. Лялькова. М.: Экономист, 2008. – 208 с.

[35]. Веркеева Е.В. Методика внутреннего аудита в организациях: монография / Е.В. Веркеева. Йошкар-Ола: Марийский государственный технический университет, 2011. – 228 с.

[36]. Вил Р.В. Управленческий учет / Р.В. Вил, В.Ф. Палий. М.: ИНФРА-М, 1997. – 134 с.

[37]. Волкова О.Н. Управленческий учет: учебник. М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2005. – 472 с.

[38]. Волошин Д.А. Проблемы организации систем управленческого учета на производственных предприятиях // Экономический анализ. Теория и практика. 2007. – № 23. – С.29-35.

[39]. Врублевский Н.Д. Построение системы счетов управленческого учета // Бухгалтерский баланс. 2000. – № 17. – С.63-66.

[40]. Гаррисон Р. Управленческий учет - перспектива // Контроллинг. 1992. – № 3. – С.70-92.

[41]. Гоменюк В. Система внутреннего контроля. Статья [Электронный ресурс]. Электрон.дан. URL: www.rb.ru/blog/1077/showentry=634927

[42]. Гончаренко В.П. Концепция развития здравоохранения и медицинской науки в РФ и вопросы управления лекарственным

обеспечением населения / В.П. Гончаренко, В.П. Падалкин // Фарматека. 1999. – № 1. – С.3-5.

[43]. Гореньков В.Ф. Экономика фармации. М.: "Высшая школа", 1999. – 295 с.

[44]. Горшунова Л.Н. Практика управления ассортиментом аптечного предприятия / Л.Н. Горшунова, И.Н. Тюренков // Экономический вестник фармации. 2001. – № 10. – С.73-84.

[45]. Графова Г.Ф. Критерии и показатели оценки финансово-экономического состояния предприятия // Аудитор. 2003. – №12. – С.47-53.

[46]. Гришин А.В. Комплексная оценка эффективности деятельности аптечного предприятия и подходы к ее совершенствованию: методическое руководство / А.В. Гришин, М.В. Малаховская. Новосибирск: Центр фарм. информации, 2000. – 40 с.

[47]. Дадоматов Д.Н. Харочотҳои трансаксионӣ хамчун объекти баҳисобгирии корхонаҳои азим / Д.Н. Дадоматов, Б.М.Кузибоева // Мачаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» – 2021. – №4(3). – С.184-188;

[48]. Долгов С. Экономическая психология и экономическая информация / С. Долгов // Российский экономический журнал.–1999г. – №1. – с.95;

[49]. Другова З.К. Рейтинговая оценка финансового состояния аптечной организации / З.К. Другова, А.М. Битерякова, Ю.А. Музыра. Томск: НТЛ, – 2004. – 63 с.

[50]. Другова З.К., Битерякова А.М. Система внутреннего контроля и качество управления // Российские аптеки. 2007. – № 2. – С.3-7.

[51]. Друри К. Основы управленческого учета и производственного учета. М.: Аудит, ЮНИТИ. 1998. – 419 с.

[52]. Друри К. Управленческий и производственный учет. Пер. с англ. М: ЮНИТИ, 2005.– 1071 с.

[53]. Евсеенко Л.В. Налоговые "сюрпризы" разоряют государственные аптеки // Фармацевтический вестник. 2003. – № 2. – С. 3-5.

[54]. Ендовицкий Д.А. Комплексный анализ и контроль инвестиционной деятельности: методология и практика / под ред. проф. Л.Т. Гиляровской. М.: Финансы и статистика, 2001. – 400 с.

[55]. Жарикова Л.А. Управленческий учет: учеб, пособие. Тамбов: Изд-во Тамб^ гос. техн. ун-та, 2004. – 136 с.

[56]. Закирова, А.Р. Концепция развития и методология организации управленческого учета в сельском хозяйстве. Казань: Центр инновационных технологий, 2011. – 258 с.

[57]. Закирова, А.Р. Развитие методики управленческого учета в свекловодческих организациях / Г.С. Клычова, А.Р. Закирова, А.Р. Зиятдинова. Казань: Центр инновационных технологий, 2010. – 197 с.

[58]. Закирова, А.Р. Развитие учета затрат в системе внутреннего управления сельскохозяйственной организацией / К.М. Г арифуллин, Г .С. Клычова, А.Р. Закирова. Казань: Центр инновационных технологий, 2010. – 307 с.

[59]. Зимакова, Л.А. Создание интегрированной системы финансового и налогового учета на российских предприятиях [Текст] / Л.А. Зимакова, В.И. Болтенков // Научные ведомости БелГУ. – 2009. – № 2. – С. 74-80.

[60]. Иванов В.В. Формирование системы управленческого учета на основе процессных методов управления компанией / В.В. Иванов, П.В. Богаченко, О.К. Хан // Управленческий учет. – 2006. –№1. – С.4-16.

[61]. Иванов В.В., Богаченко П.В., Хан О.К. Формирование системы управленческого учета на основе процессных методов управления компанией // Управленческий учет. 2006. – №1. – С. 4-16.

[62]. Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник. – М.: Магистр, 2010. – 574 с.

[63]. Ивашкевич В.Б. Калькулирование себестоимости продукции в отраслях промышленности. Казань: Изд-во КГФИ, 1974. – 150 с.
[64]. Ильина О.П. Информационные технологии бухгалтерского учета. СПб.: Питер, 2001.– 688 с.
[65]. Исраилов М.И., Мелисова С.А. Учет, анализ и контроль бухгалтерских рисков и достоверность финансовой отчетности. Монография. – Б.: MAXPRINT 2020. – 220 с.
[66]. Каверина О.Д. Управленческий учет; системы, методы, процедуры / О.Д. Каверина. -М.: Финансы и статистика, 2008. – 352 с.
[67]. Кадыров Ф.Н. Экономическая служба лечебно-профилактических учреждений. М.: ГРАНТЪ, 2000. – 800 с.
[68]. Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета / М.В. Калемуллоев // Автореферат диссертации … кандидата экономических наук. – Москва., 1999. –23 с.
[69]. Канакина Т.А. Оценка эффективности использования ресурсов аптечными предприятиями / Т.А. Канакина, Ю.А. Музыра, М.В. Малаховская, М.В. Лабутина // Новая аптека. 2002. – № 12. – С.28-34.
[70]. Кандинская О.А. Управление финансовыми рисками: Поиск оптимальной стратегии. М.: Консалтбанкир, 2000. – 569 с.
[71]. Каплан Р., Нортон Д. Сбалансированная система показателей. От стратегии к действию. 2-е изд., испр. и доп. / пер. с англ. М.: ЗАО "Олимп- Бизнес", 2003. – 320 с.
[72]. Карелин А. Управленческая отчетность – информационный источник управления // Медиопартал о безопасности "Хранитель" - IQBGroup, журнал "Охранная деятельность", статья [Электронный ресурс]. Элек- трон.дан. URL: www.psj.ru/saver_people/detail.php?ID=9451

[73]. Каримов Б.Ҳ. Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ. Васоити таълимӣ / Б.Ҳ. Каримов ва диг. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 440 с.
[74]. Каримов Б.Ҳ. Таҳлили раванди ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Ҳ.Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – № 3 (42). – С. 23-34.
[75]. Карминский А.М. Контроллинг в бизнесе. Методологические и практические основы построения контроллинга в организациях / А.М. Карминский, Н.И. Оленев, А.Г. Примак, С.Г. Фалько. 2-е изд. М.: Финансы и статистика, 2002. – 256 с.
[76]. Карпова Т.П. Управленческий учет: учеб. для вузов. 2-е изд., перераб. и доп. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. – 351 с.
[77]. Касьянова Г.Ю., Колесников С.Н. Управленческий учет по формуле "три в одном". М.: Статус-Кво 97, 1999. – 328 с.
[78]. Керимов В.Э. Концепция управленческого учета на современном этапе развития экономики / В.Э. Керимов, П.В. Селиванов, Е.В. Минина // Менеджмент в России и за рубежом. 2001. – № 4. – С.134-142.
[79]. Керимов В.Э. Стратегический учет: учеб, пособие для студентов, обучающихся по специальностям: "Финансы и кредит", "Бухгалтерский учет, анализ и аудит". М.: Омега-Л, 2005. – 168 с.
[80]. Керимов В.Э. Учет затрат, калькулирование и бюджетирование в отдельных отраслях производственной сферы. М.: Издательско-торговая корпорация "Дашков и Ко ", 2005. – 484 с.
[81]. Керимов В.Э., Иванова Е.В., Сухов Р.А. Управленческий учет на предприятиях розничной торговли потребительской кооперации: учебное пособие / под ред. В.Э. Керимова. М.: Издательство Экзамен , 2002. –160 с.
[82]. Керимов, В.Э. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. [Текст] / В.Э. Керимов / 5-е изд., изм. и доп. - М.: Дашков и К, 2009. – 477 с.

[83]. Климова Г.Н. Формирование товарных запасов на условиях коммерческого кредита // Экономический вестник фармации. 2002. – № 5. – С. 8-9.
[84]. Ковалев А.И. Анализ финансового состояния предприятия / А.И. Ковалев, В.П. Привалов. 5-е изд., перераб. и доп. М.: Центр экономики и маркетинга, 2001. – 256 с.
[85]. Кожинов В.Я. Оценка качества управления предприятием по прибыльности хозяйственных действий // Финансовый бизнес. 2001. –№ 9. – С.29-37.
[86]. Козенкова Т.А. Принципы и ограничения налогового планирования // Налоговое планирование. 2001. – № 4. – С.20-31.
[87]. Козин Е.Б. Бухгалтерский управленческий учет на пищевых предприятиях / Е.Б. Козин, Т.А. Козина. М.: Колос, 2000. – 224 с.
[88]. Колесников, С.И., Фарненкова, Н.А. Из истории становления и развития управленческого учета в торговле [Текст] / С.И. Колесников, Н.А. Фарненкова // Все для бухгалтера. – 2008. – № 4 (220). – С. 24-27.
[89]. Комаров В .В. Развитие систем внутреннего контроля в торговых фармацевтических компаниях: автореф. дис. ... канд. экон. наук. Москва, 2008.
[90]. Кондраков Н.П. Иванова М.А. Бухгалтерский управленческий учет: учебн. пособие. М.: ИНФРА-М, 2008. – 368 с.
[91]. Кондратова И.Г. Основы управленческого учета. М.: Финансы и статистика, 1998. – 144 с.
[92]. Кононова С.В. Факторы риска фармацевтического рынка // Экономический вестник фармации. 2002. – № 2. – С.13-17.
[93]. Кононова С.В. Фармацевтические услуги, формирование рынка / С.В. Кононова, Г.А. Олейник //Новая аптека. 2003. – № 6. – С.25-31.
[94]. Крейнина М.Н. Финансовое состояние предприятия. Методы оценки. М.: ИКЦ "ДИС", 1997. – 224 с.

[95]. Кротов Ф.М. Учет доходов и расходов по упрощенной системе налогообложения // Экономический вестник фармации. 2003. – № 3. –С.38-40.
[96]. Кузубова Ж.Л. Конкуренция как экономическая категория мышления руководителей фармацевтических организаций // Новая аптека. 2002.– № 8. – С.41-45.
[97]. Кукукина И.Г. Управленческий учет: учеб, пособие. М.: Финансы и статистика, 2004. – 400 с.
[98]. Кулик В.В. Методические подходы к анализу финансово-хозяйственной деятельности аптечного учреждения / В.В. Кулик, Т.И. Кабакова, А.Г. Нагорнова // Новая аптека. 2001. – № 12. – С. 11-12.
[99]. Кутер М.И. Теория бухгалтерского учета: учебник. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Финансы и статистика, 2003. – 640 с.
[100]. Ластовецкий В.Е. Учет затрат по факторам производства и центрам ответственности. М.: Финансы и статистика, 1988. – 168 с.
[101]. Лидер М.Б. Конкурентоспособность аптечной организации: оценка, анализ, пути повышения / М.Б. Лидер, Ю.А. Музыра. Томск: СибГМУ, – 2004. – 36 с.
[102]. Лоскутова Е.Е. Конкурентоспособность аптечного предприятия // Новая аптека. 2002. – № 6. – С.17-18.
[103]. Лукьянова В.М. Цель реорганизации - выжить // Фармацевтический вестник. 2003. – № 2. – С.8-9.
[104]. Майер Э. Контроллинг как система мышления и управления. М.: Финансы и статистика, 1993. – 96 с.
[105]. Максимкина Е.А. Анализ финансово-хозяйственной деятельности аптечного предприятия // Здравоохранение. 1998. – № 7. – С.177-182.
[106]. Максимкина Е.А. Баженов А.В. Взаимодействие фармацевтических торговых организаций оптового и розничного звена в условиях конкурентной среды // Экономический вестник фармации. 2002. – №5. – С.51-57.

[107]. Максимкина Е.А. Конкурентоспособность фармацевтической организации в условиях рынка / Е.А. Максимкина, Е.Е. Лоскутова, В.В. Дорофеева. М.: МЦФЭР, – 1999. – 256 с.
[108]. Максимкина Е.А. Направления мониторинга финансово-экономической деятельности аптечной организации // Ремедиум. 1999. – № 6. – С.54-57.
[109]. Максимкина Е.А., Чукреева Н.В. Управление качеством процесса приемки лекарственных препаратов в каналах распределения // Фармация. 2011. – №1. – С.21-24.
[110]. Маргулис А.Ш. Калькулирование себестоимости продукции в промышленности / под ред. А.Ш. Маргулиса. М.: Финансы, 1980. – 287 с.
[111]. Медведева Е.А. Развитие управленческого учета по бизнес-процессам и стадиям жизненного цикла продукции / Е.А.Медведева // дисс. к.э.н. по. спец. 0800.12 – бухгалтерский учет, статистика. Ставрополь, 2022, – 256 с.
[112]. Мелентьева С.Э. Списание с учета товаров аптечного ассортимента с истекшим сроком годности // Новая аптека: нормативные документы. 2010. – №7. – С.3-5.
[113]. Мирзоев А.И. Становление и развитие фармацевтического рынка Таджикистана и факторы, его определяющее. [Электронный ресурс].https://www.google.com/cyberleninka.ru. дата обрашения:15.02.2024
[114]. Морозова Э.Г. Аттестация руководителей аптечных организаций: комплексная оценка эффективности системы управления: учебное пособие / Э.Г. Морозова, Ю.А. Музыра. М.: Феникс, 2006. – 160 с.
[115]. Мочалов А.В. Взаимосвязь показателей экономической эффективности факторов производства (оценка влияния производительности труда на рентабельность капитала) // Экономический анализ: теория и практика. 2005. – №9. – С.19-26.

[116]. Музыра Ю.А. Оценка показателей экономической эффективности аптечных предприятий / Ю.А. Музыра, Т.А. Канакина // Фармация. 2008. – №6. – С.34-37.
[117]. Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ. Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.05. 2011, №41.
[118]. Наумова Н.А. Некоторые вопросы повышения рентабельности аптек в условиях дефицита собственных оборотных средств // Человек и лекарство: тез. докл. 7 Рос. нац. конгр. 10-14 апр. 2000 г. М., – 2000. – С.587.
[119]. Наумова Н.А. Практическая значимость существующих методик анализа финансово-хозяйственной деятельности аптечных предприятий // Человек и лекарство: тез. докл. 10 Рос. нац. конгр. 7-11 апр. 2003 г. М., 2003. – С.46.
[120]. Наумова Н.А. Сравнительный анализ финансово-хозяйственной деятельности аптечных организаций различных форм собственности г. Волгограда // Человек и здоровье: тез. докл. 3 научно-практ. конф. 2324 сентября. 2004 г. Астрахань, 2004. – С.130-131.
[121]. Наумова Н.А. Финансовое состояние аптечных организаций различных форм собственности Волгоградского региона / Н.А. Наумова, А.В. Сучков, И.Н. Тюренков // Человек и лекарство: тез. докл. 10 Рос. нац. конгр. 7-11 апр. 2003 г. М., – 2003. – С. 46.
[122]. Негашев Е.В. Анализ финансов предприятия в условиях рынка. М.: Высшая школа, 1997. – 327 с.
[123]. Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [Текст]: монография/ С.Ф. Низомов - Душанбе: «Сохибкор», 2013. – 272с.
[124]. Низомов С.Ф. Формирование элементов управленческого контроля в системе управленческого учета / С.Ф. Низомов, Хушвахтзода К.Х.

// Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. –2020. – №3(30). – С.206-210.
[125]. Низомов С.Ф., Бобиев, И.А. Асосҳои консептуалии ташаккули ҳисоботи сегментӣ дар холдингҳои саноатӣ /С.Ф. Низомов, И.А.Бобиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021.– №8.– С. 68-76.
[126]. Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: «Ирфон», 2017. – 324 с.
[127]. Низомов С.Ф., Файзуллоев А.Х. Совершенствование методики учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в растениеводстве / С.Ф.Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского националного университета (Серия социально-экономических наук) Издательский центр ТНУ – 2020 – № 7. – С. 98-103.
[128]. Низомов, С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан) [Текст] / Дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. –Москва, 2011. – 360 с.
[129]. Николаева А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система "ди- рект‑костинг": теория и практика. М.: Финансы и статистика, 1993. – 128 с.
[130]. Николаева О.Е. Управленческий учет: система сбалансированных показателей / О.Е. Николаева, О.В. Алексеева // Бухгалтерский учет. 2000. – №9. – С.46-47.
[131]. Николаева О.Е. Управленческий учет: учеб, пособие / О.Е. Николаева, Т.В. Шишкова. М.: Изд-во УРСС, 1997. – 368 с.
[132]. Николаева С.А. Принципы формирования и калькулирования себестоимости. М.: Аналитика-пресс, 1997. – 144 с.
[133]. Николаева С.А., Шебек С.В. Управленческий учет. Легенды и мифы. М.: Аудиторско-консалтинговая фирма "ЦБА", 2004. – 288 с.

[134]. Орехов Н. Нужен ли аптеке управленческий учет? // Российские аптеки. 2003. –№ 7. – С.79-81.
[135]. Падалкин В.П. Аптечная сеть России: проблемы и возможные пути реформирования // Экономический вестник фармации. 2001. –№ 9.– С. 15-21.
[136]. Палий В.В. Счета управленческого учета / В.В. Палий, В.Ф. Палий // Бухгалтерский учет. 2001. –№ 7. –С.72-78.
